**ДОНИШГОҲИ ДАВЛАТИИ КӮЛОБ**
**БА НОМИ АБУАБДУЛЛОҲИ РӮДАКӢ**

*Ба ҳуқуқи дастнавис*

**УДК: 891.550 (092)**
**ББК 83.3 (2 тоҷик)**
**М-65**

**МИРЗОЕВА МАҲТОВБӢ МУСТАФОЕВНА**

# РӮЗГОР ВА ОСОРИ ҒОИБ САФАРЗОДА

Диссертатсия
барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илми филология аз рӯйи ихтисоси
10.01.04 – Таърихи адабиёт, равобити адабӣ

Роҳбари илмӣ: доктори илми филология, профессор, сарходими шуъбаи адабиёти муосири Институти забон ва адабиёти ба номи Рӯдакии Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон
**Раҳмонов Шоҳзамон Абдуқодирович**

**Душанбе – 2023**

**Мундарича**

**МУҚАДДИМА**........ 3-7
**ТАВСИФИ УМУМИИ ТАҲҚИҚ** ........ 8-12
**БОБИ I. ШАРҲИ ҲОЛ, ФАЪОЛИЯТИ ЭҶОДӢ ВА МЕРОСИ АДАБИИ ҒОИБ САФАРЗОДА** ........ 13-76
1.1. Зиндагиномаи шоир ва заминаҳои ташаккулёбии шахсияти ӯ........ 13-25
1.1.1. Равобити адабию маънавии адибони рӯзгори шоир ........ 25-32
1.2. Фаъолияти публитсистӣ ва тарҷумонии Ғоиб Сафарзода........ 33-53
1.2.1. Назари адибону мунаққидон ба дастовардҳои шоир ва натиҷаи фаъолияти гуногунҷабҳаи вай........ 53-61
1.3. Осори таълифии шоир ва таснифи жанрии онҳо ........ 62-76
**БОБИ II. МУҲТАВОИ АШЪОРИ ҒОИБ САФАРЗОДА** ........ 77-117
2.1. Тавсифи мавзуъҳои меҳварии ашъори шоир........ 77-78
2.2. Васфи модар ва гиромидошти вай дар ашъори шоир ........ 79-89
2.3. Тараннуми ватан ва дӯст доштани он дар ашъори шоир........ 90-100
2.4. Тасвири баҳору Наврӯз ва табиати диёр дар ашъори шоир ........ 101-107
2.5. Бозтоби масоили иҷтимоӣ дар ашъори шоир ........ 108-117
**БОБИ III. ҲУНАРИ ШОИРИИ ҒОИБ САФАРЗОДА**........ 118-160
3.1. Корбурди ҳунармандонаи вазн дар ашъори шоир........ 118-129
3.2. Ҳунари қофияоройии шоир........ 130-133
3.3. Нақши радиф дар ашъори шоир ........ 134-137
3.4. Ҷойгоҳи санъатҳои бадеӣ дар ашъори Ғоиб Сафарзода........ 138-155
3.4.1. Санъатҳои маънавӣ........ 138-146
3.4.2. Санъатҳои лафзӣ........ 146-155
3.5. Забон ва сабки нигориши шоир ........ 156-160
**ХУЛОСА**........ 161-166
**ТАВСИЯҲО ОИД БА ИСТИФОДАИ АМАЛИИ НАТИҶАҲОИ ТАҲҚИҚ**........ 167-170
**РӮЙХАТИ АДАБИЁТ** ........ 171-180
**НАШРИ ТАЪЛИФОТИ ИЛМӢ ДАР МАВЗУИ ДИССЕРТАТСИЯ** ........ 181-182

# МУҚАДДИМА

**Мубрамии мавзуи таҳқиқот.** Аксари пажуҳандагони адабиёт бар ин назаранд, ки шеъри муосири тоҷик аз охири солҳои 50-ум ва ибтидои солҳои 60-уми асри гузашта ба таҳаввулоти амиқе рӯ ба рӯ шуд. Ин дигаргуниҳои чашмрас дар анвои мухталифи шеър, махсусан мазмуну мундариҷаи он бо диду биниши шоирона ва ҷанбаҳои эстетикии суханофаринӣ сурат гирифтааст. Маълум аст, ки навҷӯиву тозапардозӣ яке аз хусусиятҳои ҷомеаи инсонист ва агар ин падида намебуд, дар дунё ҳеҷ пешрафту такомуле ҳам сурат намегирифт. Аҳли ҳунару фарҳанг, махсусан, адибони тоҷик дар тули рӯзгор ҳамвора саъй кардаанд то тозагие дар сабки кору шеваи офариниши хеш эҷод кунанд.

Танҳо як нигоҳи кӯтоҳ ба таърихи адабиёти муосири тоҷик нишон медиҳад, ки чунин кӯшишу талошҳое аз тарафи шоирони машҳури адабиёт дар даҳаҳои аввалини қарни XX ва баъдан, солҳои 20-уму 30-юм ба амал омадааст. Албатта, тағйироту дигаргуниҳое, ки бо ҳиммату заҳмати намояндагони насли аввали адибони тоҷик дар пайкари шеъри муосир ба зуҳур расид, тадриҷан шеъри тоҷик давра ба давра наву тоза шудан гирифт. Минбаъд низ чунин кӯшишҳои наву тоза таҳти таъсири шеъри рус ва тарҷумаҳое, ки аз забони русӣ ба тоҷикӣ сурат мегирифтанд, ба миён омаданд.

Ин таҳаввули чашмгир дар шеъри муосири тоҷик сабабҳои зиёде дошт. Заминаи нахустини ин дигаргуниҳои сифатӣ, ба андешаи мо, ба майдони адабиёт ворид гардидани насли нави адибон буд, ки тафаккур ва ҷаҳонбинии онҳо дар қиёс бо насли пешин фарққунанда буд.

Нахустин ибтикороти ин насл иборат аз он буд, ки шеъри тоҷикро ба асолати азалиаш бозгардонанд ва дар заминаи суннату анъаноти пешиниён таҷаддудгароёна амал намуда, пайванде миёни шеъри тоҷик ва ҷаҳон эҷод кунанд. Заминаи дигаре, ки дар ин таҳаввул таъсиргузорӣ кардааст, ин ошноӣ бо шеъри ҳамзабонон ва осори чеҳраҳои шинохтаи онон арзёбӣ мешавад.

Шеъри ин давраинаи тоҷик бо шоироне мисли Муъмин Қаноат, Ғаффор Мирзо, Лоиқ Шералӣ, Бозор Собир, Ҳабибулло Файзулло, Гулназар, Гулрухсор ва Ғоиб Сафарзода ба маҷрои нав ва сарзаминҳои тозаи маънавӣ ворид гардид, ки он дар адабиётшиносии тоҷик бо истилоҳи «шеъри нав» ёд мешавад.

Атрофи навҷӯиҳо ва падидаҳои тозаи шеъри муосири тоҷик таҳқиқоти фаровон анҷом пазируфтаву шебу фарози он мавриди таҳлил қарор гирифтааст. Аз ин рӯ, мо тасмим гирифтем, ки мавзуи рисолаи мазкурро ба таҳқиқу пажуҳиши мероси адабии шоири сухансарои тоҷик Ғоиб Сафарзода ихтисос диҳем.

Шоир Ғоиб Сафарзода бо такопӯю ҷустуҷӯ, завқи баланди эҷодӣ, бо навовариҳо дар эҷод намудани ашъор ва ҳам дар кори тарҷумонию рӯзноманигорӣ, дар худшиносӣ ва тақдири миллату меҳан, дар одамият ва дӯстиву рафоқат дар тӯли беш як даҳсолаи фаъолияти эҷодӣ ва умри кӯтоҳи худ ба мартабаҳои баланди эҷодӣ расид, умедворон, устодону дӯстон, наздикону пайвандон дар баҳо додан ба шахсияти ӯ, қаламу истеъдодаш хато накардаанд.

Донишмандони суханшинос бар ин назаранд, ки нақши Ғоиб Сафарзода дар тарҷумаи ашъори шоирони ҷумҳуриҳои собиқ Шуравӣ ва адибони олам ниҳоят барҷаста аст. Аслан, ашъори шоирони рус ва ашъори аз адибони дигари ҷаҳон, ки аз русӣ ба тоҷикӣ тарҷума шудааанд, хеле зиёд мебошанд. Вале тарҷумаи беҳтарин на ҳамеша насиби ҳар шоир мегардад. Таъкид шудааст, ки тарҷумаҳои Ғоиб шоҳиди маҳорати баланди ӯянд. Номбурда аз эҷодиёти шоирони рус Н.А. Некрасов, Н. Тихонов, Ярослав Смеляков, А. Сурков, («Хайрбод»), шоирони озар Набӣ Хазрӣ (силсилаи шеърҳо), Мамад Раҳим, Сулаймон Рустам, шоирони арман Сайёди Наво (силсилаи шеърҳо) ва Ованес Шероз, шоирони белорус Петрус Бровка ва Нил Гилевич, шоираи украин Светлана Йовенко, шоирони балқар Қайсин Қулиев ва Максим Геттуев, шоири гурҷӣ Николоз Бараташвили, шоири қазоқ Музаффар Олимбоев, Евгениюс Матузявичюси литвонӣ, шоирони

ӯзбек Уйғун ва Охунҷон Ҳакимов шеърҳои зиёдеро ба забони тоҷикӣ моҳирона тарҷума кардааст.

Тарҷумаи шеърҳои шоирони англис Байрон ва Шелли (силсилаи шеърҳо), шоири Ҳинд Ҳориваншрай Бачан, шоири Миср Маҳмуд аш-Шунабӣ, шоири Ироқ Аббос Умар, шоири Сенегал Давид Диоп низ ба қалами ин шоири тавоно тааллуқ дорад.

Бо назардошти ин ки хусусиятҳои ғоявию бадеӣ, ҷанбаҳои зебошинохтии ашъор, сабку услуб ва ҳунари шоирӣ, заминаҳои камолу боландагии Ғоиб Сафарзода ҳамчун шоир ва суханвар, то ҳанӯз ҷиддан мавриди таваҷҷуҳи адабиётшиносон ва баррасии илмӣ қарор нагирифтааст, таълифи пажуҳиши алоҳида ва нишон додани ҷойгоҳи ӯ дар адабиёти муосири тоҷик, ба суди илми адабиётшиносии тоҷик хоҳад буд.

**Дараҷаи таҳқиқи мавзуи илмӣ.** Раванди эҷодӣ ва шеваи камолу пешрафти ҳар адиб замоне таъйину муайян мегардад, ки роҳи эҷодиаш аз оғоз зина ба зина мавриди таҳқиқу арзёбӣ қарор гирад. Гуфтан бамаврид аст, ки аксар шоирони муосири тоҷик, ки дертар дар суханварӣ ва камолоти эҷодӣ ба дараҷаи устодӣ расида буданд, ҳанӯз дар даврони наврасӣ шеъру шеъргунаҳои шогирдона гуфта, онҳоро ба модар, меҳан, ба маҳбубу шахсиятҳои наздик бахшидаанд. Ба ин тариқ, Ғоиб Сафарзода ба шеъргӯйӣ пардохта, аввалин шеърҳояшро дар замони донишҷӯйӣ (солҳои 1958-1962 дар нашрияи Донишкадаи омӯзгории Душанбе ба номи Т.Г. Шевченко (ҳоло Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи С. Айнӣ) – «Педагоги ҷавон» ва матбуоти даврӣ ба табъ расондааст. Маҳз дар ҳамин солҳо маҳсули қалами шоири ҷавон дар саҳифаҳои матбуоти марказӣ, аз ҷумла, дар нашрияҳои бонуфузи «Комсомоли Тоҷикистон», «Маориф ва маданият», «Тоҷикистони советӣ» («Ҷумҳурият»), маҷаллаҳои «Шарқи сурх», «Занони Тоҷикистон» пайваста чоп ва манзури хонандагону суханшиносон мегардиданд.

Адабиётшинос Б. Насриддинов аз нахустин муҳаққиқонест, ки ба ашъори шоири ҷавону боистеъдод Ғоиб Сафарзода, ки ҳанӯз 19 сол дошт, нақд навиштааст. Мавсуф дар мақолаи «Нахлҳои умедбахш» аз

ҷумла андешаашро чунин иброз кардааст: «Ғоиб Сафаров, ки нав қалам ба даст гирифтааст, аз қадамҳои аввалин истеъдоди хуб доштани худро исбот намуд. Яке аз хислатҳои хуби Ғоиб Сафаров дар он аст, ки аз пайи мавзуъҳои умумӣ ва забонзада нарафта, лаҳзаҳои конкретиро ҷустуҷӯ мекунад» [23, с. 9]. Баъдан, мунаққидону адабиётшиносоне, мисли Муҳаммадҷон Шакурӣ дар мақолаи «Сухан аз лирика ва мазмуни ҳаётии он» ва Соҳиб Табаров низ дар мақолаи «Меҳнат ва ҷустуҷӯ асоси самари эҷодист» ба истеъдоди хуб доштани Ғоиб Сафарзода дар сароғози роҳи эҷодии ӯ ишораҳо кардаанд.

Шеърҳои Ғоиб Сафарзода ҳарчанд дар матбуоти даврӣ тез-тез ба табъ мерасиданд ва ӯ миёни адибону суханшиносон, дӯстдорони назм ҳамчун шоир шинохта мешуд, вале шоир аз серталабӣ нисбат ба эҷодиёти хеш ва хоксорӣ ба чопи маҷмуаи ашъораш шитоб намекард. Дар муаррифии Ғоиб Сафарзода ҳамчун шоири ҷавону боистеъдод пешгуфтори Мирсаид Миршакар, ки барои маҷмуаи аввалини шоир «Корвони орзу», ки соли 1969 ба нашр расид, ниҳоят арзишманд аст. Бо ин сарсухан М. Миршакар гӯё ба шоир номаи эътироф дод. Дар сарсухан омадааст: «Муаллифи ин гулчин Ғоиб Сафарзода ҳам яке аз сухансароёни ҷавонест, ки дар муддати каме тавонистааст номи худро дар зеҳни аҳли завқу эҳсос ҷой дода, сазовори номи шоир гардад» [19, с. 5].

Ба андешаи мо, дар адабиётшиносии тоҷик аввалин суханшиносе, ки дар мавриди бозёфт ва бурду бохти эҷодии Ғоиб Сафарзода нисбатан мукаммал сухан гуфтааст, адабиётшинос Соҳиб Табаров мебошад. Мавсуф дар «Сурудаҳои вопасин» ном мақолааш, ки ба мазмуну мундариҷа, услуб, банду баст ва санъати сухани шеърҳои маҷмуаи дувум ва баъдимаргии шоир «Ошёни офтоб» (1972) бахшида шудааст, моҳи декабри соли 1972 чунин изҳори ақида кардааст: «Шеърҳои маҷмуаи «Ошёни офтоб»-и Ғоиб Сафарзода аз ҷиҳати сохт ва бандубаст хеле кӯтоҳ ва аз ҷиҳати баёни фикр ва изҳори ақидаи иҷтимоӣ ва эстетикӣ санъаткорона ва пурмазмуну сермаъно навишта шудаанд. Ӯ дар қисме аз

шеърҳояш чун бисёр саромадони ашъори лирикии форсу тоҷик дар ҳар байт як фикри том ва бутунро баён менамояд, ки ин хусусияти услубӣ бори дигар ҳампайвандии ашъори шоирро бо назми Рӯдакӣ, Саъдӣ, Ҳофиз ва ё Лоҳутию Турсунзода ва дигарон исбот менамояд…» [113, с. 202].

Маҳорату истеъдоди баланди шоир, шеъри пурмазмуну навоҳанг тавонист Ғоиб Сафарзодаи ҷавонро дар андак муддат шуҳрат бидиҳад ва суханварӣ биомӯзад.

Шуҳрати шоирӣ ва маҳсули эҷодии Ғоиб Сафарзода таваҷҷуҳи донишмандони мазбурро ҷалб кардааст ва эшонро ба таълифи мақолаву сарсухану гузоришҳои илмӣ-танқидӣ водор намудааст, аммо ҳеҷ кадоми онҳо дар таълифоташон рӯзгору осори адабии шоирро ба таври куллӣ матраҳ накардаанд. Бинобар ин, кори диссертатсионӣ ҳозир кӯшишҳо барои ҳалли ҳамаҷонибаи мавзуи мавриди назар ва дастнахӯрдаи адабиётшиносии тоҷик равона шудааст.

**Робитаи таҳқиқ бо барнома, лоиҳа ва мавзуъҳои илмӣ**. Диссертатсия дар асоси барномаҳои илмии ба нақша гирифтаи кафедраи адабиёти тоҷики Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ барои солҳои 2014-2021 омода шудааст.

## ТАВСИФИ УМУМИИ ТАҲҚИҚОТ

**Мақсади таҳқиқот.** Мақсади меҳварии таълифи диссертатсияро пажуҳиши масъалаҳои ҳаёт ва эҷодиёти Ғоиб Сафарзода, ҳунари шоирӣ, бадеият, анвои адабӣ, шаклу муҳтавои каломи шоир, нақш ва ҷойгоҳи вай дар ташаккул ва таҳаввули шеъри солҳои 60-70-и садаи XX ва монанди инҳо ташкил кардааст.

**Вазифаҳои таҳқиқот.** Барои расидан ба ҳадафи фавқ ҳалли масоили зерин айни муддао дониста шуд:

– дар асоси маъхазҳои адабӣ, осори таҳқиқӣ ва сарчашмаҳои таърихӣ ба риштаи таҳқиқ кашидани зиндагинома, мероси адабӣ ва фаъолиятҳои адабии Ғоиб Сафарзода;

– омӯзиш ва баррасии ҳамаҷонибаи муҳтавои осори адабии шоир бо назардошти сунату навгӯиҳои адабиёти муосири тоҷик, ба вижа назми солҳои 60-70-уми садаи XX;

– ба таҳқиқ гирифтани ҳунари шоирии Ғоиб Сафарзода дар асоси меъёрҳои сухансанҷии классикӣ ва муосир;

– мушаххас намудани вижагиҳои забонӣ ва сабкии ашъори шоир дар робита ба тамоюлоти сохторию адабии замони адиб;

**Объекти таҳқиқот**. Махсусиятҳои назми солҳои 60-70-уми садаи XX, дар мисоли рӯзгор ва осори адабии Ғоиб Сафарзода.

**Мавзуи таҳқиқот**. Рӯзгор ва осори адабии Ғоиб Сафарзода.

**Асосҳои назариявии таҳқиқот.** Дар ҷараёни таҳқиқ аз дастурҳои илмӣ, дастовардҳои илмӣ ва афкори назарии олимону пажуҳишгарони ватанию хориҷӣ, мисли В. М. Жирмунский, И.С. Брагинский, Э. Браун, Я. Рипка, Парвиз Нотили Хонларӣ, А. Мирзоев, Х. Мирзозода, С. Табаров, М. Шукуров, А. Маниёзов, Х. Асозода, Х.Шарифзода, Баҳром Сирус, Р. Мусулмониён, Юсуф Акбарзода, Ш.Раҳмонов, У.Тоиров, А. Кӯчаров, А. Маҳмадаминов, М. Хоҷаева, М.Нарзиқул, И. Икромов ва дигарон истифода гардидааст.

**Асосҳои методологии таҳқиқот.** Диссертатсия бар пояи усулҳо ва методҳои маъмулу мувофиқи адабиётшиносӣ таълиф ёфтааст. Аз ҷумлаи онҳо методи таърихӣ, таърихӣ-муқоисавӣ, шинохти жанрҳои адабӣ, шарҳи осори адабӣ, омор мебошад, ки дар ҳаллу фасли масъалаҳои ба диссертатсия ворид шуда мусоидат кардаанд.

**Пойгоҳи таҳқиқот.** Диссертатсия дар асоси маводи матбуи шоир, аз ҷумла «Корвони орзу» (1969), «Ошёни офтоб» (1972), «Мероси ҷавонӣ» (1978), «Ҷавонӣ» (1986), «Мунтахабот» (2003), «Мунтахабот» (Китоби 2, 2011), «Чашмаи меҳр» (Мунтахабот, 2015) ҳамчунин, маводи Китобхонаи вилоятии ба номи Садриддин Айнии шаҳри Кӯлоб, Китобхонаи ДДК ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ, Хона-музейи Ғоиб Сафарзода воқеъ дар н. Восеъ ва ғайра таълиф гардидааст.

Ҳангоми таҳқиқу баррасии мавзуъ аз равобити илмҳои адабиётшиносӣ – таърихи адабиёт, назарияи адабиёт, нақди адабӣ, назмшиносӣ, матншиносӣ, сабкшиносӣ, сарчашмашиносӣ истифода шуда, осори дар ин замина рӯйи кор омада низ мавриди корбурд қарор гирифтааст.

**Навгониҳои илмии таҳқиқ.** Як ҷанбаи нишондиҳандаи тозагии рисола ин аст, ки нахустин бор ашъори яке аз чеҳраҳои дурахшони шеъри муосири тоҷик Ғоиб Сафарзода мавриди таҳқиқ ва баррасии алоҳида қарор мегирад. Дар рисола ба ҷанбаҳои тозаи ҳунарӣ, муҳтавои эҷодиёт, тозакориҳои адабии шоир таъкид шудааст. Ҳамзамон мазмуну мундариҷаи мероси адиб, махсусан жанрҳои шеърӣ ва ҷанбаҳои зебошинохтии ашъор, нақши зиндагинома ва таҳлили эҷодиёти ӯ бори нахуст ба таври мушаххасу дақиқ мавриди таҳлилу арзёбии амиқ қарор мегирад.

**Нуктаҳои ба ҳимоя пешниҳодшаванда:**

1. Адабиёти муосир ҷузъи ҷудонопазири адабиёти ҳазорсолаи тоҷик ба шумор меравад. Дар он тадовуми анъана ва навоварию таҳаввулоти ба ҳаёти замон вобаста назаррас мебошад. Яке аз муваффақиятҳои адабиёти муосир дар солҳои 60-70 садаи гузашта аз он иборат аст, ки зумрае аз

адибони соҳибистеъдод ба шеъру шоирӣ пардохта, набзи каломи мавзунро дар партави анаъанаҳои кӯҳан бо мазомини ҷадид ва ғояҳои миллию озодихоҳӣ ба таҳрик овbooарданд.

2. Яке аз дастандаркорони ин таҳаввулоти адабӣ шоири боистеъдод, тарҷумони моҳир ва рӯзноманигори варзида Ғоиб Сафарзода ба ҳисоб меравад.

3. Зиндагии шоир байни солҳои 1940-1972 сипарӣ гаштааст. Он ҳамагӣ 32 сол мебошад. Аммо вай дар ин муддати кӯтоҳ тавонист, ки бо фаъолияти пурмаҳсулаш чун шоири рангинхаёлу нововару боистеъдод шинохта шавад.

4. Мероси адабии шоирро ғазал, рубоӣ дубайтӣ, маснавӣ, тарҷеъбанд, мусаммат, қитъа, ашъори озод, тарҷумаи шеърҳои шоирони миллатҳои гуногуни олам, лавҳаю очерк ва сафарномаҳо ташкил додааст.

5. Ғоиб Сафарзода дар осори адабии худ, аз он ҷумла ашъораш мавзуъҳои муҳимми ҳаёти инсониро чун ишқу муҳаббат, эҳтироми волидайн, бавижа модар, гиромидошти арзишҳои миллӣ, аз ҷумла забон, фарҳанг ва шахсиятҳои таърихӣ, тараннуми баҳору Наврӯз, дӯстиву рафоқат, ваҳдату ҳамбастагӣ, садоқату вафодорӣ, ҳифзи Ватан, худшиносӣ, хештандорӣ ва монанди инҳоро муваффақона ҷой дода, онҳоро тарғибу ташвиқ намудааст.

6. Ғоиб Сафарзода барои таъмини шеърият, ба вуҷуд овардани бадеият, мафҳуму гӯшнавоз баромадани маҳсули эҷодаш бо маҳорати том аз вазни аруз, нозукиҳои қофия ва имконоти радиф, санъатҳои маънавӣ ва лафзӣ, забон ва сабки содаву фаҳмои суханофаринӣ истифода намуда, номашро дар сафи шоирони тирози аввали адабиёти нимаи дуюми садаи XX сабт кардааст.

**Аҳаммияти назариявӣ ва илмию амалии таҳқиқот.** Аҳаммияти диссертатсия аз он иборат аст, ки он ҷанбаҳои назарӣ ва амалӣ дорад. Натиҷа ва маводи таҳқиқӣ метавонад, барои мутахассисони риштаҳои мухталифи илми адабиётшиносӣ судманд бошад. Махсусан,

пажуҳандагони риштаи таърихи адабиёт ва шеъри муосири тоҷик аз он баҳра мебардоранд.

Маводи рисола дар курси лексияҳо роҷеъ ба таърихи адабиёти муосири тоҷик, ҳамчунин курсҳои махсус, таҳияи дастурҳои таълимӣ, гузаронидани конференсияҳои илмию адабӣ доир ба ҳаёт ва фаъолияти эҷодии шоир, баргузории дарсҳои иловагӣ оид ба эҷодиёти шоир дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаву олӣ, (факултаҳои филологияи тоҷик ва журналистика) метавонад корсоз бошад.

**Дараҷаи эътимоднокии натиҷаҳо** дар он зоҳир шудааст, ки масъалаи мазкур бо таҳлилу баррасиҳои назарӣ ва амалӣ, тақос ва муқобалаи илмӣ таъмин гардида, дар асоси принсипу методҳои муайяну мушаххаси пажуҳишӣ маводи фаровони марбут ба мавзуъ, бо сохтори мураттабу пайдарпайю бонизоми ба ҳадафу вазифаҳои таҳқиқ фароҳам омада, ағлаби онҳо дар шакли мақолаву гузоришҳои илмӣ дар конференсияҳои илмию амалии ДДК ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ (солҳои 2014-2023), маҳфилҳо ва семинарҳои вижаи факултети филология ва журналистикаи донишгоҳи мазкур манзур карда шудааст.

**Мутобиқати диссертатсия ба шиносномаи ихтисоси илмӣ**. Мавзуи диссертатсия ба шиносномаи ихтисоси 10.01.04 – Таърихи адабиёт, равобити адабӣ мувофиқ мебошад. Маводи таҳқиқшудаи он бо таърихи адабиёт, сабкшиносӣ, поэтикаи осори манзум, назарияи адабиёт, нақду сухансанҷӣ иртиботи ногусастанӣ дорад.

**Саҳми шахсии муҳаққиқ** дар он зоҳир гаштааст, ки рӯзгор ва осори адабии Ғоиб Сафарзода нахустин бор ба таври муназзаму мураттабу яклӯхту фарогиру ҳаматарафа таҳқиқ ёфт. Мақолаҳои нашрнамудаи муаллиф бо ҷамъи гузоришу ҷусторҳояш инчунин таҳияи куллиёти ҷадиди адиб шомили дастовардҳои вай мебошанд.

**Тасвиб ва амалисозии натиҷаҳои диссертатсия.** Мазмуну мундариҷаи диссертатсия дар конференсияҳои ноҳиявӣ, шаҳрӣ, вилоятӣ, ҷумҳуриявӣ, байналмилалӣ ва донишгоҳии ДДК ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ (2014-2023) баён гардидааст.

Диссертатсия дар маҷлиси кафедраи адабиёти тоҷики Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ (суратҷаласаи №8, аз 23.02.2023) муҳокима шуда, ба ҳимоя тавсия гардидааст.

**Интишорот аз рӯйи мавзуи диссертатсия**. Муҳтавои асосии диссертатсия дар 13 мақолаи илмӣ, аз ҷумла ду мақола дар суханронии муҳаққиқ дар конференсияҳои ҷумҳуриявии илмӣ-назариявии «Нақши Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ дар тайёр намудани мутахассисон бахшида ба 70-солагии донишгоҳ» қисми 2, панҷ мақола дар маҷаллаҳои тақризшавандаи аз ҷониби Комиссияи олии аттестатсионии Федератсияи Россия ва КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муайянгардида, як мақола дар маҷаллаи илмӣ-методии кафедраи методикаи таълими забон ва адабиёти тоҷик бо номи «Маҳсули андеша» бахшида ба 70-солагии Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ, соли 2015, ду мақола дар Паёми Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ (маҷаллаи илмӣ), 3 мақола дар конфренсияи ҷумҳуриявӣ ва байналмилалӣ илмию амалӣ инъикос ёфтаанд.

**Сохтор ва ҳаҷми диссертатсия**. Диссертатсия аз муқаддима, се боб, сездаҳ фаслу чор зерфасл, хулосаю феҳристи адабиёт таркиб ёфта, он аз 182 саҳифаи чопи компютерӣ иборат мебошад.

# БОБИ I.

# ШАРҲИ ҲОЛ, ФАЪОЛИЯТИ ЭҶОДӢ ВА МЕРОСИ АДАБИИ ҒОИБ САФАРЗОДА

## 1.1. Зиндагиномаи шоир ва заминаҳои ташаккулёбии шахсияти ӯ

Аз чеҳраҳои намоёни адабиёти муосири тоҷик, ки бо фаъолияти доманадору серпаҳлуи худ ҳамчун шоири рангинхаёлу навҷӯю боистеъдод эътироф шудааст, Ғоиб Сафарзода мебошад.

Мувофиқи даврабандиҳое, ки дар бахши адабиёти муосири тоҷик сурат гирифтааст, шоир намояндаи насли савуми ин давра ба ҳисоб меравад. Ғоиб Сафарзода дар охири даҳаи 50 ва ибтидои даҳаи 60-уми асри гузашта ба майдони адабиёт қадам гузоштааст. Дар даврае ки дар қаламрави шеъри тоҷикӣ як навъ тағйиру дигаргунии сифатӣ ба зуҳур мерасид, барои тағйири сабку услуб ва тарзҳои маълуми шеърофаринӣ саъю кӯшишҳо мешуд, нишасту баҳсҳои судманде дар матбуот, нашрияҳои илмӣ ва маҷаллаҳои адабии давр ба табъ мерасид, дар миёни мақолоте, ки дар он солҳо ба нашр мерасиданд, ба номи Ғоиб Сафарзода ҳамчун истеъдоди тозаи адабӣ дучор шудан мумкин буд.

Фаъолияти эҷодии Ғоиб Сафарзода аз охири солҳои панҷоҳум, аз айёми донишҷӯйӣ оғоз ёфта, ҳамагӣ 13 сол, яъне то дами марги фоҷианокаш (соли 1972) идома кардааст. Ӯ ҳамчун ҷавони эҷодкор, нисбат ба худ басо серталаб буда, дар умри кӯтоҳ бо ашъори рангинаш дар назми солҳои шастуми садаи бист саҳми арзанда гузоштааст. Ба мулоҳизаи мураттиби ашъори баъдимаргии шоир Шоҳҳайдар Ёдгорӣ, Ғоиб Сафарзода ба унвони «Мероси ҷавонӣ», «Ҷавонӣ», «Мунтахабот» (дар ду ҷилд) асарҳо таълиф намуда, «бо назми навоваронааш дар сафи аҳли адаб ҷойгир шудааст. Ӯ на танҳо дар шакл, банду баст, балки дар мазмуну мундариҷа ва навъҳои шеър ҳам навоварӣ кардааст. Ашъораш саршори саноеи шеърию ғояҳои олӣ мебошанд» [23, с. 10].

Ғоиб Сафарзода дар синни 25-солагӣ (1965) узви Иттифоқи журналистон ва дар 31-солагӣ (1971) узви Иттифоқи нависандагони собиқ Иттиҳоди Шуравӣ гардидааст.

Вай 20 феврали соли 1940 дар деҳаи Муллоҷони шӯрои деҳоти Охтераки ноҳияи Ховалинг дида ба олами ҳастӣ кушодааст. Падари шоир Сафари Абдуалим дар мадрасаи Бухоро таҳсил намуда, аз шахсони бофазли диёраш шинохта шуда буд, ба фарзандони ҳамдеҳагон дарси одобу савод омӯхта, онҳоро дар руҳияи накӯкориву илмдӯстӣ тарбия намудааст. Мардум ӯро ба хотири илму дониш доштанаш боэҳтиром Муллосафар ном мегирифтаанд.

Калимаи «мулло» ба номи вай ба хотири саводу дониш доштан илова гардидааст. Маъмулан, дар Осиёи Миёна расм буд, ки шахсони донишманду омӯзандаи хатту саводро «мулло» мегуфтанд ва бо эҳтиром муроҷиат менамуданд. Имрӯз ҳам шахсони босаводу бомаърифатро «домулло» мегӯянд. Мутаассифона, калимаҳои ёдшуда сарнавишти талхе ба аксари соҳибунвонҳо ба бор овард, ки Муллосафар низ аз ин истисно набудааст. Ӯ ба таъқиби даврони сталинӣ гирифтор шуд. Таъқиби сиёсати онвақта (атеистию зиддидинӣ) шахсони босаводу бомаърифат аксар ба туҳмату бухтонҳои касношунид гирифтор мешуданд. Бисёр донишмандони бегуноҳ бо ранҷу азоб, ҳабсу бадарға шудаанд ва ба қатл расида будаанд. Сафари Абдуалим низ дар синни 42-солагӣ, ду моҳ қабл аз таваллуди Ғоиб бо террори он солҳо қатл гардидааст. Номи тифлро, ки пас аз ин воқеа ба дунё омадааст, Ғоибназар гузоштаанд.

Ғоибназар бо вуҷуди маҳрум шудан аз навозиш, панду насиҳат, раҳнишондиҳию роҳбаладӣ ва дарсгӯиҳои падар ба омӯхтани дониш ҳавас пайдо карда, то хатми синфи панҷум дар мактаби зодгоҳ аз омӯзгорон дурдонаҳои илму дониш омӯхтааст.

Зиндагии мардуми камбизоат он замон мушкилиҳои зиёде дошт ва барои модараш Шарифгул саришта кардани оила ва тарбияи чор тифли маъсум кори басо вазнин будааст. Бо қарори Ҳукумати Шуравӣ як қисм аҳолии маскуни деҳоти дурдасти кӯҳистони тоҷик барои аз худ кардани

заминҳои бекорхобида, бунёди боғу токпарварӣ ва пешбурди чорводорию зироаткорӣ, бахусус пахта, ба водиҳо муҳоҷир гардиданд. Шарифгул дар қатори дигарон соли 1953 бо аҳли оилааш аз деҳаи Муллоҷони кӯҳсори Ховалинг ба таҳдашт, ба деҳаи Кадучии колхози «Коммунизм» (ҳозира хоҷагии деҳқонии ба номи Ғоиб Сафарзода)-и ноҳияи Восеъ муҳоҷир шуда, ба пахтакорӣ машғул гардид.

Шарифгул барои Ғоиб акнун модар ва ҳам ба ҷойи падар хидмат мекард. Заҳмати сангини рӯзгордорӣ, ташвиши таълиму тарбияи фарзандон, ғами ояндаи онҳоро хӯрдани модар аз назари Ғоибназар ҳеҷ пинҳон намемонд.

Шоир дертар замоне ки марди баркамол ва қаламкаши номдор мегардад, бештар ба қадри модари хеш расида, «аз ҳаёти беғаши фарзандҳои қаҳрамон»-и кишвар ҳар лаҳза бар димоғаш бӯйи шири модар мерасид:

Модар, аз ҷӯйи равону домани сабзи замин,
Аз гулу себаргаи навхезу поку нозанин,
Аз ҳавои мазраҳою бешаҳои махмалин,
Бӯйи шири ту дамодам бар димоғам мерасад… [21, с. 183].

Шоири бедордил ба ҳаёти модарон, қадру қимати онон, нияти орзуву омолашон беҳтарин сурудаҳои худро бахшидааст, ки атрофи онҳо баъдан таваққуф менамоем.

Ғоиби наврас дар деҳаи Кадучӣ ба синфи шашуми мактаби ба номи Ф. Энгелс рафта, онро соли 1957 бомуваффақият хатм намуд. Ӯ ҳангоми таҳсил дар мактаби таҳсилоти миёнаи умумӣ дар базму чорабинӣ ва ҷашну маъракаҳо шеърҳои шогирдона қироат мекард ва аввалин чакидаҳои шеъраш дар мактаб навишта шудаанд.

Ғоиб Сафарзода баъди гирифтани номаи камол ба факултаи таъриху филологияи тоҷики Донишкадаи омӯзгории Душанбе ба номи Т.Г. Шевченко (ҳоло ДДОТ ба номи С. Айнӣ) ҳуҷҷат супорида, сазовори номи донишҷӯйӣ шудааст.

Чун шеър дар ниҳодаш мисли чашма ҷӯш мезад, дар баробари аз худ кардани илму дониш аз лаҳзаҳои аввал дар базмҳои фарҳангӣ ва нишастҳои илмии донишкада фаъолона иштирок карда, аз устодони каломи бадеъ, донишмандони соҳа сабақи илм ва шеъру шоирӣ низ гирифтааст.

Ғоиб Сафарзода дар он солҳо ташнаи илму дониш ва муштоқи каломи бадеъ буд, барои сайқал додани маҳорату истеъдоди шоирӣ ҷаҳду ҷадал ва такопӯ менамуд. Бояд изҳор дошт, ки дар пайдоиши рушду камоли насле аз шоирону нависандагони муосири тоҷик нақши устодону олимони муассисоти таълимии алоҳида ниҳоят барҷаста аст. Беҳтарин шоирони муосири соҳибистеъдоди мо шогирдону парвардагони донишгоҳианд. Беҳуда нест, ки мунаққиди тоҷик Соҳиб Табаров дар мақолаи «Дар зиндагӣ аз хеш гузорам асаре ман» ва баррасии ҷараёни рушду камолоти эҷодии Ғоиб Сафарзода ихтисос дорад, ба нақши корсози ин ниҳодҳо ишора менамояд: «Дар байни манзилҳои адабпарвари пойтахти Тоҷикистон ду мактаб мақоми бузургеро ишғол мекунад, ки яке Институти педагогии ба номи Шевченко ва дигаре Университети давлатии Тоҷикистон ба номи Ленин мебошад. Агар дар солҳои баъди ҷанг як зумра адибон – Акобир Шарифӣ, Файзулло Ансорӣ, Бобо Ҳоҷӣ, Ғаффор Мирзо, Убайд Раҷаб аз лонаи Институти педагогӣ ба парвоз омада бошанд, дар солҳои шастум ба қатори онҳо Ғоиб Сафарзода, Лоиқ Шералӣ, Ҳабибулло Файзулло дохил гардида, мақоми ин мактаби адабиро боз ҳам баландтар бардоштанд» [115, с. 383-384].

Аввалин шеърҳои шогирдонаи Ғоиб Сафарзода, аз қабили «Асроркушо», «Санги азим», «Дили бузург», «Ҷовид» ва ғайра маҳз дар нашрияи ҳамин мактаби адабӣ-«Педагоги ҷавон» рӯйи чопро дида, шавқу завқи донишҷӯйӣ эҷодкорро барои ҷиддитар машғул шудан ба шеъру шоирӣ баланд бардоштааст. Ӯ он замон дар як шеъри хурдакаки «Асроркушо»-и худ маънии бисёр хуби пандомезеро ифода кардааст:

Пурсид ҷавоне зи яке марди хирадманд:
Он кист кушояд ҳама асрор ба дунё?

Гуфтам, ки дар андешаи он то нашавӣ банд,
Ақлу хиради хеш, бирав, кор бифармо [23, с. 26].

Шеъри мазкур дар шумораи якуми рӯзномаи «Педагоги ҷавон» дар моҳи сентябр ба табъ расида, навқаламон, шарикдарсону ҳамсолонашро ба донишомӯзӣ даъват кардааст.

Ғоиб соли 1961 ба муносибати 100-солагии фавти шоири бузурги украин Тарас Григоревич Шевченко, ки Донишкадаи омӯзгории Душанбе номи ӯро дошт, «Ба шоир» ном шеъре эҷод кард ва он 27 марти соли 1961 дар рӯзномаи «Педагоги ҷавон» чоп шуд. Баъд он бо таҳрири муаллиф дар аввалину охирин маҷмуаи дар қайди ҳаёт буданаш «Корвони орзу», бо номи «Дили бузург» пешкаши ҳаводорон гардид:

Давр мумкин, ки ба ту писханд мезад як замон,
З-он ки аз дастат намеояд на некию бадӣ.
Лек доим сулҳҷӯён дар дили шаб беҳарос
Пеш мерафтӣ, қадам бар сӯйи фардо мезадӣ.
То ки ёбӣ роҳи хосу пуршараф дар зиндагӣ,
Шамъ кардӣ ақлрову хомаро кардӣ асо.
Он асо охир туро то қуллаи мақсуд бурд,
Шамъ номатро фурӯзон кард дар дилҳои мо [19, с. 29].

Аз ин шеъри шогирдона пайдост, ки ӯ дар зиндагӣ аз ҳаёту пайкори шоири украин барои хеш панде, ҳикмате бардоштанист, аз мушкиливу сухани тангназарон наҳаросида, дар «дили шаб беҳарос», «сулҳҷӯёна» пеш рафтану «ба сӯйи фардо қадам» задан, ақлу фаросатро машъалу қаламро асо кардан ягона василаи расидан ба «қуллаи мақсуд» будааст.

Азм, саъю кӯшиш ва омӯзиш батадриҷ хомаашро суфта, шеъру сурудаҳояшро сайқал бахшида, онро пурмаънӣ, ҷаззоб ва гиро мегардониданд.

Ғоибназар бо аввалин чакидаҳои хомааш маҳбубу писанди ҷавонону дӯстон, устодон, аҳли қаламу баён гардид, ки сараро аз носара, сареҳро аз носареҳ ҷудо карда метавонист. Навқалам бо навҷӯиву навгониҳояш баргузида мешуд. «Шеъри «Сурати устод», ки ба ҷашни устод Рӯдакӣ

бахшида шудааст, далели ин даъвост. Дар ин шеър муаллиф тавонистааст, ки мутолиакунандагонро бо симои саромади адабиёти классикии тоҷик, хизматҳои фаромӯшнашавандаи ӯ дар соҳаи адабиёт ва хислатҳои беҳтарини ин шахси муътабар шиносонад:

Додарам гуфто: – Ако, кист ин, бигӯ?
Дар китобам суратеро дида ӯ.
Гуфтамаш: – Ин Рӯдакии муътабар,
Шахси доно, хоксору номвар» [23, с. 10].

Дар олами илму адаб муваффақият танҳо ба касоне даст медиҳад, ки истеъдоди фитрӣ (модарзодӣ) дошта, бо сабурию боварӣ, умедворӣ, меҳнати пайваста ва серталабӣ нисбат ба хеш зина ба зина боло расида, дар эҷодиёту ҳунар кавкабе шуълавар бимонанд.

Ғоиб Сафарзода дилпуру ҷасурона ва қотеъона пой бар уқёнуси сухан ниҳода, бо ҷаҳиши мутаҳайирона савори сафина гардида, киштии маънӣ ронд, ба қаъри уқёнус даромада дурдонаҳо чид, ҳарчанд кори саҳл нест, дурри мақсуд ба даст овард. Ӯ дар ин раҳ дар шеъри «Дурри мақсуд» (1963) чунин орзу доштааст:

Худро чӣ тариқ дар сафи мардон бигузорам?
Барвақт ба дил сурати мардон бинигорам?
Овора пайи шуҳрати хуршед шавам ман?
Сармасти майи соғари уммед шавам ман?...
Эй дил, ту ба ҷӯш о, ба хурӯш ою ба шӯр ой,
Шӯрида бирав, ин раҳи мақсуд бипаймой.
То ранг бигирад, бипазад меваи хомам,
Дар пухтани он хом биҷӯянд давомам [21, с. 64].

Ғоиб Сафарзода заҳмати фаровон кашида, роҳу равиши эҷодии хешро дарёфт. Ӯ бо офаридани шеърҳои баландмазмун анъанаю сабк ва равияҳои эҷодии шоирони пешину ҳамзамонашро идома дода, ба мазмуну мундариҷа, ба самимияту равонӣ ва хушбаёнии офаридаҳояш диққати зиёд додааст. Чунин самараи навҷӯиҳо буд, ки ӯ дар кӯтоҳтарин муҳлат дар

муҳтавою ғоя ва навъҳои шеърӣ дар сафи пеши аҳли адаби солҳои шастум ҷой ва мақоми хосса пайдо намуд.

Лозим ба зикр аст, ки дар радифи мактабҳои хурди адабие, ки дар чаҳордевори донишкадаву донишгоҳҳои пойтахт фаъолият мекарданд, муносибату бархӯрди донишмандону мунаққидони замон низ қобили қадр аст. Масъулияте, ки насли пешини танқиди адабӣ дошт, аз нигоҳи имрӯз рашкангез аст. Ҳеҷ падидае чи хубу чи бад аз чашми заррабини онҳо пинҳон намемонд. Беҳуда нест, ки таваҷҷуҳи онон ба роҳи эҷодии шоири ҷавон Ғоиб Сафарзода низ зиёд буд. Махсусан, профессор Соҳиб Табаров ва академик Муҳаммадҷони Шакурии Бухороӣ ҳанӯз дар оғози роҳи эҷодии шоири ҷавон бо дарку шинохт ва кашфи қаламкаши ояндадор ва шахсияти эҷодии Ғоиб Сафарзода аз қадамҳои аввал баҳои баланд ва муносиб доданд. Муҳаммадҷон Шакурӣ ҳанӯз барвақт дар бораи истеъдоди ӯ навиштааст: «Аз дубайтии зерин (1967) дар ин роҳ хеле пешрафт кардани ӯ намоён аст:

Гардид ҷудо зи кӯҳ, чун рафт?
Як пораи кӯҳ сарнагун рафт.
Чун дид шукӯҳи кӯҳ гум кард,
Фарёд зи синааш бурун рафт [132, с. 215].

Ин дубайтӣ ва дигар ашъори солҳои охири Ғоиб Сафарзода шаҳодат медиҳанд, ки истеъдоди ӯ хеле хуб тарбия ёфта истодааст» [132, с. 215]. Ғоиб Сафарзода таҳсилро дар мактаби олӣ бомуваффақият идома дода, ҳамвора ба омӯзиши нозукиҳои шеъру шоирӣ мепардохт.

Ин аст, ки эҷодиёти ӯ вусъат пайдо карда, шеърҳояш кам-кам тавассути нашрияҳои бонуфузи марказӣ, ҳамчун «Ҷустуҷӯ» (Маориф ва маданият, 1960), «Тӯфон» (Комсомоли Тоҷикистон, 1961), «Бодо зафар ёри шумо» (Тоҷикистони советӣ, 1961), «Санги азим» (Комсомоли Тоҷикистон, 1962), «Бале, санг аст баҳри ту дили ман» (Маориф ва ма-даният, 1962), «Гаштем фарзанди падар» («Шарқи сурх», 1962, № 2), «Шуд вақти сафар» («Шарқи сурх», 1963, №1), «Мон, ки хандад офтоби зиндагӣ» (Занони Тоҷикистон, 1962, №11), «Духтари тоҷик» («Дилбари тоҷик» маҷмуаи

«Мероси ҷавонӣ» 1978) ба табъ расида, писанди ҳамагон гаштаанд. Бо вуҷуди шоири шӯридадил будани Ғоибназар, ба андешаи мо, шеърҳояш нарму сода, самимию заминӣ буданд.

Барои Ғоиб ва баъзе ҷавоншоирони солҳои шастуму ҳафтодум пешаи шоирӣ на ҳавову ҳавас, на фазлфурӯшиву ғурур ва василаи зиндагонӣ, балки қисмат ва сарнавишт буд…

Шеър барои Ғоиб як пешаи мураккабу муқаддасу азиз ҳисоб мешуд ва танҳо истеъдоди фитрию ақли даррок ва қалби пуршӯру дардошно ба эҷоди он қодир аст. Шеър набояд бо роҳи зӯрӣ ва бо қувваи ақл, балки бо хуни ҷигар ва аз рӯйи завқ, аз танӯри сина ба сурати табиӣ ҷорӣ шавад ва чунин навъи шеър писандида омада ва қобили истиқболу дарки ҳамагон хоҳад буд…

Ба пиндошти Ғоиб то дил наҷӯшаду талотум накунаду хурӯшон нашавад ва изтиробу таҳрика надошта бошад, шеъри шево ва ҳассосу муассир эҷод намешавад, шеър бояд аз хуни эҷодкор ранг бигирад («Шеър эҷод мешавад», 1963). Ба андешаи саҳеҳи шоир, кас дар ҷодаи шоирӣ бояд табъи равону «дили реш» ва шарики дарду ғами мардум бошад ва табиист, ки ин қабил шеър дардошност:

Шеъре, ки зи дил дамид, фарёди дил аст,
Фарёди дамидае зи бунёди дил аст [58, с. 75].

Ва ӯ «хома чун ба даст» мегирад, «дар шарори сина дар» мегирад («Роҳи ту», 1961), зеро вай «ҳар суханро аз танӯри дил чу ахтар» мекашид («Нақши умр», 1964). Аз ин ҷост, ки аз ҳар сатри шеъри шоири ҷавон бӯйи хуни ҷигар, «бӯйи қалби кабоб» меомад. Чунонки дида мешавад, чанд тан аз шоирони ҷавони пешоҳанги солҳои шасту ҳафтод (Муъмин Қаноат, Лоиқ Шералӣ, Бозор Собир, Ғоиб Сафарзода…) на танҳо шеъри асил иншо ва эҷод мекарданд, балки назариёти шеърро низ иброз медоштанд, яъне онҳо қонуну қоидаҳои шеърашонро, ки ба истилоҳ, «шеъри нав» хонда мешуд, медонистанд ва ин боз як сифату тафовути онон аз шоирони миёнсолу калонсол буд. Мутафаккирӣ дар бунёду замири ин шоирон (хусусан, дар эҷодиёти М.Қаноат, Лоиқу Бозор Собир, Гулназар…) вуҷуд

дошта, ин сифат минбаъд таҳким меёфт. …Шеъри Ғоибназар аз оҳангҳои афтодаруҳию бедимоғӣ ва заифнолӣ, аз гиряву нолаи маҳз барӣ буд. Ӯ нек медонист, ки зиндагӣ шомили инқилоб аст:

Зиндагӣ дар талоши оянда,
Ҳар нафас инқилоб мехоҳад [63, с. 75].

Ғоиб Сафарзода соли 1962 таҳсили олиро хатм карда, аллакай ҳамчун шоири ҷавони рангинхаёлу хушбаён, тозагӯю навҷӯ ва ояндадор шинохта шуда буд. Вай бо қарори Вазорати маорифи ҷумҳурӣ барои кори омӯзгорӣ ба ноҳияи Тоҷикобод роҳхат гирифт. Дуруст гуфтаанд, ки «шеъру шоирӣ мактаб надорад». Ҳатто худи он рӯзҳо бо ҳамин унвон шеъре аз чашмаи илҳомаш ҷӯш заду тавассути хома рӯйи сафҳа рехт. Шеъри мазкур яке аз беҳтарин ва самимитарин таълифоти Ғоиб Сафарзода буд, ки ин ҷо махсус қайд карданашро воҷиб медонем:

Тоҷикободам, дари дилро ба рӯям боз кун,
Тоҷикам – дилдодаат, дилдодаро дамсоз кун.
Тоҷикободам, тапишҳои диламро гӯш кун,
Омадам сӯят, маро фарзандвор оғӯш кун [23, с. 52].

Ғоиб Сафарзода, чунонки аз оҳанги самимияти шеър бармеояд, воқеан ҳам болидааст, ки ба чунин мавзеи зебоманзари меҳан ба кор рафта, дар баробари тарбияю тадриси насли наврас ҳамзамон дар ҳавою навои табиати биҳиштосои Тоҷикобод тоҷикона ва барои тоҷикон бо руҳи болида ва илҳоми шоирона асар меофарад.

Оғози фаъолияти корӣ дур аз пойтахт, аз як сӯ, падидаи хушоянде дар зиндагии фардии шоир аз сӯи дигар, аз маҳфилу нишастҳои адабӣ, базмҳои ҳамсабақони эҷодкор ва дӯстони ҳамқалам – Лоиқ Шералӣ, Меҳмон Бахтӣ, Кароматуллоҳи Мирзо, Зариф Ибод, Ҳабибулло Файзулло, Абдулҳамиди Самад, Асадулло Саъдуллоев, Шоҳмузаффар Ёдгорӣ, Салимшо Ҳалимшо, Шоҳҳайдар Ёдгорӣ, Пиримқул Сатторӣ ва дигарон ҷудо шудан низ боиси маҳҷурию парешонии ӯ гардидааст. Хушбахтона, соли 1962 ӯро барои кор ба рӯзномаи «Тоҷикистони советӣ» (ҳоло «Ҷумҳурият»), ки яке аз бонуфузтарин нашрияҳои марказӣ, аниқтараш органи Кумитаи марказии

Ҳизби коммунисти Тоҷикистон буд, даъват карданд, зеро маҳорату қаламронӣ забондониву нукташиносӣ, мушоҳидакориву борикбинӣ, ҳақҷӯию ҳақгӯӣ, якдилу якзабон, покии дил, гуфтори бебокона, дардошноӣ, фошгӯиҳо ба андешаи мо, аз ҳама муҳим бедордилӣ, нисбат ба камбудиву ғалаткориҳо, ноошноиву ғурури тоҷикона, меҳанпарастияш, аллакай барои соҳибназарон ва ғамхорони адабиёту фарҳанг маълум гардида буданд.

Ин чанд рубоии худи шоир бозгӯи хислатҳои ҳамидаи ӯст, ки дар боло ишора кардем, вагарна сурудани ин гуна ашъор номумкин аст:

То чанд гуноҳи дӯстон мепӯшем?
Ин сон гузарад умру ҳама хомӯшем?
Аз роҳи савоб чун бурун гардад дӯст,
Афсӯсу дареғ гуфта май менӯшем? [23, с. 153].
Аз суҳбати нокасон ҷудо хоҳам шуд,
Ман дур зи доми ин бало хоҳам шуд.
Дидам, ки тафовутест байни баду нек,
Чун чашма зи дигар ибтидо хоҳам шуд [23, с. 152].

Дар байтҳои зерин низ шӯридадилӣ, дар роҳи зиндагию эҷодиёт доимо дар такопӯ будани шоир, тавассути заҳмату меҳнат ба комёбиҳо муваффақ гардиданро хуб инъикос менамояд:

Роҳи мо нек аст, гарчандест дур,
Қалби мо соф аст монанди булӯр.
Тӯшаи мо андар ин роҳи сафед,
Ҳаст руҳи бешикаст, азму умед [23, с. 176].

Дар бораи шахсияту хислат, одамияту муносибати Ғоиб Сафарзода бо атрофиён ва фаъолият дар кору эҷодиёт бисёр гуфтаву навиштаанд. Абдулҳамиди Самад дар шинохти ӯ гуфтааст: «Сидқу вафо ва одамияти баланд хоси Ғоиб Сафарзода буд. Инсони хоксору заминӣ буд ва бо ҳамкорон бо меҳру дили соф муносибат карда, дар ғаму шодиашон шарик мешуд. Шарафи инсонӣ ва назокати муомиларо аз ҳама боло мегузошт, дур аз шар ва пок зистанро низ. Руҳ ва рафторҳои аҷиб дошт Ғоиб.

Тангназарӣ, ғайбат, хӯрдагириро намеписандид. Ҳар чи дар дил дошт, рӯйирост ба забон меовард…

…Ойини дӯстиву рафоқат аз ҳама воло буд барои Ғоиб. Бо адибони номвари миллат ҳамнишин буду эҳтиромашонро ба ҷо меовард. Ва ба мо, ҷавонҳо низ пос доштани эҳтироми дӯстону устодонро талқин мекард. Ба ҳайси як адиб ва рӯзноманигор фаъолона зиндагӣ кардани одамонро меомӯхт. Аз кору пайкори кишоварзон, инсонҳои заҳматписанд, коргарони номвар, ҳунармандони асил, падидаҳои адабиёту илм, театру кино, рушди ҳунарҳои мардумӣ, эҳёи ҷашнҳо ва расму таомули миллӣ шод мешуду мақолаҳо менавишт» [46, с. 5-6].

Вай нисбат ба камбудиҳои ҷомеа ва нуқсони мардум хамӯшӣ ихтиёр карданро намехост. Чунончи, фармудааст:

Чаро нуқсони ёронро нагуфтан?
Чаро вақте ки бедорем, хуфтан?
Чаро дар гуфтугӯҳо, анҷуманҳо
Ба туғён н-омадан, дар худ нуҳуфтан? [23, с. 100]

Шеъри «Ҳампои зиндагӣ»-ро, ки соли 1969 таълиф шудааст, бори нахуст дар рӯзномаи «Маориф ва маданият», 8 сентябри соли 1970, ба табъ расидааст, маромномаи зиндагиву эҷодкории шоир ва рӯзноманигор Ғоиб Сафарзода метавон шумурд. Зиндагӣ гарчанде садҳо мушкилию муаммоҳо, монеаҳои табииву сунъӣ, шебу фарозҳо дошта бошад ҳам, шоир аз ин ҳама тарсу бим накарда, бо як ҷаҳон умеду орзуҳои нек худро бебокона ба баҳри беканору мушкилшинои зиндагӣ ва эҷод мезанад. Масалан:

…Бар дӯш бори зиндагӣ мардона меравам,
Бо роҳи тайнагаштаи фардои босафо.
Рӯзи хушу мубораке дар киштии умед,
Бар мавҷи баҳр мекунам худро ман ошно [23, с. 108].

Шоир ҳамеша, ба ҳар сурат кӯшидааст, ки дар кӯйи зиндагию ҷодаи эҷод амали неку нотакроре ба ҷо оварад, сухани тозае бигӯяд, ҳар лаҳзаи нафаси умрро босамар истифода кунад, ҳамнафаси мардум ва ҳамқадами ҳаёт бошад:

Дар зиндагӣ назаргаҳам умре баландиҳост,
Наззораам ба дидаи парвин нуҳуфтааст.
Ман роҳҷӯйи оламӣ дуру надидаам,
К-он ҷо касе набуду буди ман нагуфтааст [23, с. 108].

Ғуруру номуси Ғоиб Сафарзода ба ҳайси як тоҷики асил, фарзанди кӯҳистон ба мисли кӯҳсорони Ватан баланд аст («Дар зиндагӣ назаргаҳам умре баландиҳост, наззораам ба дидаи парвин нуҳуфтааст»), аммо бо вуҷуди ин мағрурию худписандии нодаркору ноҷо*,* беҳуда болопаридан, пастию фитрати номақбул, хӯрдагириро хуш надошт ва ҳакимона аз баландӣ ба пастӣ назар карданро таъкид менамуд:

Чаро парвоз кардан дар фазои худписандиҳо?
Ба пастиҳо назар андохт бояд аз баландиҳо [23, с. 125].

Ғоиб Сафарзода шахси ҳақпараст, ватанхоҳи асилу тавоно буд. Дар навиштаҳои манзуму мансур бузургии илму адабиёт, фарҳанги тамаддунофари тоҷикӣ, муқаддасии забони тоҷикиро тараннум мекард, нисбат ба бадхоҳони миллату фарҳанги ниёкон тангравию хунукназарии онҳо ва беэътиноияшон ба анъанот ва расму оини миллӣ, ба фарзандони бепарвои миллат оштинопазир муносибат мекард. Вай бо вуҷуди боло гирифтани ғуруру номуси тоҷикиаш эҳтиёткориро дар ҳангоми ҳарф гуфтану муносибат кардан зарур медонист, таъкид мекард, ки вай бар хилофи тангназарон ҳар чӣ гӯяд, аз дили соф мегӯяд, одами хокӣ ва дили бебухсу кина ва софу шаффофи чун оина дорад:

Ҳар чӣ гӯедам, бигӯед, одамон,
Хокиям, як одами бекинаам.
Нестам гирдоб,
Саргум нестам,
Ошкору соф чун оинаам.
Лек дар дунёи нооромӣ дил,
Дорам аз шӯри ҷавонӣ достон,
Гар бубинам носипосӣ, каҷравӣ,
Мешавам аз хеш берун ногаҳон [23, с. 87-88].

Шоир Ғоиб Сафарзода ҳамеша мекӯшид, ки саҳву хатои дигарон ислоҳ гардад ва дар ин роҳ талош меварзид, баъзан боз таъкид мекард, ки ҳар хатоеро боэҳтиёт ислоҳ мебояд кард, бинобар нозукии инсон ба назар доштани тақдири ӯро низ зарур медонист:

Шӯр дорам,
Меравам шояд хато,
Дӯстон, гоҳе дар ин роҳи сафед.
Гар хато рафтам чу сатри сактадор,
Гаштаю баргашта таҳрирам кунед.
Лек дар ҳангоми таҳрир эҳтиёт!
Нозук аст одам,
Зи тақдир эҳтиёт! [23, с. 88]

Хулоса, дар солҳои 60-ум барои адабиёти тоҷик давраи хосе буд, ки намояндагоне чун Ғоиб Сафарзода ба он ворид шуда, ному мақоме ёфта, бо дигаргуниҳои замон нигоҳ карда, бо ҳунари олии суханофаринӣ шеъри тоҷикиро чи аз ҷиҳати шакл ва чи аз ҷиҳати мазмун такмил ва ғанӣ кардаанд. Ғоиб Сафарзода дар авҷи фаъолияти эҷодӣ саҳнаи адабиёти тоҷикро ба таври абадӣ тарк гуфт, ки ба он садамаи нақлиётии дар 21 июли соли 1972 ба вуқуъомада боис гаштааст. Марги нобаҳангом ва фоҷиавии шоир, қалби хонавода, аҳли адаб ва ёру дӯстонашро ғамгин намуда, ҷои вайро аз дида ба дилҳо бурд.

### 1.1.1. Равобити адабию маънавии адибони рӯзгори шоир

Зиндагӣ дар олами шеър барои шоирон фароҳамсози фазоҳои тозаи муносибату муоширати бо дигарон мебошад. Шоир на танҳо машғули эҷоди шеър ва гирифтори дунёи хоси худ аст, балки шеър бо моҳияту сиришти табиие, ки дорад, ӯро маҷбур месозад, ки бо шоирони гузашта ва муосираш низ иртиботу пайвастагӣ дошта, ба шеъру шеваи эҷоди онҳо низ то андозае ошно бошад. Офаридаҳои онҳоро қиёс намояд, андозашиносӣ кунад ва гоҳо кору рисолати мунаққиди шеършиносро ҳам анҷом диҳад.

Ин хусусият ниёзу эҳтиёҷи зиндагии адабист, ки бидуни он фазои адабӣ нокомил мемонад. Вале андозаву дараҷаи ин пайванду иртибот вобастаи завқу салиқа, донишу фазли шоир аст. Ғоиб Сафарзода ба осору навиштаҳои шоирони гузашта ошноии амиқ ва дар радифи шинохту истифода аз мероси эшон содиқонаю мунсифона дар атрофи арзиши мероси фарҳангию адабии онҳо изҳори назар менамуд.

Ба андешаи мо, сирри асосии дастовардҳои муҳимми ҳаётию эҷодии адибони муосири тоҷик ба монанди Муъмин Қаноат, Ғаффор Мирзо, Ғоиб Сафарзода, Лоиқ Шералӣ, Қутбӣ Киром, Ҷумъа Одина, Убайд Раҷаб, Мастон Шералӣ, Шоҳмузаффар Ёдгорӣ, Шоҳҳайдар Ёдгорӣ, Ҳабибулло Файзулло, Бозор Собир, Гулрухсор Сафиева, Наримон Бақозода, Мутеъулло Наҷмиддинов, Шодӣ Ҳаниф, Ӯрун Кӯҳзод, Бурҳон Ғанӣ, Муҳаммадалишоҳи Ҳайдаршо, Басир Расо, Одина Мирак, Ғанӣ Ҷӯразода, Бахтиёри Муртазо ва чанде дигарон дар он мебошад, ки ин ҷавонони соҳибистеъдоду ҷӯянда ташнаи илму дониш ва каломи бадеъ будаанд. Гузашта аз ин, симои маънавии онҳо, одобу ахлоқ ва хислатҳои шахсиашон ба ҳамдигар то дараҷае монанд мебошанд. Онҳо ростқавл, дар дӯстию рафоқат ҷавонмардони софдил дар ихлосу муҳаббат устувор, содиқу ғамгусор, дар бузургдошти анъаноту русуми миллӣ, тозагии забони модарӣ, дар шукуфоии адабиёту фарҳанги миллӣ ҳамеша дар талошу такопӯ, ҷасуру ҳақбин ва ҳақгӯй буданд.

Табиист, ки насли солҳои 60-70-ум, ки дар боло номбар кардем, қариб ҳамсинну сол буда, аксар дар ибтидои роҳ ба сӯйи адабиёт паси курсии донишҷӯйӣ ҳамроҳ менишастанд, дар хуҷраҳои иҷора бо ҳам зиста, ҳамроҳ дарс тайёр менамуданд, дар мавзуоти гуногуни зиндагӣ, аз илму адабиёт суҳбат ва баҳсу мунозираҳо мекарданд. Ва ҳамин қаробати синнусолию иҷтимоӣ ва адабию маънавӣ миёни аксари онон риштаи дӯстӣ ба вуҷуд оварда, онҳоро дар эҷодиёт низ тадриҷан мустаҳкаму қавӣ мегардонид. Онҳо якумрӣ ҳамқаламу ҳамақида, ҳамфикру ҳаммаслак, дар шодии якдигар шарик, дар ғаму андуҳи ҳамдигар ғамноку аламдор буданд.

Публитсисту рӯзноманигори шинохтаи тоҷик Раҷаб Мардон, ки худ аз зумраи ҷавонони солҳои 60-70-ум мебошад, дар қиссаи воқеии «То ба охир ҷоми дасташро нахӯрд» ба ёди Ғоибназар Сафарзода, ки аз пешсафони мубориза барои истиқлоли андешаи миллӣ буд, чунин овардааст: «Ҳаёти донишҷӯйии як идда ҷавонон – Ғоиб Сафарзодаву Лоиқ Шералӣ, Шоҳмузаффар Ёдгориву Дорои Дӯст ва Раҷаб Мардону Абдулҳаким Абдулмаҷидов, аслан дар кӯчаи Ленин (ҳоло кӯчаи Рӯдакӣ) сипарӣ шуд.

Мо се нафар дар як хона иҷора ва Лоиқу Доро дар дигар хонаву ҳавлӣ ва дар тангкӯчаҳои Озодии занону Гоголу Путовский… мезистем. Ҳеҷ гоҳ мо маслиҳат надоштем, ки наздик ба ҳамдигар хонаи иҷора мегирем. Ин як амри тасодуф буд. Соатҳои фароғат ҳам доштем. Ва ин ба шом рост меомад… Айни сайру гашт лаҳзаҳои шеъргӯӣ фаро мерасид. Гоҳ Лоиқ, гоҳи дигар Ғоибу Шоҳмузаффар шеъри ба тозагӣ навиштаи худро мехонданд. Баъд доир ба равияҳои адабӣ, мактаби устодон Мирзо Турсунзода, Ғаффор Мирзову Муъмин Қаноат сухан мерафт. Ҳар се мактаб ё худ равияҳои назм ба онҳо писанд буду мактаби адабии Ғаффор Мирзо писандидатар. Онҳо ба рафтору кирдори ҷавонон дар кӯча, одоби либосу гуфтугӯи мардуме, ки аз пасу пеш мегузаштанд, зеҳн мемонданду мавзуи шеър меҷустанд ва пайдо ҳам мекарданд» [102, с. 23-24].

Мавриди зикр аст, ки ошноӣ ва дӯстию ҳамқаламӣ, яъне робитаи адабию маънавии Ғоиб Сафарзода бо адибони ҳамсинну сол ва ҳамдеҳааш ҳанӯз солҳои аввали донишҷӯйӣ сурат гирифтааст. Нависанда Абдулҳамид Самад ёдовар мешавад: «Ӯ бача ва дастпарвари мактаби деҳаи мо – Кадучӣ (н.Восеъ) буду бо Шоҳмузаффар Ёдгорӣ ҳамсинф. Гоҳ-гоҳ онҳо меҳмони арҷманди мо, хонандагон мешуданд ва бо суҳбату симои дилкаши хеш дар қалби ҷавонон орзуи ширини донишҷӯ шуданро меангехтанд. Вале ман, хушбахтона, бо Ғоибу Шоҳмузаффар солҳои донишҷӯӣ ва баъдан ҳангоми кор дар рӯзномаи муътабари «Тоҷикистони советӣ» аз наздик ошно шудам» [46, с. 4-5].

Ҳатто баъди хатми мактаби олӣ ва ба идораву муассиса ва редаксияҳои гуногун ба кор рафтан ҳам робитаи адабию маънавӣ ва

дӯстии шоирону адибони он давраи пурҷӯшу хурӯши адабиёти тоҷик гусаста нагардид, балки боз қавитар шуд. Шоири халқии Тоҷикистон Меҳмон Бахтӣ дар ин маврид мегӯяд: «Соле ки ман ва ҳамсабақонам Лоиқ, Кароматулло Мирзо, Зариф Ибод ба Донишкадаи омӯзгории Душанбе дохил шудем, Ғоиб Сафарзода як курс аз мо болотар мехонд. Шиносоии мо, пеш аз ҳама тавассути маҳфили адибони ҷавони донишгоҳ сурат гирифта буд, ки ба он устод Тилло Пӯлодӣ сарварӣ мекарданд.

Пас аз хатми донишгоҳ ҳарчанд ҳар яке ба коре, ба ҷойе банд шуда бошем ҳам, аммо аз барор ва тозакориҳои эҷодии ҳамдигар огоҳӣ доштем. Ба қавли Соиби бузург «Доштем аз ҳам хабар дар ҳар куҷо будем мо» [46, с. 10].

Адибони ҷавони солҳои 60-70-умро бахт баландӣ кард, ки замоне онҳо ба арсаи адабиёт қадам ниҳоданд, таҳти дастгирӣ, ғамхорӣ ва сарпарастии устодон Мирзо Турсунзода, Мирсаид Миршакар, Боқӣ Раҳимзода, Сотим Улуғзода, Ғаффор Мирзо, Аминҷон Шукӯҳӣ, Файзулло Ансорӣ барин устодони каломи бадеъ қарор гирифтанд ва аз мактаби эҷодии онҳо омӯхта, бо онҳо робитаи эҷодӣ доштанд, ниҳоли одобу ахлоқу хислатҳои шахсиашон аз чашмаи маънавиёти онон баҳра бардоштааст. Бо ҳам барпо ва қавию устувор намудани робитаи адабию маънавӣ ва посдории дӯстӣ, ҳаққи устодиву шогирдиро низ аз онҳо омӯхтаанд. Ва минбаъд ин хусусиятҳоро идома дода, такомул мебахшиданд.

Ва аксари шоирони ин давраи адабиёти тоҷик ва баъдӣ ба нишони изҳори миннатдорӣ ва қарзи шогирдӣ ба устодони хеш Мирзо Турсунзода, Боқӣ Раҳимзода, Мирсаид Миршакар, Ғаффор Мирзо, ки дасту қалами шоирии онҳоро бо маслиҳату насиҳати беғаразона рост намудаанд, шеърҳои зиёде бахшидаанд. Ҳамчунин пас аз даргузашти онҳо чи марсияҳои пур аз сӯзу гудозе сурудаанд.

Риштаҳои пайванди адабӣ ва маънавии адибони мавриди гуфтори мо то ба ҳадде қавию ногусастанӣ буд, ки онҳо аз даргузашти ҳамқаламони ҳамсолу ҳамзамони худ дар он замон ва то ба имрӯз дар шеъру марсияҳои сурудаашон бештар навҳаҳои пурсӯзу гудоз кашидаанд ва мекашанд.

Барои мисол, устод Ҳақназар Ғоиб дар фавти ногаҳонии шоири ояндадори ҷавонмарг Ҳабибулло Файзулло фарёди пурдард аз дили садчок кашид:

Ногаҳонмирӣ дар ин аср гарон дард шудаст,

Сархӯрӣ ҷумла ҳамоину ҳамовард шудаст [4, с. 246].

Ва ҳайратзада суол мекунад:

Аз чӣ истораканиҳои фалак афзун шуд?

Дар Замин беш Аҷал дар талаби мард шудаст.

Баргаки сабз чӣ осеби хазон бар ту расид?

Рӯй бар хок зада чеҳраи ту зард шудаст…

Ҳаваси суҳбати базме ба дилам нест дигар,

Фасли гармои дилам аз чӣ чунин сард шудаст? [4, с. 246]

Пиримқул Сатторӣ, дӯсту ҳамзамон ва ҳамқаламу ҳамақидаи Ғоиб Сафарзода шеъре ба хотираи ӯ ба унвони «Мурғи шабҳангом», меофарад, ки порае аз он ин аст:

Нарм-нармак мерасад овози ту,

Чун навои булбулон аз шохсор.

Мешавам бедор ман аз хоби хуш,

Мешавам бар ҷустуҷӯят раҳсипор [46, с. 54].

Ӯ дар ҷустуҷӯйи дӯсти шоираш «нимашаб дар шуълаҳои моҳтоб» «бо сад хаёлу орзу» «аз кӯчабоғи ошно» равад, садои форамаш торафт дуртар мешавад, ноилоҷ чун парранда болу пар кушода, баҳри суроғи дӯст «аз гулистон бар гулистон» мераваду «аз боғ бар боғе гузар», мекунад, вале боз «овоз аз ҷойи дигар» мешунавад. Ва оқибат ҳайратзада мегӯяд:

Раҳ ба раҳ то субҳ мехонӣ суруд,

Ин қадар ширину ҷонсӯзу равон.

Дар куҷоӣ мурғи хушилҳони ман,

Дар кадомин беша дорӣ ошён?! [46, с. 55]

Ончунон ки аз офаридаҳои шавқангези шоирони солҳои 60-70-уми асри гузашта бармеояд, кулли онон он қадар робитаи қавию самимӣ ва рашковарандаи маънавию руҳӣ ва эҷодӣ бо ҳам доштаанд, ки нокомию

бохти якеро бурду бохти хеш аз даргузашти нафаре аз ҳамқалам чун гумкардаи шахси азизу наздиктарини хеш мотам мегирифтанд.

Як ҷиҳати хоси робитаи адабию маънавии адибони солҳои 60-70-уми асри гузашта, ба назари мо, ин аст, ки онҳо дӯстонаву бо дили беғараз ва нияти поку бо самимияти баланд аз ҳар дастоварду комёбии эҷодиёти якдигар шод мегаштанду лаҳзаҳои нокомӣ – ғамнок. Зиндаёд Лоиқ Шералӣ пас аз дарёфти Ҷоизаи давлатии ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ ба дӯсташ Юсуфи Акбарзода, мунаққид ва адабиётшинос, ки дар Маскав таҳсил мекард, навиштааст: «Ин мукофоти ҳамқаламон ва ҳамқадамони ман аст, ки мани танҳо бе онҳо пашизе нестам: Бозори Собир, Гулрухсор, Сорбон, Кӯҳзод, Доро ва Ғоиби Сафарзода. Ман бисёр мехостам дар ин рӯз Ғоибро ҳозир бубинам. Бисёр ӯро дӯст медоштам. Шояд барои он дӯст медоштам, ки дар як ришта мехондем ва дарди шеърро қисмат мекардем. Шояд барои он дӯст медоштам, ки содагиҳо дошт ва ҳам ҷуръатҳои бебоконааш гоҳо касро ҳайрон мекард. Шояд барои он дӯст медоштам, ки дар рӯзи кадхудоияш иштирок доштаму модараш аз шодии бахти писари шоираш мерақсид, нӯги рӯмолашро зери дандон газида, остинҳои фарохашро албонҷ дода, модари пири маро ба ёд меовард… Намедонам… Ба ҳар ҳол он мукофоти ӯ ҳам ҳаст…» [46, с. 125]

Ҳамин як гуфтаи устоди сухан Лоиқ ва шеъри «Ба хотири Ғоиб Сафарзода» эҷодкардаи ӯ далели возеҳу рӯшани он аст, ки миёни ӯву Ғоиб (ва ҳам дигар ҳамқаламону ҳамқадамону ҳамзамонон) чӣ қадар робитаи ногусастанӣ ва қавии адабию маънавӣ ва дӯстӣ побарҷо будааст. Ин шеърро бихонем, ки дар он то чӣ андоза хуб донистани қобилияти эҷодӣ ва шӯру шавқи қалби Ғоиб Сафарзода аз ҷониби Лоиқ ва аз даргузашти фоҷианоку бемаҳали ӯ зери ғаму андуҳ мондани Лоиқ ва афсӯсхӯриҳояш аз он ки як истеъдоди ояндадор шеърашро то охир насароида рафт, таҷассум ёфтааст:

Гуфта будам туро, ки тунд марав,
Тунд рафтӣ, бубин, куҷо рафтӣ?
Бо хатои ҳама бишӯридӣ,

Худ чаро аз ҷаҳон хато рафтӣ? [46, с. 9]

Шоирону нависандагони солҳои 60-70-уми ба арсаи адабиёт қадам ниҳодаро хислати ҷасурию ҳақталошӣ ва дар дӯстию рафоқат содиқ хос буд. Онон аз сафедро сияҳу сияҳро сафед гуфтан парҳез доштанд. Бахусус, дар мавриди иззату эҳтиром намудани устодони сухан, донистани қадри онон зиёд ҷадал менамуданд. Табиист, ки чунин хислатҳои ҳамидаи адибони ҷавон ононро бо шоирону нависандагон ва суханшиносони насли калонтару номӣ наздику қарин мегардонид, ба онон нерӯву илҳоми эҷодӣ ва тозаҷӯйӣ мебахшид.

Публитсисти номӣ Раҷаб Мардон дар васфи Лоиқу Ғоиб Сафарзода гуфтааст: «Шишаи номуси миллат айёми донишҷӯӣ Ғоибназару Лоиқро аз варта ба варта мебурд, ҷасорат мебахшид, донову тавоно мегардонд. Дар шеър боло мерафтанд ва муҳаррики табу тоби миллат буданд. Ифтихор аз миллат ҳар дуро донову тавоно мекард ва дарди миллат сӯзи ҳамешагии вуҷуди онҳо буд…

Бори номуси миллат ба китфи Ғоибназару Лоиқ гаронӣ меовард ва фикри бедорию ваҳдати дастони пурфайзу дар сахо дарози ҳар ду хаста намешуд. Ҳарчи доштанд, сарфи дӯст мекарданд. На нияти қаср сохтан доштанду на давлату сарват гирд овардан. Агар ҳазор меёфтанд, ҳазору як харҷ доштанд.

Дӯст медоштанд тоҷики росткору ростгӯй, некдилу некманиш ва нахлу гиёҳи кишварро. Ва тухми муҳаббат мекоштанд дар дилу дидаи мардум». [102, с. 40].

Ин гуфтаҳоро бо дили пур метавон ба аксари дигар шоирону носирони солҳои 60-70-ум, ки аз ҷумлаи ҳамнишину ҳамкор, ҳамақида ва ҳамқаламону ҳамзамонони Лоиқ Шераливу Ғоиб Сафарзода буданд ва бо ҳам робитаи қавии адабию маънавӣ доштанд, нисбат дод.

Хулоса, дар ҳақи ҳамдигар некӣ кардан, муттаҳидӣ, таҳлилу нақди солими эҷодиёти ҳамқаламон, омӯзиши амиқи шеъри классикӣ ва бо ҷон дастгирии руҳиву маънавию моливиро ба ҷо овардан, ғаму шодӣ ва муваффақияту дастовардҳоро таҳсин намудан, дар маҷмуъ бо истеъдоду

саъйи комил таҳаввули адабиёти солҳои 60-70-уми садаи гузаштаро ба вуҷуд овардану рушди минбаъдаи онро таъмин намудан аз махсусият ва ҳусни равобити адабию маънавии насли Ғоиб Сафарзода арзёбӣ мегардад.

## 1.2. Фаъолияти публитсистӣ ва тарҷумонии Ғоиб Сафарзода

Аксарияти ҷавонони эҷодкори тоҷик пас аз хатми макотиби олӣ, алалхусус факултаҳои филологӣ, фаъолияти меҳнатию эҷодиашонро дар идораҳои рӯзномаю маҷалла, кумитаи радио ва телевизион аз кори рӯзноманигорӣ оғоз менамоянд. Устодони сухан, адибону олимони номвари тоҷик Бобоҷон Ғафуров, Мирзо Турсунзода, Мирсаид Миршакар, Муъмин Қаноат, Лоиқ Шералӣ, Гулрухсор Сафиева, Абдулҳамиди Самад, Зулфия Атоӣ, Шоҳмузаффар Ёдгорӣ, Муҳаммад Ғоиб ва садҳо қаламкашони дигари боистеъдод аз ҷумлаи ҳамин гуна шахсон мебошанд, ки дар тарбияи маънавии мардум ва пешрафти ҳаёти ҷомеа саҳми боризи худро гузоштаанд. Агар қисме аз ин адибон бо гузашти замон ва талаби давр сирф ба кори нависандагӣ гузашта бошанд, қисми дигарашон бо фаъолияти адабӣ пайваста, тақдири хешро пурра ба кори рӯзноманигорӣ бахшида, рӯзгори худро аз ҳамин касби пуршараф таъмин менамоянд.

Ғоиб Сафарзода низ аз насли адибонест, ки ҳанӯз овони донишҷӯйӣ вобаста ба пешаи интихобкарда ва меҳру муҳаббату дилбастагӣ ба адабиёт, ба журналистика, ба идораи нашрияҳои даврӣ ва маҷаллаҳо, ба телевизиону радио рафтуомад карда, аввалин шеъру ҳикоя ва мақолаҳояшро маҳз тавассути ин редаксияҳо ба табъ мерасонд.

Ғоиби ҷавони нав ба курсии донишҷӯйӣ нишаста, ҳамкориро бо нашрияи Донишкадаи педагогии Душанбе ба номи Т.Г.Шевченко «Педагоги ҷавон» ҷиддан ба роҳ монд ва аввалин офаридаҳои шогирдонааш маҳз дар саҳифаҳои ин рӯзнома чоп шудаанд. Ҳамкории шогирдонаи даврони донишҷӯйӣ бо як қатор нашрияҳои марказӣ самараи нек дод ва ғайричашмдошт ӯро барои кор ба идораи рӯзномаи «Тоҷикистони советӣ», нашрияи Кумитаи марказии Ҳизби коммунисти Тоҷикистон ба кор даъват намуданд. Шоири ҷавон, ҳамин тариқ, рӯзноманигор гардид ва баҳри фаъолият бо дасту дили гарм қалами хеш тез мекард:

Мекӯш қалам, дароз бошад рӯзат,
Ҳар фард зи лафзи ту сабақ омӯзад.
Бо кинаву бо ҳасад агар ҳарф занӣ,
Дар оташи ростӣ забонат сӯзад [23, с. 158].

Дар лаҳзаҳои ҳассосу тақдирсоз маҳз ба қалам, ба хома мурочиат кардан ва нияту мақсади асосии хешро ошкоро изҳор доштани аҳли қалам тасодуфӣ не, балки табиист, чаро ки қалам-силоҳ, воситаи изҳори фикру андеша, роҳи ҳалли дастоварду камбудиҳо, пешбурди муборизаашон буд. Масалан, шоири чанговари точик Ҳабиб Юсуфӣ, ки дар Чанги Бузурги Ватанӣ иштирок кардааст, дар шеъри «Ман Ватанро беш аз ҳарвақта дорам дӯсттар» (1941) бо хитоб гуфта буд:

Вақти он аст,
Эй қалам!
Буррандатар гардӣ зи теғ!
Вақти он аст,
Эй сухан!
Ғуррандатар гардӣ зи барқ!
То ба душман ҳамла орам,
Решааш бурӣ зи бех,
То расӣ,
манҳус – анчарро
кунӣ бешоху барг! [56, с. 81]

Ғоиб Сафарзода дар муддати кӯтоҳи омӯхтан, чаҳду талош кардан ва муҳаббату садоқати самимона доштанаш ба касби рӯзноманигорӣ ба он муваффақ шуд, ки дар миёни коллективи идораи рӯзнома, байни дигар қаламкашону аҳли зиё ва хонандагони сершумор ба ҳайси рӯзноманигори хушсалиқа шинохта шавад. Профессор Асадулло Саъдуллоев, ки бо шоир дар як идора кор мекард, чунин гуфтааст: «Ғоиб Сафарзода шоири тавоно буд. Ҳанӯз ҳамон давра бисёр шеърҳояшро оҳанг баста сарояндагон замзама мекарданд. Аммо ӯ бештар ҳамчун журналист ва публитсисти оташсухан ба мо маълум аст. Часпу талоши ӯ барои шукуфоии Ватан ва

забони ноби модарӣ то ин миллату ин Ватан ҳаст, ҷовидон вирди забон мемонад» [108, с. 31].

Ғоиб Сафарзода бо вуҷуди ҷавону навкор будан дар соҳаи журналистика ба зудӣ собит намуд, ки дар иншои лавҳаю очерк ва сафарнома, инчунин дар шеъргӯйӣ маҳорату истеъдоди хуб дорад. Қаламкаши ҷавон бо дили саршори меҳру муҳаббат ба меҳан дошта, ҳам чун зиёии асили миллат аз корҳои ободонӣ, музаффариятҳои меҳнатии халқ дар ҳама соҳаҳои ҳаёти хоҷагии халқи кишвар, хоса фарҳанг ва илму маориф, албатта, пеш аз ҳама адабиёт, шоду фараҳманд мегардид, меболид ва барои ситоиши қаҳрамонону тарғиби корномаҳои онон бо ҷиддият хома ба даст мегирифт. Қаҳрамонони офаридаи Ғоиб Сафарзода шахсони касбу кор ва вазифаҳои гуногун: колхозчии одӣ, ронанда, раис, роҳбар, кормандони мақомоти ҳифзи ҳуқуқу тартиботи ҷамъиятӣ, муаллим, сарбоз-муҳофизони Ватан дар солҳои Ҷанги Бузурги Ватании солҳои 1941-1945 ва ҳоказо мебошанд.

Корнамоиҳои меҳнатӣ ва образҳои Абдулфаттоҳи ронанда дар мақолаи «Ҷавонмард» («Тоҷикистони советӣ», 1963, 19 ноябр), раиси колхоз Гадой Сафаров дар мақолаи ҳамқалам бо рӯзноманигор К.Мамадов ба унвони «Раис» («Тоҷикистони советӣ», 1963, 28 ноябр) навишта шуда, старшинаи милитсия Бозор Абдураҳмонов бо тахаллуси Бозормилиса дар «Достонҳо боист гуфт» («Тоҷикистони советӣ», 1964, 24 май), ронандаи «киштии кабуд» – мошини пахтачини Гулмайрам дар очерки «Духтари колхоз» дар ҳаммуаллифии шоир Шоҳмузаффар Ёдгорӣ («Тоҷикистони советӣ», 1965, 14 март) ва ғайра таълиф шудааст. Обмони пахтазор Ҷаббор, тракторчӣ Ориф, бригадир Қувват дар мақолаи публитсистии «Фотеҳони Қайқидашт» («Тоҷикистони советӣ», 1965, 28 октябр), омӯзгори собиқадор Ҳасан Зарифӣ дар очерки «Меваи умр» («Маориф ва маданият», 1967, 11 май), [24, с. 66-91], воқеъбинона, самимӣ ва бо маҳорати баланд тасвир шудаанд. Мақолаву очеркҳои публитсистию проблемии Ғоиб Сафарзода хонданбоб буда, истеъдоди баланд доштанашро дар жанрҳои мазкур нишон медиҳанд.

Дар ду мақолаи дигари Ғоиб Сафарзода: яке мақолаи публитсистии «Дорад Бадахшон ифтихор» ва дигар сафарномаи «Сайри кишвари Булғор» мушоҳидакорию нозукбинии дақиқи муаллиф возеҳу рӯшан ба чашм мерасад. «Дорад Бадахшон ифтихор» (дар ҳамқаламии рӯзноманигор Нишон Ҳамроев, «Тоҷикистони советӣ», 5 сентябри соли 1967) диққатҷалбкунандаю мароқангез ва мафтункунанда мебошад ва хонанда онро то охир мутолиа менамояд. Масалан: «Помирро надидан дунёро надидан аст. Ин таъбир то андозае муболиға намояд ҳам, ба ҳақиқат наздик аст. Охир, табиати Помир бо ҳама гуна пурасрорию ноҳамворӣ, бо ҳама гуна аҷоиботи худ дар муқобили ҳамаи кишвару кӯҳсори ҷаҳон як олами дигарест. Вақте ки аз фазо, аз ҳавопаймо назар меафканед, ҳарчанд дунёдида бошед ҳам, мепиндоред, ки олами тамоман наверо дида истодаед. Оё кӯҳҳои паҳлуи ҳам хобидаи сар дар домани фалак ниҳода, ки яке сарсафеду бо пиряххои доимӣ пӯшидашуда, дигаре аз бепероҳанӣ лучу урён ба назар мерасад, оё рӯду рӯдчаҳои чун шир сафеду кафколуда, ки аз қуллаҳои баланд худро шитобон ба канори дарёҳои Панҷу Бартанг ва Ғунду Шоҳдара меандозанд, аз аҷоибот ва ҳусну шукӯҳи ин кишвари тоҷик шаҳодат намедиҳанд?» [24, с. 99]

Сипас, муаллифон дар хоҷагии қишлоқ ба навъҳои гуногуни кору меҳнат машғул будани кӯҳистониён, ганҷҳои Бадахшон, чашмаҳои нодиру шифобахшаш, комёбиҳои дар даврони шӯравӣ ба даст овардаи аҳолӣ, хусусан роҳкушоию саводнокшавии босуръату мутаҳайирсозанда – инқилоби маданӣ, боғи ботаникии дар бағали кӯҳ ҷойгиршудаи Помир шавқангез қисса менамоянд. Муаллифон инчунин аз хотираҳои сайёҳони хориҷӣ мисолҳои шавқангез меоранд. Онҳо мақоларо бо адабиёту маъхазҳои зиёд шинос шуда навиштаанд. Масалан, адиби нозукбаён ва накуноми тоҷик Аҳмади Дониш солҳои 70-уми асри XIX дар Санкт-Петербург ба сафири Англия гуфта буд: «Помири «камбағал» захираҳои бепоёни кӯҳӣ дорад. Дар он ҷо чизе, ки барои барпо кардани чор давлати бузург зарур бошад, мавҷуд аст» [24, с. 106].

Омӯзиш ва таҳлили мақолоти публитсистӣ ва очеркҳои Ғоиб Сафарзода аз такомули эҷодӣ ва тадриҷан хушбаён шудани вай гувоҳӣ медиҳад. Ҳар кадоме аз офаридаҳояш як асари комилу мустақил буда, самимона, бо дили гарму некбинона таълиф шудаанд. Ӯ ҳамеша дар иншои жанрҳои мазкур аз сеҳрангезии қалами шоирона зиёд истифода менамуд:

Қаламро мурғи гӯё мекунам ман,
Дилам бо вай ҳамово мекунам ман.
Ватанро бо ҳазор оҳанг хонда,
Варо анбози дилҳо мекунам ман [22, с. 62].

Сафарномаи «Сайри кишвари Булғор» хотираҳои ҷолиби муаллифро аз сафари сайёҳӣ-табобатии соли 1967 ба Булғор анҷом додааш фаро гирифтааст. Он бори аввал қисман дар рӯзномаи «Тоҷикистони советӣ» (№8, 13.10.1967 ва №12, 28.11.1967) чоп шуда буд. Баъди даргузашти фоҷиавии Ғоиб Сафарзода давоми хотираҳо аз рӯйи дастхати муаллиф аз ҷониби Шоҳҳайдар Ёдгорӣ бо қисмҳои ба табъ норасидааш пурра дар китоби «Мероси ҷавонӣ» чоп шуд.

Сафарнома аз панҷ бахш иборат буда, рӯзноманигор дар ҳар бахш чун фарзанди вафодору сипосгузори Ватани маҳбуб – Тоҷикистони офтобию ҳамешасабзи биҳиштосоро ёд карда, онро бо ҷойҳои таърихию манзараҳои роҳи сафари то сарзамини Булғор муқоиса менамояд ва аз ҷойҳои ҳаммонанд ба шавқ меояд, гоҳ муқоисаҳо ҷолиб ва шавқангез менамояд.

Услуби навишту эҷодиёти Ғоиб Сафарзода дар нигориши мақолаҳои публитсистию сафарнома махсусу мушаххас буда, дар «Сайри кишвари Булғор» ҳам дақиқ, содаву фаҳмо ва шавқангезу хотирмон мебошад. Муаллиф дар 27 саҳифа хотираву ёддошт ва нақлу ривоятро ба ҳам омехта, сабки тозае ба вуҷуд оварда, аз сифатҳои нави адабию публитсистӣ муваффақона истифода кардааст. Аз маводи таърихӣ хеле боманфиат кор гирифтааст. Чунончи:

«Ҳисор. Ин шаҳр таърихи дурударози пурмусибате дорад. Ҳанӯз пеш аз солшумории мо то асри III милодӣ дар Ҳисор франкиҳо ҳукмравоӣ мекарданд. Дар асри III-IV румиҳо лашкар кашида, дар ин ҷо байрақи дар

хун лоларанги ғалабаро баланд карданд, дар сарзамини ҳозираи Булғория ҳамин ҷоро қароргоҳи абадии худ писандида, ба он Аугуста ном ниҳоданд…» [24, с. 115-116].

Ғоиб Сафарзода дар ҷамъоварӣ намудани мавод барои ҳар асари ба нақша гирифтааш, ки нияти навиштан дошт, рӯякию сарсарӣ муносибат накарда, мавзуъро бо факту рақамҳо то ҳадди имкон амиқу дақиқ омӯхта, ҳама паҳлуҳоро, ба қавле, тагурӯ карда, кунҷкобии зиёд, ки хоси журналистони ҳақиқист, зоҳир менамуд.

Ғоиб Сафарзода дар «Қиссаи чашмони нобино» саргузашт ва тақдири образи асосии очерк -Ашӯрой Акрамоваи мутаваллиди Чорҷӯйи Туркманистонро аз забони худи ӯ ва дар охир аз гузашти умр, бозии тақдир, аз бурду бохти зиндагӣ ба кадом хулоса омаданашро тасвир менамояд: «Ба шумо мурочиат мекунам, мардум! Ба гапи ман, ба гапи як зани нобинои дардманд гӯш андозед! Ман ба шумо панд доданӣ нестам, балки чун як шахси озордида танҳо гуфтаниам, ки зинҳор, ба сад зинҳор аз нашъаи давлату савлат, аз нашъаи озодию тани сиҳат беҳуда мағрур нашавед, ба обу гили худбинию худписандӣ наёмезед! Беҳуда ба шаъни якдигар доғ нагузоред, якдигарро наранҷонед, то метавонед, овози худро баҳри ҷӯр шудан бо суруде баланд кунед, ки вай мартабаи одамро, бузургии ӯро тараннум мекунад, аз аср ба аср мебарад» [24, с. 98]. Ин мулоҳизаҳо дар инсон қувваи қобилият ба вуҷуд оварда, зеҳнашро тоза ва дар бунёдаш сифатҳои одамият афзун менамоянд.

**Дар фаъолияти рӯзноманигории ҳамагӣ** даҳсолаи Ғоиб Сафарзода навиштани мақолаҳо доир ба маданияти забон ва масъалаҳои адабиёт низ мақоми хоса доранд. Ба ин кор даст задани ӯ чанд сабаб дошт. Шахсияти вай ҳанӯз аз овони донишҷӯйӣ ҳамчун як шахси пешқадам, ҷавонзиёи ҳамқадами замон ташаккул ёфта, босуръат пеш мерафт. Дигар, дилу руҳи шоиронаи дар ҷӯшу хурӯш буда, эҳсоси баланд, хештаншиносӣ, меҳру муҳаббату самимияти нисбат ба забону фарҳанги ниёгон, ки ҳамроҳ бо хун дар рагҳои бадан ҷӯш мезад, ӯро аз дастовардҳои назарраси фарҳангии эҷодкорони кишвар водор менамуданд, ки шод шавад, онҳоро ситоиш ва

тарғибу ташвиқ намояд, дидаву дониста ва мушоҳидаҳояшро, фикру ақида ва пешниҳодоташро доир ба мавзуъҳои доғи марбут ба фарҳангу забон, расму ойин, эҳтироми муқаддасоти миллӣ, ошкор намудани норасоиву камбудӣ ва ғалатко-риҳо, роҳу воситаҳои бартараф сохтанашонро бо масъулият ба мардум гӯшрас намояд.

Ва бо ғуруру такопӯйе, ки дошт, бо руҳи оштинопазир нисбат ба ноҳақиҳо магар метавонист, хомӯшӣ, бетарафиро ихтиёр кунад ва гӯш ба қимору дида ба нобиноӣ андозад? Ҳаргиз ӯ ин тавр рафтор карда наметавонист. Дар ин хусус, ба фикри мо, Абдулҳамид Самад ба Ғоиб Сафарзода беҳтарин ва воқеъбинона сифат додааст: «Ӯ ҳамчун мову шумо на танҳо зиндагиро дӯст медошт, балки ошиқи шайдои ҳаёт ва тараннумгари ин олами зебо буд. Дили ҳассосу орзупарвараш ӯро мудом ба мавҷи пурталотуми зиндагӣ меафканд, имтиҳон мекард, азоб медод. Вай, ки зотан чоплусӣ, сиёҳкориву носипосиро чашми дидан надошт, чун каҷравие ба чашмаш расад, оташ мегирифт ва алайҳи фардҳои нопоку бешараф ба мубориза рӯбарӯ мехест. Албатта, ин на ба ҳама хуш меомад: мухолифону ҳасудон дар ҳар қадам пайти муносиб ёфта пешпояш медоданд. Вале ӯ тан надода, ҳамеша барои исботи ҳаққонияти худ ва дигар покниҳодон мардонавор часпу талош меварзид. Муросоро намеписандид Ғоиб. Охир, ӯ шоир буд ва дар кору эҷод ҷавонмардпеша. Бале, маҳз ҷавонмарду ҷавонмардпеша! Ва бемуҳобот ин беҳтарин хислати азалии инсон аст, ки на ба ҳар фарди соҳибҳунар насиб мегардад. Ин ҷо сухан аз ростии дилу забон меравад. Ӯ ҳамчун як инсони нексиришту фидоӣ ва рӯшанфикру хайрхоҳ, ки акнун дар арсаи эҷод худ ва халқи худро мешинохт, ба ҳусну қубҳи ҳамзамонон бо дидаи ибрат менигарист, бо сари пуршӯри ҷавонӣ маромномаи хосе дошт:

Ман рӯйи умри рафтаам хат мекашам ба хашм,
Донам агар намешавам ҳампойи зиндагӣ» [106, с. 34-35].

Ғоиб Сафарзодаро ғурури баланд, хислати «аз баландиҳо ба пастиҳо назар андохтан», сафедро сафеду сияҳро сияҳ гуфтан, яъне ҳақиқатгӯию ҳақиқатнигорӣ чи дар зиндагӣ ва чи дар эҷодиёт хос будааст. Хоҳ дар

китобиёту накди адабӣ бошад, хоҳ дар мақолаи танқидиву проблемавӣ на ин ки чоплусию хушомадзаниро намеписандид, балки рӯйихотирбинӣ ҳам намекард, камбудиву нуқсонҳоро ба хотири рафъи онҳо ошкоро менавишт, то ба манфиати кору ҷомеа ва, албатта, худи муаллифон гардад. Беғаразона, аз дилу нияти соф, бо қалами ростгӯйӣ мегуфт, барои кори савоб мегуфт. Дар рубоие гуфтааст:

Бори ғаразу фиреб бар дӯш мабош!
Эй дил, ту барои дигарон гӯш мабош!
Бо сози дили ҳасуду нокас ту масоз!
Дар кори савоб ҳеҷ хомӯш мабош! [23, с. 157]

Дурӯягиву чоплусӣ, лаганбардорӣ ва хушомадгӯёну номардонро тобу тоқати шунидану дидан надошт. Вале барои ҳақталошону ҳақгӯён, барои мардони поксиришту якрӯй тамоми ҳастии хешро бедареғ мебахшид:

Ман он сонам, ки бо як ранг гардам,
Ба роҳи нохалафҳо санг гардам.
Нишинам дар раҳи мардони пурдил,
Саропо нағмаю оҳанг гардам [23, с. 169].

Ғоиб Сафарзода ҳанӯз рӯзноманигори ҷавон буд, ки соли 1964 бо навиштани як мақолаи ҷавобии обдор бебокона, ба баҳси доманадоре дар қатори дигар мунаққидону суханшиносон ва сухансанҷони номдори пуртаҷриба ҳамроҳ гардид. Гап сари он мерафт, ки рӯзномаи «Маориф ва маданият» ҳамон сол зери унвони «Минбари эҷодӣ» оид ба фаъолияти эҷодии солҳои охири шоири шинохта Ғаффор Мирзо, бахусус, достони «366 паҳлу»-и ӯ баҳси доманадоре доир кард. Вобаста ба ин, «Мактуби кушода ба шоир Ғаффор Мирзо» ном мақолаи мубоҳисавии мунаққид ва рӯзноманигор Ҳикмат Раҳматов чоп шуду мунаққидону суханшиносон ва нуктасанҷонро ба баҳс кашид. Ғоиб Сафарзода, ки он вақт дар шуъбаи адабиёт ва санъати рӯзномаи «Тоҷикистони советӣ» кор мекард, низ бо мақолаи ҷавобӣ ба унвони «Хонандаи хайрхоҳ ё мунаққиди шитобкор» дар рӯзномаи «Маориф ва маданият», 23 июли соли 1964 баромад намуд.

Муҳаққиқ ҳанӯз дар оғози мақолаи ҷавобӣ ба мунаққид Ҳикмат Раҳматов ёдрас месозад, ки барои мунаққид аз рӯйи мақолҳои «Ҳам лаъл ба даст ояду ҳам ёр наранҷад» ё худ «На сих сӯзаду на кабоб» амал кардан нозебанда ва нохуб, балки дурӯягист: «Вале афсӯс ки муаллиф дар қисми зиёди мактуби худ овораи таърифу тавсифи асарҳои аввалаи шоир шуда, шеърҳои бисёри ӯро далел меоварад ва танобн суханро ниҳоят дароз мекунад, то ки аз як тараф хонандаро бовар кунонад, ки дар ҳақиқат, дӯстдор, ҳимоятгари содиқи асарҳои шоир аст ва аз тарафи дигар, эродҳои шубҳаноки худро рӯпӯш намояд.

Ҳайратангез аст, ки муаллиф, модом ин қадар мухлиси асарҳои шоир будаасту онҳоро бо иштиёқи тамом мутолиа мекардааст, чаро то кунун ягон бор ба воситаи матбуот таассуроташро баён накард? Чаро акнун яку якбора тамоми ихлосаш аз шоир гашта, ба қавли худаш «дам фурӯ бурда наметавонад»? [24, с. 22-23]

Ғоиб Сафарзода бар он назар аст, ки одамӣ, касе ки набошад, бояд ҳамеша ва дар ҳама кор сафедро аз сиёҳ, некро аз бад воқеъбинона, фарқ кунад, хоса агар гап сари бо хуни ҷигару нури чашмон офаридаҳои эҷодкоре равад, бе далелу бурҳони қотеъ сари масъалае ҳукм набарорад: «…Ҳикмат Раҳматов баъди ситоиши зиёд табари басо кунди сарзанишу маломатро ба даст гирифта, ба ниҳоли пурбори эҷодиёти шоир ҳуҷум меоварад. Дар ин ҳолат, мо дар симои Ҳ. Раҳматов на хонандаи хайрхоҳу дилсӯз, балки касеро мебинем, ки ӯ хубро аз бад ё фарқ карда наметавонад ё кардан намехоҳад…

Муаллиф ба кадом асос ҳукм мекунад, ки достони «366 паҳлу» дар мубориза барои бахту саодати одамони шуравӣ аслиҳаи чандон бурро нест? Пас, ба фикри ӯ, достон ғоя ва мақсади асосӣ надошта, маҷмӯи суханҳои пучу бемаънӣ ва нодаркор асту бас? Пас, оё танҳо суханҳои шиормонанд, аз қабили «Ҳама ба истеҳсолот!», «Ҳама ба майдони кор!» аслиҳаи бурро шуда метавонанд? Ба фикри мо, бояд ғоя ва руҳи асар даъваткунанда ва сафарбаркунанда бошад, ки инро дар саросари асарҳои шоир баръало дидан мумкин аст» [24, с. 23].

Ғоиб Сафарзода бо овардани як қатор далелу мисолҳои раднопазир эродҳои мунаққидро дар нисбати эҷодиёти Ғаффор Мирзо қотеъона рад карда, образнок танбеҳ додааст: «Ин ҳукми Шумо марди заҳматнадидаеро ба хотир меорад, ки вай ба ранҷу азоби шабонарузии деҳқон писхандзанон нигоҳ карда, барои чанд гиёҳи нодаркор гандумзори аз серборӣ пуртаҳаммули ӯро оташ мезанад» [24, с. 28].

Ҳамин тавр, Ғоиб Сафарзода дар мақолаи фавқ ва дар китобиёти «Ашъори Руҳбахш» («Тоҷикистони советӣ», 1969, 12 март) дар бораи маҷмуаи тозанашри Мирзо Турсунзода «Илҳом», танқид ва китобиёти «Чашмасор» («Маориф ва маданият», 1960, 20 август) дар бораи маҷмуаи ҳамноми шеърҳои Муҳиддин Фарҳат ва ғайра бо таҳлил ва нуктаҳои беғаразонааш собит намуд, ки дар ин ҷода маҳорату истеъдоди хуб дорад, пеш аз гуфтани фикри худ, қабл аз баровардани ҳукм дуруст мулоҳиза карда, инсофро риоя мекард, медид, ки кадом тарафи тарозу дар эҷодиёт ё асари адиб вазнин аст: муваффақият ё камбудӣ. Ва чунин рафтор карданро аз кулли мунаққидону суханшиносон талаб менамуд.

Ғоиб Сафарзода ба сифати як тан шоири сухандону суханшинос ва гузашта аз ин, рӯзноманигори хушсалиқа, ки пайваста пайи омӯзиш ва такмили донишу маҳорати худ мекӯшид, нисбат ба забон ва ҳусни баёни дигар қаламкашону эҷодкорон, бахусус аҳли эҷоди васоити ахбори омма наметавонист бетафовут бошад. Ӯ аз ҳар калимаву ибора, сатру ҷумлаи обдору бамаънӣ, навгуфташуда, равону суфта ва таъсирнок ба ваҷд меомад, барои аз ҷиҳати луғавӣ бою ғанӣ шудани забони модарӣ, бузургию бурдбории он меболид, ифтихор мекард. Аз ҷумла, дар мақолаи «Хушоҳангӣ ва суфтагии забон – ҷозибаи он» омадааст: «Забони адабии тоҷик роҳи чандинасраро паймудааст ва дар ин роҳи дурудароз бо бисёр забонҳои аҷнабӣ афтударафт намуда, музаффарона сари ифтихор баланд кардааст. Сӯхту сӯзи боигариҳои хаттии бостонӣ, истилою харобкориҳои аҷнабиён агарчи содагии забони адабии моро як дараҷа халалдор карда бошанд ҳам, вале бунёди онро хароб намуда натавонистанд. Чунки вай бо

хуни гарми нигоҳбонаш омехта ва дар рагу пайванду дили ҷӯшони ӯ маскан ёфта буд» [24, с. 29].

Табиист, ки ҷумласозиҳо, ибораороиҳои дурушту ноҷо ноқису бемантиқ, суханбозию суханпардозиҳои бемавқеъро дида, аз соҳибони асили забони тоҷикии форсӣ ба қаҳру ғазаб меомад, ғамгину маҳзун мегардид, табъаш хира мешуд ва баъд ба хулосае меомад, ки чунин ҳолатҳо «аз сабаби ба табиати нозукписанди забон дуруст баҳо надодан ва ё надонистани он» [24, с. 30] сар мезанад ва гӯшрас мекард: «Вале бояд гуфт, ки фаҳмогии забон як чиз асту равонию суфтагии он чизи дигар. Барои он ки забони адабӣ ҳамеша пероҳани ҳусну назокат дар бар дошта бошад, пеш аз ҳама, ба нафису оҳангнок ва зебою рангоранг ифода кардани фикр диққат додан лозим» [24, с. 29-30].

Мақолаи «Пул додану дарди сар харидан» («Тоҷикистони советӣ», 1968, 2 феврал), ки зери рубрикаи «Сухан аз маданияти забон» чоп шуда буд, низ ба масъалаи басо муҳими забон – то кадом андоза дуруст будани матни лавҳаю овезаҳо, эълону шиор ва то кадом дараҷа нигоҳ доштани маданияти забон дар навишти матни онҳо бахшида шудааст. Ғоиб Сафарзода бо мисолу далелҳои зиёд ҷой доштани бесарусомониҳо ва хараҷу марачро дар ин масъала қотеъона собит менамуд ва одилона ҳукм мебаровард: «Ин гуна бетартибӣ ва дарҳамбарҳамӣ аз он сар мезанад, ки дили роҳбарони ташкилоту муассисаҳои дахлдори ҷумҳурӣ ба тақдири забон намесӯзад, ба он ҳамчун ба чизи дувумдараҷа нигоҳ мекунанд, навиштани лавҳаю шиорҳо ва эълону овезаҳоро ба касоне ҳавола менамоянд, ки тоза ва беғаш нигоҳ доштани забон барои онҳо аҳамияте надорад. Роҳбарони муҳтарам инчунин медонанд, ки барои ин хел чизҳои «майда-чуйда» касе онҳоро «ҳайфи ту» намегӯяд. Онҳо ҳатто ба хондани мақолаҳое, ки ин хел нуқсонҳоро ёдрас мекарда бошанд, мароқ надоранд» [24, с. 44].

Ғоиб Сафарзода қаблан дар эҷодиёти манзуми хеш ба ҳифзу ҳимояи забону фарҳанги миллӣ, тозагии забон ва ҳусни баён бархост. Дар ин мавзуъҳои муҳимму доғи рӯз шеър, рубоиву дубайтиҳои хубу обдор эҷод

кард. Ҳарчанд дар ин роҳ барояш чаҳорчӯбаи назм тангӣ намекард ба наср, ахбори мақолаҳои танқидӣ, нақду адабиётшиносӣ, маданияти сухан ва ҳоказо рӯй овард.

«Нуктае, ки ҳеҷ аз хотирҳо зудуда нашуду намешавад, – менависад адиб ва рӯзноманигори варзидаву шинохта Мирзо Шукурзода, – ин аст, ки Ғоиб Сафарзода ҳамчун посдори рӯинтан ва шуҷои забону фарҳанги тоҷик дар охири солҳои шастуми асри бист бо тозиёнаи шеър, ки бар сари манқуртҳои замон мезад, иктифо накард ва рӯй ба публитсистика ва мақолаҳои тунду кӯбанда овард...» [46, с. 52-53].

Ҳамин буд, ки дар рӯзномаи «Тоҷикистони советӣ» 28 феврали соли 1968, дар айни авҷи рукуду барҷомондагӣ дар ҷомеа ва давлати Шуравӣ, мақолаи калону кӯбандаи Ғоиб Сафарзода ба унвони «Таровати зиндагӣ дар зебоист!» таҳти рубрикаи «Номи зебо – ними ҳусн» ба табъ расид. Дар мақола муаллиф аз хусуси номгузории аз ҳад зиёди кӯчаву хиёбонҳо, маҳаллаву ноҳияҳо, колхозу совхозҳо, мағозаву муассисаҳои хӯроки умумӣ, хизмати маишӣ, ба шарафи шахсиятҳои таҳҷоӣ набуда ва аслан барои халқи тоҷик хизмати сазоворе намекунанд. Инчунин гузоштани номҳои русии табъро хиракунанда ба истгоҳҳои хатсайри нақлиёти мусофиркаш дар ҳоле ки дар забони тоҷикӣ ин калимаву номҳо вуҷуд дошта, зебою гуворо садо медоданд, барғалату шикаста бо забони русӣ тарҷума кардани қисме аз номҳо дар шаҳри Душанбе ва дигар минтақаҳои Тоҷикистон, дар ин кор роҳ додан ба саҳву хатоҳои ҷиддию нобахшиданӣ ӯро бештар ба шигифт меоварданд. «Як ноҳамвории кор дар он аст, ки, – менависад муаллиф, – майна об карда, ба баъзе дӯкону муассисаҳо номҳои хушрӯй монда бошанд ҳам, боз онҳоро бе ягон андеша тарҷума кардаанд, дигархелтар карда гӯем, ҳусну қубҳро ба ҳам омехтаанд. Охир, чӣ ҳоҷат ба он ки «Баҳор»-ро «Весна», «Оинаи нил-гун»-ро «Голубой экран», «Мавҷ»-ро «Волна», «Барфосо»-ро «Снежок», «Афсона»-ро «Сказка» гӯем?» [26, с. 47] Ҳамчунин боз навиштааст: «…Шаҳри Душанбе дорои се ноҳияи калони саноатист. Ба ин ноҳияҳо Роҳи оҳан ва Марказӣ барин номҳои нозебу ночаспонро маҷбуран часпондан чӣ зарурат дорад? Ба болои ин, номи

ноҳияҳои мазкур ба ҳар забон ҳар хел навишта ва талаффуз карда мешавад» [26, с. 47].

Ғоиб Сафарзода дар ин мақола ҳамчун донанда ва посдори покию беолоишии забони модарист ва рӯзноманигори мушоҳидакор расман тарҷума кардани номи ноҳияҳо, колхозу совхозҳо, шаҳракҳоро кори хато меҳисобад ва ба ҳамагон суол медиҳад: «Ба ин гуна тарҷумакуниҳои нодаркор кӣ манфиатдор аст? Кадом грамматикаи забон барои тарҷума кардани исмҳои хос дастур додааст?» [26, с. 47]

Муаллиф аз ободу зебошавии шаҳри Душанбе, пойтахти Тоҷикистон изҳори шодӣ менамояд, вале ҳамзамон хавф аз он дорад, ки ба маҳаллаҳои навбунёд ва истгоҳҳои хатсайрҳо гузоштани номҳои номуносибу дағал («Док», «Масложыркомбинат», «Нагорная», «Северный», «Водонасосная», «Кожзавод»), дар шакли ғалат машҳур гардонидани номҳои шаҳру ноҳияҳо бо забони русӣ (Нурек, Пархар, Нау, Гиссар), вайрону ғалат навиштани номи кӯчаю истгоҳҳо («Муканон» (дар асл «Муқаннаъ»!), Лахути (Лоҳутӣ), Лютфи (Лутфӣ!), Якочинарский (Яккачинор!) забони тоҷикиро ба забони махлут табдил медиҳад: «Агар исмҳои хосро ин тавр бемулоҳиза вайрон кардан гирем, оё хавфе ба миён намеояд, ки баъди гузаштани солҳо насли оянда дар хусуси дуруст будани кадом шакли ин номҳо аз нав баҳсу мунозира барпо мекунад?» [26, с. 48-49]

Ғоиб Сафарзода дар охири мақола бо нияти нек, беғаразона, баҳриислоҳи камбудиҳо бардоштани ин масъаларо таъкид менамояд: «Чунин нуқсонҳоро, ки ҳусну зебоии шаҳру деҳоти моро халалдор мекунанд, забони адабиамонро ба камбағалӣ бадном менамоянд, бартараф кардан ва минбаъд ба номгузорӣ ҷиддитар машғул шудан кори хайр ва басе муҳим мебошад». [123, 86]

Маълум аст, ки ба шарофати даврони бозсозию ошкоргӯйӣ билхоса, замони садоҳои баланду азм ва талошҳо баҳри ба забони тоҷикӣ дар қаламрави Ҷумҳурии Тоҷикистон додани мақоми давлатӣ, пас аз ба даст омадани истиқлоли давлатӣ дар саҳифаҳои рӯзномаю маҷаллаҳо, барномаҳои радиову телевизион дар мавриди зарурати тозаву беолоиш

нигоҳ доштани забони тоҷикӣ, риояи кӯшиши миллӣ, эҳё ва гиромидошти анъанаҳо ва расму ойини ниёкон, фарҳанги миллӣ пайваста мақолаҳову барномаҳои ба қавле "обдор" нашр ва шунавонидаву намоиш дода мешуданд. Акнун ҳамагон қаламу коғазу баландгӯяк ба даст гирифта, ба ҳимоя ва пуштибонии забону фарҳанги миллӣ бармехостанд. Аммо замоне ки Ғоиб Сафарзодаи ҷавон дар ин маврид садо баланд кард, дигарон аксаран муҳри хамӯшӣ бар лаб зада ва аз тарси «мабодо…» сари ин масоил нимовозу пинҳонӣ гап мезаданд.

Аз ин нигоҳ, ҳақ ба ҷониби шоир Шоҳҳайдар Ёдгорист, ки гуфтааст: «Мақолаҳои журналист Ғоиб Сафарзодаро агар аз диди имрӯз аз назар гузаронида баҳо бидиҳем, онҳо мақолаҳои муқаррариро мемонанд, ки ҳамеша чоп шуда истодаанд. Вале бардоштани чунин мавзуъҳо аз тарафи як рӯзноманигори ҷавон он солҳо инқилобе ё худ бозсозиеро мемонд» [77, с. 3].

Нависанда Абдулҳамиди Самад ба Ғоиб Сафарзода дар ҷодаи рӯзноманигорӣ чунин баҳо додааст: «Ӯ инсони хушмуомила буд, лек ба рӯзноманигорони чаласаводу чоплус, беиродаву дар сари манфиатҳои миллат бетафовут муросо намекард, балки мудом чун устухон дар гулӯи онҳо меистод…» [106, с. 43].

Хулоса, шоир ва рӯзноманигори асилу тавоно Ғоиб Сафарзода тӯли зиндагӣ ва фаъолияти шоирию журналистӣ ҳамеша мекӯшид, ки «ҳампои зиндагӣ» бошад ва дар ҳама ҳолат ин байти худро шиору фалсафаи зиндагияш қарор дода буд: «Зиндагӣ дар талоши оянда, Ҳар нафас инқилоб мехоҳад» [19, с. 26]. Мавриди таъкид аст, ки публитсистикаи шоир Ғоиб Сафарзода таҳқиқоти махсус ва боз ҳам мукаммалтареро мехоҳад.

**Фаъолияти тарҷумонӣ.** Дар адабиёти муосир аз солҳои сию чил сар карда, тарҷумаи осори классикони халқу миллатҳои мухталифи Иттиҳоди Шуравӣ ва берун аз он ба забони тоҷикӣ вусъат пайдо намуда, минбаъд ба анъана мубаддал гаштааст.

Тарҷумонҳо бо як дилбастагӣ ва шавқу рағбати беандоза ба тарҷумаи осори манзум даст зада, дар ин замина мероси пурғановатеро ба вуҷуд

оварданду мухлисони шеърро баҳраманд аз дастовардҳои адабиёти ҷаҳон намудаанд. Аксари ин баргардониҳо аз забони бою ғании русӣ сурат мегирифтанд. Мусаллам аст, ки фаъолияти тарҷумонӣ, пеш аз ҳама аз шахс забондонӣ, дар назму наср маҳорату истеъдоди баланд ва сабру таҳаммул дар болои ҳар вожаю ибора ва ҷумлаву мисраъ андеша рондану кор карданро талаб менамояд. Хусусан, тарҷумаи асарҳои манзум кори басо заҳматталабу масъулиятнок мебошад. Ҳатто гуфтан мумкин аст, ки шоир-мутарҷим асари ҷолибу арзандаи адиби писандида ва интихобкардаашро дар алоқамандӣ бо қонуну қоидаҳои забони модарии хеш гӯё аз нав эҷод менамояд. Ин ба он маъност, ки асари хубу моҳирона баргардонидашуда дар назар ба моли тарҷумон мубаддал мегардад. Ба тарҷумаи осори манзуми адабиёти хориҷӣ ғолибан шоирон даст мезаданду мезананд.

Ғоиб Сафарзода ба серкорию ҷустуҷӯҳои зиёд ва ташвишҳои бисёри рӯзнома, навиштани шеъру сафарҳои эҷодӣ, таълифи мақолаҳои зиёди публитсистӣ, ҳам ташвиши рӯзгор нигоҳ накарда, аз нимаи дувуми солҳои шастум ба кори тарҷумонӣ даст зада, дар ин соҳа маҳорату истеъдод ва табъу завқи баланд доштанашро собит сохтааст.

Шоир ва рӯзноманигори ҳампойи зиндагӣ, мубоpизи матинироdaи эҳё ва рушди фарҳангу забони миллӣ Ғоиб Сафарзода, ба мулоҳизаи публитсисти шинохта Раҷаб Мардон, ки навиштааст: «Дар шеър ва рӯзноманигорӣ шоиру журналисти рӯзҳои худ набуд, …одами зарурии насли имрӯз ва солҳои шастуму ҳафтодуми замони мо буд» [102, с. 23-24], бо ақлу фаросати воло эҷодкори асил дармеёбад, ки фарҳангу тамаддунҳои мухталифу рангоранг ва бойи халқу миллатҳои олам фақат дар бардоштҳои манфиатнок аз ҳамдигарӣ метавонанд рушду нумӯи бештар касб намуда, пеш раванд. Ӯ эътиқодманд буд, ки шиносоӣ бо илму адаб ва фарҳанги дигар халқу миллатҳо ҷаҳонбиниву мафкураи халқу миллати азизашро, ки аз гаҳвораҷунбонони тамаддуни башарист, васеътару фарохтар, олами ботиниашро бойтар, мавқеи ӯро дар ҷомеаи башарӣ сазовортар мегардонад.

Бинобар ин ҳам, Ғоиб Сафарзода ба густариш ва мустаҳкамсозии ҳамкориҳои эҷодӣ бо шоирону адибони ҷумҳуриҳои бародарии Иттиҳоди Шуравии собиқ камар баст ва ба тарҷумаи беҳтарин намунаҳои осори як қатор шоирони классику муосири русу халқҳои бародар пардохт. Ӯ ашъори Н.А. Некрасов «Рафта-рафта мадор гардад кам», «Гаштем ҷудо миёни роҳ», Николай Тихонов «Савганд», Ярослав Смеляков «Модар, Алексей Сурков «Ду нафар», Майя Румянсева «Хайрбод», шоирони озар Набӣ Хазрӣ силсилаи шеърҳо, Мамад Раҳим «Гар намешуд..., Сулаймон Рустам «Ба дӯсти эрониам», шоирони арман Сайёди Наво (силсилаи шеърҳо) ва Ованес Шероз «Суруди Арманистон», «Боздид», шоирони белорус Петрус Бровка «Пеш аз тулӯи офтоб», «Бар шукуфтанҳои боғоти навинам интизор» ва Нил Гилевич «Қулф», шоираи украин Светлана Йовенко «Се меҳр», шоирони балқар Қайсин Қулиев «Сар ба таъзим оварам», «Коғаз» ва Максим Геттуев «Шабонгоҳ», шоири гурҷӣ Николоз Бараташвили «Ситораи ман», шоири қазоқ Музаффар Олимбоев «Ҳарфи бародари ту – қазоқ», Евгениюс Матузявичюси литвонӣ «Ба гӯшам мерасад овози ту имшаб», «Мурғи зарринбол», «Шаб оҳанги сафар дорад», шоирони ӯзбек Ӯйғун «Танбӯр», «Раққоса» ва Охунҷон Ҳакимов «Шуд магар огаҳ зи сирри духтараш?», «Чӣ сон ҳам чашмҳоят меҳрубонанд?» ва «Андеша»-ро моҳирона ба забони тоҷикӣ баргардондааст.

Инчунин ба тарҷумаи шеърҳои шоирони англис Байрон «Ба қаҳрамони халқ», «Катибаи ҷамҷама» ва Шелли силсилаи шеърҳо, шоири Ҳинд Ҳориваншрай Бачан «Шоир ва Ватан», «Ҳама карду фаромӯш кард инсон», шоири Миср Маҳмуд аш-Шунабӣ «Васфи озодӣ», шоири Ироқ Аббос Умар «Ба писарам Зайдун», шоири Сенегал Давид Диоп «Шиканҷа» машғул гардидааст.

Аксари тарҷумаҳои Ғоиб Сафарзода дар солҳои гуногун дар нашрияи «Педагоги ҷавон», рӯзномаҳои «Тоҷикистони советӣ», «Маориф ва маданият», маҷаллаи «Садои Шарқ» ба табъ расида буданд. Баъд Шоҳҳайдар Ёдгорӣ тарҷумаҳои чопшуда ва ҳам ба табъ нарасидаро аз бойгонии шоир пайдо карда, дар «Мероси ҷавонӣ» ҷой додааст.

Ғоиб Сафарзода бештар аз ҳама дар тарҷумаи намунаҳои ашъори шоири арман Сайёди Наво ва шоири озар Набӣ Хазрӣ заҳмати зиёд кашидааст. Ӯ на танҳо мазмуну ғояҳои олии намунаҳои ашъори ин адибон (ва дигаронро низ!) ба забони тоҷикӣ дода тавонист, балки онҳоро бо вазну қофия ва шаклу навъҳои нави шеъри тоҷикӣ мувофиқу муносиб гардонд. Ростӣ, ба назари ҳатто муҳаққиқи борикбин чунин мерасад, ки ин шеърҳоро худи Ғоиб Сафарзода эҷод карда бошад, чаро ки банду баст, мазмуну мундариҷа, самимияту мавзунӣ, дар доираи қонуну қоидаҳои забони тоҷикӣ, махсусан, назми тоҷикӣ тарҷума намудани онҳо далели возеҳу рӯшани истеъдоди баланди забондонӣ, шеърдониву шеършиносӣ ва нуктасанҷии шоир мебошад.

Масалан, чанде аз шеърҳои тарҷумашудаи шоири арман Сайёди Наворо гирем, ки Ғоиб Сафарзода дар баргардониши онҳо меҳнату заҳмати зиёдеро таҳаммул карда, дар натиҷа шеърҳои мавсуфро бо номҳои «Шиорам ин бувад дар зиндагонӣ», «Бе ту кай гирам нафас», «Ба ёдат», «Ишқи ёри ман», «Арзи вуҷуд», «Дур нест», «Аё булбул», «Ашк аз дида меборам», «Касро маёзор», «Он ҷо биниҳам сар» тарҷума намудааст. Ин шеърҳо махсус таъкид кардааст Шоҳҳайдар Ёдгорӣ, аз чор-панҷ банд иборат буда, ҳамчунин дар охири ҳар як шеър номи шоир зикр гардидааст, ки ба услубу равия, шакл мувофиқи шеъри тоҷикӣ буда, ҳама дорои қофияю радифи комиланд ва самимӣ тарҷума шудаанд» [78, с. 20].

Дар тарҷума намудани осори манзуми адибони классику муосири ҷумҳуриҳои Иттиҳоди Шуравӣ ва ҳам хориҷӣ, ба андешаи мо, ҷиҳати аз ҳама муҳим ва зарурии эҷодии Ғоиб Сафарзода дар кори тарҷумонӣ, махсусан, дар баргардонидани намунаҳои ашъори шоирони писандида ин будааст, ки ӯ ҳангоми тарҷума моҳиронаву боинсофона сабку услуби муаллифонро риоя намудааст. Масалан, ашъори Набӣ Хазрӣ «Даъвати ҳаёт», «Чинор», «Агар…», «Эҳсос», «Намеёбӣ маро дигар», «Эй дил», «Шоҳид» ва намунаҳои ашъори Сайёди Наво («Шиорам ин бувад дар зиндагонӣ», «Бе ту кай гирам нафас» «Ба ёдат», «Ишқи ёри ман», «Аё булбул», «Ашк аз дида меборам», «Касро маёзор» ва ғайраро гирем, ки дар

баргардон карданашон муттарҷим тамоми нафосату назокати каломи бадеъро истифода бурда, мазмуну мундариҷа ва ғояҳои баланди адабию инсонии муаллифонро нигаҳ доштааст. Дар поён аз шеъри «Даъвати ҳаёт»-и шоири озар Набӣ Хазрӣ намунае меорем:

Сарсафед аз барф ҳоло қуллаҳои кӯҳсор,
Ҳусн ороя табиат чашм дар роҳи баҳор,
Шод моем аз шукӯҳу аз фурӯғи рӯзгор,
Ҳаст умеду орзуҳои накӯ пазмони мо,
Интизорӣ мекашад моро касе дар ким-куҷо [21, с. 218].

Ҷиҳати дигар ва боз ҳам муҳимму хоси эҷодиёти тарҷумонии Ғоиб Сафарзода аз он рӯ возеҳу рӯшан ба назар мерасад, ки агар болои унвони шеъри тарҷумашуда ному насаби аслии муаллифро наорем кас гумон мекунад, ки шеърҳо таълифи худи Ғоиб Сафарзода мебошанд. Ба андешаи мо, ин болотарин ва волотарин дастоварди ҳар шоири тарҷумон, дар айни ҳол, комёбии нотакрори шоир Ғоиб Сафарзода дар шеъри шоири машҳури арман Сайёди Наво «Касро маёзор» мебошад:

Ту, Сайёд, оқилона зиндагӣ кун,
Ки ҳаст ин зиндагӣ чун кафки собун.

Навозиш кун ғарибони ҷигархун,
Дару девори худро кун парастиш [21, с. 204].

Ғоиб Сафарзода саъю талош намуда, аз ҳар шоире мисли Майя Румянсева, Қайсин Кулиев, Ярослав Смеляков, Николай Тихонов, Набӣ Хазрӣ, Мамад Раҳим ва дигарон беҳтарин таҷриба ва маънӣ ба вуҷуд меовард. Шеърҳои бархе аз шоирони мазкур аз нигоҳи муҳтаво ба фарҳангу адаби мо марбутанд. Бархе аз шеърҳо ба наҳве тарҷума шудаанд, ки тарҷума будани онҳо эҳсос намешавад. Ба сифати намуна боз шеъреро аз шоири озар Набӣ Хазрӣ бо номи «Чинор» намуна меорем:

Бар Ганҷаи пуршухрати ман як назар андоз:
Сарсабзу бақодор чинорест дар он ҷо.
Парвард Низомӣ бари он табъи баландаш,

Овозааш аз Ганҷа бурун рафт ба дунё [21, с. 219].

Ғоиб Сафарзода зимни тарҷума ҳамеша талош меварзид, ки матни тарҷума ба табиату руҳи забони тоҷикӣ созгор бошад. Мо ҳамеша шоҳид мешудем, ки забони бархе аз тарҷумаҳои дигар адибон хушку беруҳи ва сохтаву бетароватанд. Вале дар тарҷумаҳои шоир мо бо забони гиро ва тароватбахш рӯ ба рӯ мешавем. Ибороту таркиботе, ки дар матну батни як шеър истифода мешаванд, хоси қонуни муоширату маърифати моянд. Барои мисол ба намунае аз шеъри «Шуд магар огаҳ зи сирри духтараш?»-и шоири ӯзбек Охунҷон Ҳакимов нигарем:

Бегаҳӣ омад ба хона духтарак,

Чеҳрааш бишкуфта чун моҳи тамом.

Ҷӯш мезад дар дилаш ҳисси аҷиб,

Барқ мепошид чашмаш бардавом.

– Оҳ, дар пешат бимирам,

Баҳри чӣ

Ин қадар имрӯз шодӣ, духтарам?

– Оҳ, модарҷон, чӣ гӯям пеши ту?

(Ваҳ, чӣ гуфтам). Ҳеҷ гап не, модарам [21, с. 247].

Ибораи «дар пешат бимирам» хоси забони тоҷикист ва истифода аз он ба ҳар шеъри вижагии махсусе мебахшад. Шеъри шоири белорус Петрус Бровка зери унвони «Бар шукуфтанҳои боғоти навинам интизор» ба андешаи мо аз намунаҳои хуби тарҷумаи Ғоиб Сафарзода аст:

Сархушам аз бӯю ҳусни табъпардози замин,

Бар шукуфтанҳои боғоти навинам интизор [23, с. 216].

Шеъри шоири арман Ованес Шероз низ бо номи «Боздид» намунаи хонданӣ миёни тарҷумаҳост. Замири шеър низ шабоҳатҳои зиёде ба таърихи кишвари мо дорад. Чунончи:

Ҳанӯз айёми талхи баччагӣ, дар ёд дорам ман,

Бурун рафтам гурезон аз ятимхона.

Куҷо! Аммо намедонам.

Биҷустам модарамро, лек

Ӯро боздидан буд афсона [21, с. 215].

Хулоса, намунаҳои қобили зикр миёни тарҷумаҳои шоир зиёданд. Ҷойгоҳ ва нақши Ғоиб Сафарзода дар тарҷумаву муаррифии адабиёти хориҷӣ дар ҷомеаи адабии мо ниҳоят мушаххас аст. Ӯ ба ҳайси мутарҷим ҳангоми интихоб намудани шоир ва намунаҳо аз осори ӯ диққат дода, аз худ завқи баланди суханшиносӣ зоҳир намудааст.

**Тарҷумаҳои Ғоиб Сафарзода**

| | Номи шоир | Номи шеър | Миллат | Миқдор |
|---|---|---|---|---|
| 1. | Н. А. Некрасов | Рафта-рафта мадор гардад кам. Гаштем ҷудо миёнаи роҳ. | Шоири рус | 2 |
| 2. | Николай Тихонов | Савганд | Шоири рус | 1 |
| 3. | Ярослав Смеляков | Модар | Шоири рус | 1 |
| 4. | Алексей Сурков | Ду нафар | Шоири рус | 1 |
| 5. | Майя Румянсева | Хайрбод | Шоири рус | 1 |
| 6. | Қайсин Қулиев | Сар ба таъзим оварам. Коғаз | Шоири балқар | 2 |
| 7. | Максим Геттуев | Шабонгоҳе | Шоири балқар | 1 |
| 8. | Набӣ Хазрӣ | Даъвати ҳаёт. Чинор. Агар… Эҳсос. Намеёбӣ маро дигар! Эй дил. Шоҳид. | Шоири озар | 7 |
| 9. | Сулаймон Рустам | Ба дӯсти эрониам | Шоири озар | 1 |
| 10. | Мамад Раҳим | Гар намешуд | Шоири озар | 1 |
| 11. | Сайёди Наво | Шиорам ин бувад дар зиндагонӣ. Бе ту кай гирам нафас. Ба ёдат. Ишқи ёри ман. Арзи вуҷуд. Дур нест. Аё булбул. Ашк аз дида меборам. Касро маёзор. Он ҷо биниҳам сар. | Шоири арман | 10 |
| 12. | Ованес Шероз | Суруди Арманистон. Боздид. | Шоири арман | 2 |
| 13. | Николоз Бараташвилӣ | Ситораи ман. | Шоири гурҷ | 1 |
| 14. | Петрус Бровка | Пеш аз тулӯъи офтоб. Бар шукуфтанҳои боғоти навинам интизор. | Шоири Белорус | 2 |
| 15. | Нил Гилевич | Қуфл | Шоири белорус | 1 |
| 16. | Музаффар Олимбоев | Ҳарфи бародари ту - қазоқ. | Шоири қазоқ | 1 |
| 17. | Евгениюс | Ба гӯшам мерасад овози ту имшаб. | Шоири | 3 |

| | | | | |
|---|---|---|---|---|
| | Матузявичюс | Мурғи зарринбол. Шаб оҳанги сафар дорад. | литва | |
| 18. | Светлана Иовенко | Се меҳр. | Шоираи Украин | 1 |
| 19. | Уйғун | Танбӯр. Рақкоса. Ба ман бигзор танҳо ин дили маҳзун. | Шоири ӯзбек | 3 |
| 20. | Охунҷон Ҳакимов | Шуд магар огаҳ зи сирри духтараш? Чӣ сон ҳам чашмҳоят меҳрубонанд? Андеша. | Шоири ӯзбек | 3 |
| 21. | Байрон | Ба қаҳрамони халқ. Катибаи ҷамҷама. | Шоири англис | 2 |
| 22. | Шелли | Камина. Шикоят. Дарди ишқ. Ирландия. Мусофирон. Шаби хуш. | Шоири англис | 6 |
| 23. | Хориваншрай Бачан | Шоир ва ватан. Ҳама карду фаромӯш кард инсон. | Шоири ҳинд | 2 |
| 24. | Маҳмуд аш-Шунабӣ | Васфи озодӣ. | Шоири миср | 1 |
| 25. | Аббос Умар | Ба писарам Зайдун. | Шоири ироқ | 1 |
| 26. | Давид Диоп | Шиканҷа. | Шоири сенегал | 1 |

### 1.2.1. Назари адибону мунаққидон ба дастовардҳои шоир ва натиҷаи фаъолияти гуногунҷабҳаи вай

Тавре ки маълум аст, ҳанӯз дар даҳаи панҷоҳуми қарни сипаришуда нақди адабӣ ва махсусан, таҳқиқу бознигарии шеър вусъати тоза пайдо намуд. Ҳамзамон бо мақолоту нақдҳои ҷудогона осори муҳимми илмӣ-назариявӣ дар риштаҳои мухталифи шеършиносӣ таълиф гардиданд. Барои ин аввалин бор дар адабиётшиносии тоҷик абзори шеърсоз, навъҳои шеърӣ мавриди баррасии амиқу доманадор қарор гирифт. Осори арзишманде дар заминаи поэтикаи шеъри форсӣ, илми балоғат таълиф ва нашр гардидаанд, ки намунаи барҷастаи онҳо аз Б.Сирус [109] ва Т.Зеҳнӣ [80] мебошанд.

Ҳамчунин дар ин давра тадқиқоти ҷомеъ, амиқу доманадор, муқоисаи масъалаҳои гуногуни адабиёт, аз ҷумла таърихи адабиёт, нақди адабӣ, назарияи адабиёт, матншиносӣ, масоили назарии фununи шеърӣ инкишоф ва рушд пайдо намуд. Ба майдони таҳқиқ олимоне, мисли А.Сатторзода, А.Афсаҳзод, Х.Шарифов, С.Имронов, Н.Қаҳорова, Ш.Раҳмонов, Р.Мусулмониён ворид гардиданд. Нахустин бор навъҳои шеъри форсӣ ва

масоили назарии марбут ба онҳо аз ҷониби онҳо мавриди таҳқиқу арзёбӣ қарор гирифтанд.

Омӯзиш ва таҳқиқи назарияи адабиёт ва шеъри тоҷик бар асоси давраҳои ҷудогона маҳз дар ҳамин даҳа оғоз гардид. Дар пайванд бо ин мавзуъ бояд аз заҳмату ранҷи насли бузургсоли адабиётшинос А. Мирзоев, С. Табаров, Ш. Ҳусайнзода, Х. Мирзозода, Н. Маъсумӣ, М. Шукуров, Р. Амонов, Р. Ҳодизода, В. Асрорӣ, А. Сайфуллоев, А. Маниёзов ва дигарон ёд намуд. Хизмати эшон дар шинохту маърифати масъалаҳои осори адабӣ, фароҳамсозии заминаҳо барои таҳқиқи ҳамаҷонибаи шеъри муосир ва ҳамворсозии роҳҳову шеваҳои навини пажуҳишӣ бузургу чашмгир аст. Ва ниҳоят нақши корҳои анҷомдодаи онҳо дар камолу баландагии насли ҷавони адабиёти муосир, аз ҷумла Ғоиб Сафарзода бисёр судманд мебошад.

Ғоиб Сафарзода замони ба рӯзномаи «Тоҷикистони советӣ» ба кор омаданаш (1962) ба сифати як шоири соҳибқалам ва навпардоз миёни ҳаводорони шеъри ноби дарӣ, хоса суханварону сухансанҷон шинохта ва писандида шуда буд. Ӯ дар шуъбаи рӯзномаи “Адабиёт ва санъат” масъул буд ва бо шоирону нависандагони шинохта шиносоӣ дошт, аз хоксорию фурӯтанӣ ва серталабӣ нисбат ба эҷодиёти худ барои чопи маҷмуаи ашъор даст намезад.

Шоир ва рӯзноманигори варзида Зиё Абдулло сахтгириву ҷиддирафтории Ғоиб Сафарзодаро нисбат ба эҷодиёти худ чунин ба қалам додааст: «Дар маҳфиле муаллим Боқӣ Раҳимзода гуфта буданд: «Аз худ серталаб бошед ва ҳаргиз қонеъ набошед, мисли Ғоиб Сафарзода. Боре, дар ҷамъомади шоирон бо навбат шеър хонда аз минбар мефаромаданд. Навбат ба Ғоиб Сафарзода расид. Ӯ ҳам шармида-шармида оғози шеърхонӣ кард, вале дар ними шеър бо гиря тарки минбар гуфт. Ӯ аз шеъри худ қонеъ нашуд… Чунин ноқонеӣ аз шеъри худ, ҳатто дар сари минбар, нишонаи эҳсосоти баланди гӯянда ва талаби сахт аз худ аст» [82, с. 3].

Ғоиб Сафарзода пас аз чанд соли қаламфарсоӣ дар ҷодаи шеър соли 1969 беҳтарин намунаҳои ашъори худро ҷамъ оварда, дар маҷмуаи «Корвони орзу» тавассути нашриёти «Ирфон» ба табъ расонд. Шоири шинохта Мирсаид Миршакар дар пешгуфтори ин маҷмуа навиштааст: «Дар солҳои охир калимаи шоирро аксаран бо иловаҳои «номдор», «маъруф», «ширинкалом», «дӯстдошта»… ба забон меоранд. Ба гумони ман, калимаи «шоир» ба ин гуна сифатҳои барзиёд эҳтиёҷ надорад. Сазовори номи шоир танҳо сухансарое шуда метавонад, ки ширинкалом, соҳибистеъдод, номӣ, дӯстдоштаи халқ бошад ва сазовори ин ном шудан барои ҳар сухансарой, ки пир аст ё ҷавон, мукофоти олист. Муаллифи ин гулчин Ғоиб Сафарзода ҳам яке аз он сухансароёни ҷавонест, ки дар муддати каме тавонистааст номи худро дар зеҳни аҳли завқу эҳсос ҷой дода, сазовори номи шоир гардад.

Шоир ба маҷмуаи нахустини худ «Корвони орзу» ном гузоштааст. Корвони орзу дар сафар аст, сорбони он хуб медонад, ки роҳи интихобкардаи ӯ тахту ҳамвор нест, дар пеш муборизахои тунду тез, барору нобарориҳо нигарони ӯ мебошанд:

Эй дил, бикушо болу биомӯз паридан,
К-имрӯз мусофир ба раҳи зиндагиам ман.
Роҳе, ки дар он заҳмату ранҷам нигарон аст,
Мақсуду шараф, роҳату ганҷам нигарон аст [19, с. 5-6].

Корвоне, ки сорбонаш ба куҷо ва бо кадом роҳ рафтанашро медонад, ба манзил хоҳад расид» [19, с. 5-6].

Ончуноне ки нахустфарзанд барои падару модар аввалин меваи шаҳдбори зиндагист ва хеле азиз аст, «Корвони орзу» ҳам барои Ғоиб Сафарзодаи дил моломоли орзуҳои ширини ҷавонӣ ва эҷодиёту зиндагонӣ буд, азизу гиромӣ ба ҳисоб мерафт. Чаро ки акнун муштоқони шеъри ноб ва ҳаводорони назми ӯ бо маҳсули хаёли баландпарвозаш, бо шеърҳои заминӣ, бо фалсафаи ба онҳо вориднамудааш на аз саҳафоти рӯзномаҳо, балки дар маҷмуъ ошно мешаванд, ба ҳамдигар қиёс менамоянд ва дар мавриди бурду бохти шоирӣ хулосабарорӣ мекунанд.

«Корвони орзу»-и Ғоиб Сафарзода на танҳо дар ҷодаи фаъолияти эҷодии шоир, балки дар назми адабиёти ондавраинаи тоҷик аз дастовардҳои калон буд. Ин муваффақиятҳо дар мазмуну мундариҷа ва ҳам дар ғояҳои олию саноеи бадеӣ аз талошҳои умедбахши муаллифаш дар адабиёти солҳои шастуми тоҷик маҳсуб мегашт», [23, с. 12] – изҳори назар намудааст мураттиби ашъори баъдимаргии Ғоиб Сафарзода Шоҳҳайдар Ёдгорӣ дар пешгуфтори ҷилди якуми мунтахаботи шоир.

Азму ҷазм, кӯшишу талош, омӯзишу пайгирӣ ва навҷӯиву навовариҳо дар шеъру шоирӣ ба шоири ҷавон номи наку овард ва ба ин шараф ӯ ба сафи адибон пазируфта шуд. Устоди сухан Боқӣ Раҳимзода яке аз мураббиёни шоирони ҷавони он солҳо буд, дар тавсияномаи хеш чунин изҳори ақида кардааст, ки «ӯ (Ғоиб Сафарзода, М.М.) бо шеърҳояш ҳамроҳи халқи бунёдкори худ ба пеш қадам мезанад. Дар ҳамин аст маънии зиндагии ӯ, дар ҳамин аст мазмуни шеърҳои эҷодкардааш. Ӯ навиштааст:

Маро ҷӯед ҷое, ки ба ҳар ҷо тангноҳояш
Барои рӯдҳои дар сафар гаҳвораи нозанд.
Ба як сӯ чашмаҳои ташнаи ҷавлони дарёяш,
Ҷавониро таҷассум карда дар туғёну дар тозанд [23, с.13].

Ҳамчунин муаллифи пешгуфтор ин мавзуъро идома дода, чунин афзудааст: «Шеърҳои шоири ҷавон «Шаҳомати асри XX», «Нидои модар», «Қадамшуморӣ», «Зиёратгоҳ», «Кафшери орзу» («Кафшери дӯстӣ», М.М.) ва амсоли инҳо ҳам аз ҷиҳати мазмун ва ҳам аз лиҳози шаклу бадеият диққатангезанд. Аз ашъори шоир маълум мегардад, ки ӯ барои тозагии забон, равшании фикр ва образнокии мазмунҳои бикр саъю кӯшишҳо дорад» [23, с.13].

Ашъори «Корвони орзу» ҳамон гуна, ки аз ошноӣ ба нақду баррасиҳои замон бармеояд, диққату таваҷҷуҳи мунаққидон ва ҳаммаслакон қарор мегирад. Ғаффор Мирзо, ки яке аз шоирони соҳибмактабу номвари замон буд, андешаҳои ҷолибе атрофи хусусиятҳои шеъри шоир иброз намудааст. Мавсуф бар ин назар буда, ки: «Ғоиб Сафарзода аз зумраи адибонест, ки дар иншову нашри шеър масъулияти

хосе дорад. Дар чопи маҷмуаҳои ашъор низ эҳтиёткор аст. Агар чунин эҳсосе набуд, шояд ӯ соҳиби ду-се китоби дигари ашъор мешуд. Бинобар ҳамин ба эҷодиёти Ғоиб Сафарзода на танҳо аз рӯйи маҷмуаи ӯ «Корвони орзу», балки дар асоси шеърҳои дигари ӯ, ки дар рӯзномаю маҷаллаҳо чоп шуда меистоданд, баҳо бояд дод. Ғоиб Сафарзода аз ҷумлаи шоиронест, ки дар шеърҳояш зӯрбазӯракӣ навиштан эҳсос намегардад. Шеъри ӯ сода, нарм ва хеле самимӣ аст. Образҳои шоиронаи ӯ бо самимият ва халқияти худ хонандаро мутаассир менамоянд. Хулоса, Ғоиб Сафарзода аз уҳдаи ҳалли мавзуъҳои калони замонавӣ ҳам баромада метавонад» [23, с. 14].

Шоир ва рӯзноманигори хушсалиқа Зиё Абдулло, ки бо иқрори худаш «Корвони орзу»-и Ғоиб Сафарзодаро ҳанӯз замони донишҷӯйӣ хондааст, пас аз гузаштани солҳо дар мақолаи хеш «Дар миёни ду мавҷи азим» барҳақ менависад: «Миёни солҳои 60 то 70 боло баромадани як шоири нав хеле душвор буд. Зеро номи шоироне чун Мирзо Турсунзода, Мирсаид Миршакар, Боқӣ Раҳимзода, Ғаффор Мирзо, Муъмин Қаноат, Аминҷон Шукӯҳӣ ва Файзулло Ансорӣ, ки воқеияти зиндагӣ, шеъри заминӣ месуруданд, бисёр баланд садо медод. Агар садои тоза намедошт, аз ин мавҷи азим сар бурун задани як шоири ҷавон сахт мушкил буд. Хоса, дар сурудани шеъри заминӣ. Истеъдоди тоза низ ин вазъиятро мешинохт ва барандаи худро маҷбур мекард, ки роҳи нав биҷӯяд. Ғоиб Сафарзодаи ҷавон бо ин мавҷи азим рӯ ба рӯ буд. Шеър зери мушоҳидаи ҷиддии на танҳо шоирон, ҳамчунин адабиётшиносон қарор мегирифт. Агар чунин намебуд, истеъдод зуд ҳамсадоӣ пайдо намекард. Ҳамсадоии профессор А.Насриддинов (соли 1959), баъдан Боқӣ Раҳимзода, Ғаффор Мирзо ва академик Муҳаммадҷони Шакурии Бухороӣ ба аввалин шеърҳои Ғоиб Сафарзода як далели ин сухан аст» [82, с. 3].

Аз маълумотномаи комбинати полиграфӣ бармеояд, ки «Ошёни офтоб» ба матбаа 3 марти соли 1972 супорида шуда, ба иҷозаи чопаш 17 августи ҳамон сол имзо шудааст. Пас, шоири ғӯрамарг 26 рӯз қабл аз иҷозаи чопи китоби ашъор дунёи фониро падруд гуфтааст. Ба маҷмуа шоир Салимшо Ҳалимшо муҳаррирӣ кардааст.

Аз гулдастаи шеърҳо ва дубайтиву рубоиёти «Ошёни офтоб» бармеояд, ки дар чанд соли ахир маҳорату истеъдоди суханварии шоир бовиқору дилпур чун уқоб ба парвоз омада, роҳ сӯйи ошёни офтоб гирифта ва хеле боло рафтааст. Адиби шуҳратёр Меҳмон Бахтӣ навиштааст: «Он айём Ғоиб Сафарзода хеле сермаҳсул буд ва пайваста дар рӯзномаву маҷаллаҳои ҷумҳурӣ шеър ва мақолаҳояш дар мавзуи доғи рӯз чоп мешуданд. Бахусус шеърҳои аз лиҳози мавзуъ ва тобишу назокати сухан ҷолибу зебои ӯ зуд ба дили ҳаводорони шеър роҳ мегирифтанд ва дар як муддати кӯтоҳ Ғоиб Сафарзода миёни доираи адабии Тоҷикистон ҳамчун шоири ҷавони соҳибистеъдод ном бароварда буд. Мо, дӯстонаш дар симои ӯ, ба тамоми маънӣ шоири баландпарвози ояндадори тоҷикро медидем.

Ғоиб Сафарзода шоире буд ҳалим, фурӯтан, меҳрубон ва бо ғурури бешикасти ватанпарварӣ… Ӯ аз миёни мо (дар садамаи автомобилӣ) барвақт рафта бошад ҳам, аммо ғурури шоистаи миллатпарастонаи ӯ дар дили ҳамҷиҳатон ва ҳам хонандагони миннатдори осори пурғановати ӯ ҷовидон боқӣ хоҳад монд» [86, с. 10].

Ҳамин тариқ, ду дафтари ашъори Ғоиб Сафарзода бо таҳриру тағйироти сомондодаи худи шоир мураттаб гардида буданд: яке «Корвони орзу» ва дигаре «Ошёни офтоб». Аввалиро, ки нахустин буд, шоир диду болид. Вале дар шакли чопӣ дидани дувумӣ насибаш нагардид.

Соли 1978 осори мунтахаби Ғоиб Сафарзода бо номи “Мероси ҷавонӣ”, ки осори манзум ва мансури адибро дар бар мегирад, аз чоп баромад. Дар он инчунин фикру андешаҳои устод Муъмин Қаноат, ки соли 1975 бо номи «Дар роҳ» барои маҷмуаи «Мероси ҷавонӣ» навишта буд, ҳамчун охирсухан ба табъ расидааст. Аз навиштаи устод Муъмин Қаноат муносиб аст, ин ҷо иқтибосе биёрем: «Ин китоб мероси ҷавонии Ғоиб Сафарзода аст. Аз ин китоб пайдост, ки Ғоиб Сафарзода ҷавони боғайрат пуртакопӯ ва гармдиле буда, дар даҳ соли омӯзиш ва ҷустуҷӯҳои адабӣ ба манзиле расида, боғе сабз кардааст. Аз ин китоби баъди сари шоири ҷавон чунин дармеёбем, ки ӯ оғози худ, овози худ ва парвози худро доштааст, ки дар ашъораш идома хоҳад кард.

Шеър ҳамеша ҳамсафари халқ, ҳампои замон будааст. Аз ин рӯ, шеърҳои Ғоиб Сафарзода ҳам бо ҳама нуқсу камол, бо ҳама тамомиву нотамомиҳояш ҳамсафари мост». Ҳарчанд ки ӯ гуфта буд:

Мо раҳгузарем, дар сафар мегузарем…» [21, с. 10-11].

Ғоиб Сафарзода ба аввали роҳи ҷустуҷӯи макони шеър қадам монда, акнун бо дили пур ва эҳсосоти гарм ёфтаҳои худро сурат мебаст, аз олами кӯдакӣ, наврасӣ, ҷавонӣ, аз ишқу муҳаббати ҳамсолон, шукӯҳи замони заминкушоӣ ва фалакпаймоӣ сухан мегуфт. Садои қавӣ, оҳанги самимии ашъори ӯ дар дили хонандагон асар дошт.

Чи даврони ҷавонмардист моро!

Ҳавои осмонгардист моро! [23, с. 86]

Ҳамчунин дар китоби дувуми «Мунтахабот» мукотиботи Ғоиб Сафарзода бо дӯстону ҳамқаламон, ки характери бадеӣ доранд, гирд оварда шудаанд. Бояд ёдовар шуд, ки замони омодагиҳои ҷашн бо кӯшишу заҳмати беандозаи духтари шоир, рӯзноманигор, собиқ хабарнигори рӯзномаи «Ҷумҳурият» Зуҳра Сафарзода китоби дигаре бо номи «Ҷавонии ҷовидон» ба нашр расид, ки фарогири ёддошту хотироту ёдвораҳои ҳамқаламону ҳамсабақон, дӯстону наздикони шоир дар лаҳзаҳои хуби бо ҳам будан аст. Дар саҳифаҳои ин китоб дидгоҳҳо ба назароти ҷолибе атрофи вижагиҳои сурудаҳои шоир ва фаъолияти рӯзноманигорию шахсияти ӯ дарҷ гардидааст.

Аслан бисёр ба мушоҳида расидааст, ки қисме аз эҷодкорону ҳунармандони асил бо кадом қуввае ҷозибанок бо ин ё он тарз марги хешро пешакӣ ҳис намудаву пешгӯйӣ менамоянд. Ғоиб Сафарзода низ гӯё аз кӯтаҳии умри хеш бохабар буда, ки ҳар лаҳзаи умрро босамар истифода менамуд, то ин ки ҳар чи бештару беҳтар аз худ нишоне, номи неке боқӣ гузорад.

Мо мегузарему ин ҷаҳон мемонад,

Ин олами пир ҷовидон мемонад.

Бигзашт агар зи даст ҳар неку баде,

Дар дафтари зиндагӣ ҳамон мемонад [23, с. 159].

Чӣ қадар ҳайратангез аст, ки Ғоиб Сафарзода он рӯзи шум дар ағбаи Шаршари роҳи мошингузари Кӯлоб-Душанбе замоне аз сафари хидматӣ баргаштан дар роҳ бо мошини худ дучори садама гашта, ба ҳалокат мерасад. Шоир ҳанӯз дар «Суруди шофёр», ки бори нахуст дар рӯзномаи «Тоҷикистони советӣ» сентябри соли 1971 чоп шуда, навиштааст:

Тез, аспи бодпоям, тезтар,
Боз як гардиши дигар монду бас…
Одамон бо чашми чор истодаанд,
Роҳи моро интизор истодаанд [20, с. 47].

Рӯзноманигор Раҳими Рафеъзод дар ёдномае аз Ғоиб Сафарзода ба унвони «Ташнаи ишқу набард» рӯзи ҷаноза бо видоъ шоири ҷавонмаргро чунин ёдовар шудааст: «Марги нобаҳангоми шоир он рӯз вуҷуди ҳамаро месӯзонд. Маросими дафнаш дар деҳаи Кадучӣ ба рӯзи сиёҳи аҳли адаб табдил ёфта буд. Мардуми деҳа хурду калон мегирист. Онҳо оҳи пурдарду сӯзон мекашиданд. Зеро инсонеро аз даст дода буданд, ки дарди он аз талхии ҷон кандан бадтар буд”. Ба марги шоири шаҳид устод Соҳиб Табаров ашк рехта гуфта буд:

« – Дӯстон! Меарзад, ки мо имрӯз ашк резем. Ашки талху сӯзон. Зеро адабиёти мо талафи бузург дод. Гули орзуҳои Ғоибназари мо дар қалби пуршӯраш хушкид» [101, с. 2].

Ғоиб Сафарзода ҳамаи меҳру вафо ва сидқу сафои доштаашро ба мардуми ба ҷон азизаш мегуфт:

Гаҳвораи ман тапид баъд аз падарам,
Модар бениҳод ном Ғоибназарам.
Шукронаи давр, ки нагаштам ғоиб,
Номи падарам намуд соҳибназарам [22, с. 53-54].

Ғоиб Сафарзода бо зиндагии кӯтаҳу маҳсули эҷодии даҳсола номи хешро дар қалбҳои одамон ва дар сафҳаи таърихи миллат ҷовидонӣ сабт намуд. Шоир ва рӯзноманигор Исо Раҳим дар ёдномае аз Ғоиб Са-фарзода овардааст: «Шеъри тоза мегуфт. Шеърҳои ӯ гӯё имрӯз эҷод шуда. Агар умр дасташ медод, шоири аввали Осиё мегардид». [46, с. 94]

Хулоса, бо фаъолияти бобарору мондагору серпаҳлуи худ миёни аҳли фазлу камол аз он ҷумла шоирону адибон олимону мунаққидон ва ҳамкасбонаш эътибори муносиб ёфта, баҳои арзанда гирифтааст. Он чунонки аён мегардад, ҳамаи онҳое, ки аз Ғоиб Сафарзода ва шахсияту эҷодиёти вай сухан кардаанд, ӯро бо некӣ ёд карда, истеъдоду маҳсули фаъолияти эҷодиашро мунсифона ситоиш ва васфу нақд намудаанд.

## 1.3. Осори таълифии шоир ва таснифи жанрии онҳо

Тавре ки дар боло ишора кардем, Ғоиб Сафарзода дар муддати умри кӯтоҳ аз худ осори гаронарзише боқӣ гузоштааст ва он аз шеъру асарҳои публитсистӣ ва тарҷумаҳои ӯ иборат мебошанд. Роҷеъ ба осори публитсистию тарҷумаҳои адиб аллакай дар фасли гузашта андешаронӣ ва таҳлилу баррасӣ сурат гирифтааст. Ин ҷо аз такрори онҳо худдорӣ карда, танҳо ба таснифу дастабандӣ ва шинохти вижагиҳои жанрии осори манзуми адиб мепардозем. Осори бозмондаи шоир алҳол дар ҳафт маҷмуа: «Корвони орзу» (1969), «Ошёни офтоб» (1972), «Мероси ҷавонӣ» (1978), «Ҷавонӣ» (1986), «Мунтахабот» (2003), «Мунтахабот» (Китоби 2, 2011), «Чашмаи меҳр» (Мунтахабот, 2015) ҷамъоварӣ ва нашр гардидаанд, ки тадқиқоти мо асосан, аз рӯйи ҳамин китобҳо сурат гирифтааст.

Китоби нахустини шоир, ки «Корвони орзу» ном дошта, шеърҳои давраи аввали эҷодиёти Ғоиб Сафарзодаро дар бар гирифтааст. Ба ин маҷмуаи адиб устод Мирсаид Миршакар пешгуфтор навишта, ба Ғоиб Сафарзода ҳамчун фотиҳаи нек, аз ҷумла чунин суханонро арзонӣ доштааст: «Ба ту, эй сарояндаи «Корвони орзу», ки бо роҳи зиндагӣ равон ҳастӣ – роҳи сафед!» [19, с. 6]

«Корвони орзу» дорои се фасл: «Зиндагӣ», «Рангҳои ишқ» ва «Орзу» буда, дар он 50 шеъри гуногунжанру гуногунмавзуи шоир ҷой дода шудааст. Агар шеърҳои ин маҷмуаро ба жанрҳои адабӣ ҷудо намоем, чунин натиҷа ҳосил мешавад: чаҳорпора 19-то, маснавӣ 18-то, рубоӣ 6-то, шеъри сафед (озод) 4-то, маснавии мустазод 1-то, ғазал 1-то, мусаллас 1-то мебошад. Аз ин бармеояд, ки шоир дар давраи аввали эҷодиёти хеш чун дигар навқаламон бештари шеърҳояшро дар шаклҳои чаҳорпораву маснавӣ навишта будааст. Дар маҷмуаи мазкур аз шаклҳои шеърии суннатӣ фақат маснавӣ, рубоӣ, мусамматӣ мусаллас, ғазал ва як маснавии мустазод таҳти таъсири осори гузаштагон таълиф шуда, боқимонда шеърҳо дар шаклҳои шеъри муосир – чаҳорпораву шеъри озод иншо гардидаанд.

Дар поён маҳорати ғазалгӯии Ғоиб Сафарзодаро дар ягона ғазали ин маҷмуа, ки «Зиндагӣ» ном дорад ва шоир онро дар синни 27-солагиаш (1967) навиштааст, мавриди таҳлил қарор медиҳем:

Раҳи фардо шитоб мехоҳад,
Заҳмати беҳисоб мехоҳад.
Ҳар суоле ки зиндагӣ партофт,
Бетакаллуф ҷавоб мехоҳад.
Ҳар садое бурун зи дил гардид,
Мавҷаю изтироб мехоҳад.
Ҳар нигоҳу сукути ҷонона
Бӯи қалби кабоб мехоҳад.
Ҳар чаман, боғу роғи гардолуд
Бар сари худ саҳоб мехоҳад.
Ҳар тапиши дили пур аз туғён
Маънии як китоб мехоҳад.
Зиндагӣ дар талоши оянда
Ҳар нафас инқилоб мехоҳад [19, с. 26].

Ғазали боло аз ҳафт байт иборат буда, чун ғазалҳои суннатӣ ҳар байти он мазмуни мустақиле дорад. Зиндагӣ, ки худ маҷмуаи бешу камист, мавзуи ғазал ҳам мисли номаш гуногунҷабҳа мебошад. Се байти аввали он мазмунҳои иҷтимоию фалсафӣ ва байти чаҳорум, мазмуни ишқӣ, байти панҷум, тараннуми боғу роғу чаман, байти шашуму ҳафтум боз ҳам мазмуни фалсафӣ гирифтааст. Дар ғазал калимаҳои «шитоб», «беҳисоб», «ҷавоб», «изтироб», «кабоб», «саҳоб», «китоб» ва «инқилоб» қофия шуда омада, калимаи «мехоҳад» ба ҳайси радиф оварда шудааст. Чунонки мебинем, шоир хонандаро, махсусан ҷавононро мавриди таъкид қарор додааст. Қаҳрамони лирикӣ дар ин ҷо аз хонандаи хеш дар «раҳи фардо шитоб» кардану барои ба мақсад ноил шудан «заҳмати беҳисоб» кашидан ва ба «ҳар суоли зиндагӣ» ҷавобу ба «ҳар садое ки зи дил берун» меояд, изтироб доштанро тақозо кардааст.

Дар байтҳои минбаъда низ шоир ба як паҳлуи зиндагӣ суол гузошта, боз худ ба он гуфта ҷавоби сазовор додааст. Нуқтаи баланди ин ғазал дар мақтаи он ошкор мегардад, ки омадааст:

Зиндагӣ дар талоши оянда
Ҳар нафас инқилоб мехоҳад [19, с. 26].

Ҳамчунин Ғоиб Сафарзода мисли дигар шоирони навовар дар шеъри «Шеър иншо мешавад» қолаби анъанавии маснавиро шикаста, байтҳои мустазодро, ки мисраи дуюми он аз байти васила (Шеър иншо мешавад) иборат аст, ба он илова менамояд. Барои исботи ин сухан дар поён банди аввали он шеърро намуна меорем:

Мерабояд рангу бӯй аз чеҳраи гулҳо хамӯш,
Маст меояд насим аз кӯҳсори лолапӯш,
Дил ҳамеояд ба ҷӯш,
Шеър иншо мешавад [19, с. 20].

Маҷмуаи шеърии «Ошёни офтоб» дуюмин китоби шоир буда, замони дар қайди ҳаёт буданаш мураттаб гардидаву ду-се моҳ пас аз маргаш интишор шудааст ва он тибқи мундариҷаи китоб аз 140 шеър иборат мебошад. Шоир шеърҳои ин маҷмуаро чун китоби якуми худ ба фаслҳои алоҳида: «Ҳампои зиндагӣ», «Сурудҳо», «Дубайтиҳо» ва «Рубоиёт» ҷудо кардааст.

Агар шеърҳои ин маҷмуаро низ ба навъҳои шеърӣ ҷудо намоем, мебинем, ки дар он 77 рубоӣ, 29 дубайтӣ, 11 чаҳорпора, 9 қитъа, 8 маснавӣ, 3 ғазал, 3 байт, 2 таркибанд, 2 мухаммас, 1 мустазод, 1 шеъри озод ҷой гирифтаанд, ки дар маҷмуъ аз 146 шеъри гуногун иборат аст. Агар дар маҷмуаи «Корвони орзу» 50 шеър ҷой дошта бошад, дар маҷмуаи дуюми шоир – «Ошёни офтоб», ки дар фосилаи 3 сол интишор гардидааст, теъдоди шеърҳо ба 146 адад расидааст, ки ин аз истеъдоди модарзодӣ ва илҳоми рӯзафзуни шоир башорат медиҳад. Аз муқоисаи теъдоди шеърҳои ду маҷмуаи шоир маълум мегардад, ки малакаю маҳорат ва истеъдоди шоирии Ғоиб Сафарзода аз маҷмуаи якум то дуюмаш хеле рушд кардааст.

Аз мутолиаи маҷмуаи «Ошёни офтоб» маълум мегардад, ки Ғоиб Сафарзода нусхаи пешазчопии ин китобашро надидааст ва онро баъди сари ӯ дӯстону наздикон ва ёноширон барои чопаш имзо гузоштанд. Ҳамин аст, ки дар матни баъзе шеърҳо ғалатҳои техникию имлоӣ, харобии вазн ва дигар ноҷӯрию норавониҳо низ ба назар мерасанд. Аҷал ба ӯ имкон надод, ки китоби дуюмашро ба даст гираду аз ҳусну қубҳи навиштаҳои худ огаҳ гардад. Дар ин хусус, адабиётшинос ва мунаққид Юсуф Акбарзод низ чунин ишорае кардааст: «Дар баъзе шеърҳои ӯ андешаҳои маълуму такрори фикру таркиби образ ва бозёфтҳои дигарон (хусусан, дар шеърҳои «Силоҳи эътиқод», «Ҷаҳони хешро дарёб» ва ғайра баъзе образу тарзи сухани Нодирпуру Лоиқ эҳсос мешавад) норавшанию норавонии андешаю харобии мантиқ ба назар мерасанд ва ин камбудиҳо барои давраҳои аввали эҷодиёти шоирон табиист [58, с. 87-88]. Барои аниқ кардани гуфтаҳои адабиётшинос Юсуф Акбарзод мо маҷмуаи «Ошёни офтоб»-и шоирро мавриди таҳқиқ қарор додем ва маълум гардид, ки ақидаи мунаққид дар ҳадди сидқ аст. Ёдовар бояд шуд, ки шоир дар бораи баъзе лағжишу номавзуниҳои шеъри худ дар абёти ҷудогонааш ишораҳое низ кардааст:

Гар каломи мост номавзун ҳанӯз,
Нест онро қудрати афсун ҳанӯз [20, с. 12].
Бубинед, роҳам бадар бурданист,
Ба ғафлат ба сӯи дигар бурданист,
Падарвор дастам диҳед, одамон,
Бигӯед қубҳам ба гӯш он замон [20, с. 29].

Ҳамчунин, дар мисраи сеюми банди дуюми шеъри «Гаҳвораи сангин», дар мақтаи ғазали «Ҷӯён шав» ва дар шеъри «Ҳампои зиндагӣ» чунин лағжишҳои қалам ба назар мерасанд, ки баъзеашонро агар хатои техникӣ ҳисобем, бархеи дигари онҳо аз носуфтагии шеърҳо дарак медиҳанд. Чунончи, дар байтҳои зерин аниқ аст, ки хатои техникӣ содир шуда, ба ҷойи калимаҳои «дардод», «бифаҳмӣ», «зиндагӣ» ва «некноммардон»

мутаносибан вожаҳои нуқсондори «дордод», «бифҳамӣ», «зиндагӣ» ва «некном мардон» омадаанд:

Дил нидо дордод: аз раҳ пас нагард,
Бим аз саддҳои сангин нестам [20, с. 5].
Агар хоҳӣ бифҳамӣ кистам ман, аз куҷоям ман,
Зи байни мардуме ки ҳомии дунёст, ҷӯён шав [20, с. 15].
Дар саҳнаи зиндагӣ хамӯш истода,
Зинҳор ба ҳукми донаи нард мабош [20, с. 67].
Аз шаҳраҳи некном мардон гузарам,
Оғоз кунам ба роҳи дигар сафарам [20, с. 68].

Ҳамчунин шеъри «Қуллаҳо» [20, с. 7], ки аз ҳашт мисраъ иборат аст, аз рӯйи қофиябандӣ ба шеъри чаҳорпора дохил мешавад ва бояд дар ду банди чаҳормисраӣ оварда мешуд, вале бандҳои гуногунқофия дар китоб пайиҳам омадааст. Чунин носуфтагиҳо дар шеърҳои «Ҳампои зиндагӣ» ва «Кистанд онҳо» низ ба назар мерасанд. Масалан, байтҳои зерин дорои нуқсонҳои арузӣ мебошанд:

Ҳам савти руҳипарвари дарёю чашмаро,
Ҳам чаҳ-чаҳи ҳазорро дар назм оварам...
Дар роҳи хизмати башар чун рӯди кӯҳсор,
Сар мезанам ба мавҷи дарёи зиндагӣ [20, с. 28].
Сипас ҷойи матои шеъри шоир
Тапид тору пуд аз саъйи беҷо [20, с. 40].
Афтодаву хеста равам гар зи паяат,
Маъзур, зи бодаи ту сармаст шудам [20, с. 58].

Маҷмуаи «Мероси ҷавонӣ», ки баъди шаш соли фавти шоир соли 1978 аз тарафи дӯсти даврони ҷавонии шоир – Шоҳҳайдар Ёдгорӣ ба табъ расидааст, шеърҳои зиёдтари Ғоиб Сафарзодаро дар бар гирифтааст. Маҷмуаи «Мероси ҷавонӣ» аз фаслҳои «Корвони орзу», «Ошёни офтоб», «Аз гулбоғи шоир», «Тарҷумаҳо» ва «Публитсистика, очерк ва хотираҳои сафар» иборат мебошад. Дар ин маҷмуа шеърҳои ду маҷмуаи аввал,

шеърҳои ҳанӯз нашрнашуда ва инчунин шеърҳои аз забони русӣ тарҷумакардаи шоир низ ҷой дода шудаанд.

Мо дар ин ҷо ба ташхиси шеърҳои ду китоби аввали Ғоиб Сафарзода напардохта, фақат шеърҳои фасли сеюми китобро, ки «Аз гулбоғи шоир» ном дорад, мавриди таҳқиқ қарор медиҳем. Дар ин фасл 42 шеър, 15 рубоӣ ва 14 дубайтӣ ҷой дода шудааст. Хотиррасон менамоем, ки дар маҷмуаи «Мероси ҷавонӣ» аз ҷониби мураттиб баъзе ноҷӯриҳои дар китобҳои собиқи шоир мавҷудбуда ислоҳ шуда бошанд ҳам, бархе костагиҳое низ роҳ ёфтаанд. Масалан, дар фаслҳои «Рубоиёт» ва «Дубайтиҳо» баъзе шеърҳо ба жанрҳои рубоиву дубайтӣ мутобиқат намекунанд. Он шеърҳо гарчанде аз рӯи шакл, яъне чаҳормисрагӣ буда, ба рубоиву дубайтиҳо монанд бошанд ҳам, аз лиҳози арузӣ қитъа мебошанд. Чунончи:

Пурсид яке мард зи як ҳамнафаси худ:
Баҳри чӣ фалонӣ бикунад ғайбати мардум?
Гуфто, ки агар ин сухан изҳор намешуд,
Мешуд зи миён ғайбати мардум зи хазон гум [21, с. 190].

Агар дар мисраи охири қитъаи боло ба ҷойи калимаи «хазон», ки ба шеър ҳеҷ муносибате надорад, вожаи «ҷаҳон»-ро гузорем, мазмуну мантиқ дар ҷояш меояд:

Мешуд зи миён ғайбати мардум зи ҷаҳон гум [21, с. 190].

Дар мисраи якуми рубоии зерин вазни шеър вайрон гардидааст:

Дидам, ки даруни мавҷи об манам [21, с. 187].

Агар таркиби «мавҷи об»-ро дар шакли «мавҷаи об» нависем, харобии вазн бартараф мешавад.

Ғоиб Сафарзода дар яке аз рубоиҳои ин китоб мақсади худро басо возеҳу равшан баён карда бошад ҳам, дар мисраи охир гаронии вазн ҷой дорад:

Шеъре, ки зи дил дамид, фарёди дил аст,
Фарёди дамидае зи бунёди дил аст.
Мо Рӯдакию Саъдипарастем ҳама,

Дилбастаю «Шоҳномапарастем» ҳама [21, с. 189].

Хуб мебуд, ки мураттиб мисраи чоруми рубоии болоро дар шакли «Дилбастаю «Шаҳнома»-парастем ҳама» меовард, зеро ҳиҷои якуму дуюми калимаи мураккаби «Шоҳномапарастем» ба вазни шеър гаронӣ меорад.

Дар қатори «Рубоиёт»-и китоб се шеър дар шакли чаҳорпора ва як дубайтӣ низ оварда шудааст.

Ҳамчунин дар сафи дубайтиҳои шоир порчаи зеринро низ овардаанд, ки аз рӯи шакл ба дубайтӣ монанд бошад ҳам, аз лиҳози арузӣ дубайтӣ нест:

Роҳи мо нек аст, гарчандест дур,
Қалби мо соф аст монанди булӯр.
Тӯшаи мо андар ин роҳи сафед,
Ҳаст руҳи бешикаст, азму умед [21, с. 192].

Ҳамин тариқ, дар китоби «Мероси ҷавонӣ»-и Ғоиб Сафарзода мураттибон 46 шеър, 13 рубоӣ ва 12 дубайтӣ ҷой додаанд, ки онҳо дар байни солҳои 1969 ва 1972 иншо гардидаанд.

Маҷмуан, вақте ки шеърҳои Ғоиб Сафарзодаро бознашр карданӣ шавем, бояд ба вазни шеърҳо, мазмуну мантиқи онҳо таваҷҷуҳ зоҳир карда, баъзе костагию лағжишҳои дар китобҳои пештара ҷойдоштаро ислоҳ намуда пасон манзури хонанда созем.

Шеърҳои Ғоиб Сафарзодаро дар иртибот бо аркони сегонаи шеъри суннатӣ: аруз, бадеъ ва қофия метавон чунин гуруҳбандӣ кард: ашъори суннатӣ ва шеърҳои озод. **Нахуст шеърҳои суннатӣ**, ки аксари мероси адабии шоирро ташкил медиҳанд. Ғоиб Сафарзода дар ашъори суннатии худ ба урфу одат бар асоси пояи сегонаи мазкур пойбанд аст. Маълум аст, ки ба шеъри суннатӣ жанрҳои маъмулу машҳури ғазал, рубоӣ, дубайтӣ, қитъа, мухаммас ва ғайра шомил мебошад.

Дар ин миён, рубоӣ ва дубайтӣ аз жанрҳои мавриди таваҷҷуҳи Ғоиб Сафарзода ба шумор меравад.

Иллати бастагии шоирони даҳаи 60-умро ба жанрҳои мазкур мунаққиди зиндаёд Соҳиб Табаров чунин шарҳ додааст: «Ҳангоме ки назми солҳои шастуму ҳафтодум тамоил ба таҳлилу тадқиқи ҳодисоти зиндагӣ, фаҳмиши қонунҳои инкишофи ҷамъияту табиат ва маънавиёти инсоният намуд, мувофиқи талаботи вақту замон ва завқи бадеии хонандагони ин давра рубоӣ ва дубайтисароӣ дар адабиёти муосири тоҷик ҳам ривоҷ ёфт. Ғоиб Сафарзода дар қатори дигар ҳамқаламонаш дар ин жанрҳои хусусияти философӣ ва аналитикӣ дошта қувваозмоӣ намуд ва баъзе намунаҳои хуби онҳоро ва махсусан, рубоиро ҳам аз худ боқӣ гузошт» [115, с. 383].

Воқеан, аз оғози солҳои 60-уми садаи бист, бавижа охири ин даҳа дар ҳаёти иҷтимоӣ-сиёсии мардум тағйироту дигаргуниҳои қатъӣ ба вуҷуд омад ва таваҷҷуҳу рӯоварии шоирони муосири тоҷик ба рубоӣ ва дубайтӣ зиёд гардиду жанрҳои рубоӣ ва дубайтӣ дигарбора эҳё шуданд.

Аз шоирони ин давра муҳаққиқони адабиёт ва суханшиносон Лоиқро эҳёгар ва устоди жанри рубоӣ дар назми муосири тоҷик ном мебаранд. Аз ҷумла, профессор М. Нарзиқул дар мавриди дигарбора эҳё гардидани жанри рубоӣ дар адабиёти муосири тоҷик ва саҳми мунаққидону шоирони давр чунин изҳори ақида менамояд: «Хушбахтона, ба назари мо, таъкиди аҳамияти жанри рубоӣ дар ҳамон солҳо аз ҷониби мунаққидон андешаи хоси давраи «куҳна» будани ин навъи шеърiро барканор карда ва дар як муддати кӯтоҳ шоирони зиёде ба гуфтани рубоӣ камари ҳиммат бастанд.

Чунонки аз эҷодиёти шоироне, ба монанди Аминҷон Шукӯҳӣ, Қутбӣ Киром, Лоиқ Шералӣ ва дигарон бармеояд, корбасти анвои шеърии мавриди назар серистеъмол шуда ва дере нагузашта, дар назми муосир мавқеи устувор пайдо мекунанд. Баъзе аз шоирон дар эҷод намудани рубоию дубайтӣ муваффақиятҳои назаррас ба даст овардаанд, ки дар миён ба ифтихор метавон аз устод Лоиқ ном бурд». [92, с. 54] Муҳаққиқ Фарҳод Шафиев муътақид аст, ки «дар адабиёти муосири тоҷик Лоиқро метавон эҳёгари қолаби рубоӣ номид» [130, с. 104].

Ғоиб Сафарзода ҳам, ки маҳз дар солҳои шастум, дар замони оғози эҳёи рубоӣ ва дубайтӣ ба майдони адабиёт ворид шуда буд, ба эҷод намудани навъҳои шеъри суннатӣ даст задааст. Ва тавре академик Муҳаммадҷони Шакурии Бухороӣ ба Ғоиб Сафарзодаи ҷавон баҳо додааст, ӯ дар ин ҷода истеъдоди хубе доштааст:

Эй шеъри ҷаҳонгарду суханвар, хуш бош,
Чун шуълаи офтоби ховар, хуш бош!
Дар арсаи шеър боз бардор қалам,
Чун хандаи тифл, эй диловар, хуш бош! [23, с. 167]

Дар воқеъ, барои шоири ҳақиқатнигор будан ва дар мавзуъҳои доғи рӯз навиштан ба ғайр аз истеъдоду қалами тезу бурро доштан, инчунин матонату ҷасорат, ҳисси баланди миллатдӯстию ватанпарвар, ҳамзамон масъулияти шаҳрвандӣ лозим ва зарур аст. Аммо Ғоиб Сафарзода бе тарсу ваҳм, бе дурӯягӣ ҳамчун ҷавонмарди рӯинтан бо ҷасорати ҷавонмардона ва ихлосу садоқати фарзандона ба миллату Ватан ва фарҳангу забон ин корро кард. Ӯ 99 рубоӣ ва 51 дубайтӣ эҷод кардааст, ки онҳо дар мавзуоти ахлоқию фалсафӣ навишта шудаанд. Ин далел аст, ки шоир дар сари масоил ва ҳикмати (фалсафаи) зиндагӣ ҳамеша дар андеша будааст.

Барои исботи фикр якчанд рубоии шоирро мисол меорем:

Эй марди мусофир, аз сафар мемонӣ,
Аз қофилаи дами саҳар мемонӣ.
Биштоб, ки умр кӯтаҳ асту гузарон,
Тарсам, ки чу бод бе асар мемонӣ [23, с.150].

Ё ин ки:

Бедард мабош! – ин хитобест туро,
Худ рафтани умр – ин китобест туро.
Чун пой дар ин олами мавҷуд задӣ,
Ҳуш дор, ба зиндагӣ ҳисобест туро [23, с. 155].

«Ғоиб Сафарзода шоири ҷӯянда буд, – изҳор доштааст Шоҳҳайдар Ёдгорӣ. – Ӯ дар офариниши ашъораш ба шаклу жанрҳои шеърӣ басо аҳамият додааст. Чунончи, ӯ агар дар маҷмуаи «Корвони орзу» ҳамагӣ

шаш рубоиро дохил карда бошад, дар «Ошёни офтоб» адади ин навъи шеърӣ хеле зиёд аст. Рубоиёти ин маҷмуаи ӯ дар тули фаъолияти эҷодӣ минбаъд боз пурмазмунтару бо саноеи шеърӣ ғанитар гардидаанд. Рубоиёту дубайтиҳо қариб ҳама ҳаётианд. Забонашон содаю образноканд...

Аксарияти рубоиҳо ва дубайтиҳо заминаи ҳаётӣ, мазмунҳои ахлоқӣ ва пандунасиҳатӣ доранд. Ё худ Ватану модари азиз, орзую омоли ҷавонӣ, созу сӯзи ишқу ошиқӣ, зодгоҳу сарзамини кӯҳсори босаховат, баҳору нолаи булбул, ташвишҳои ҳаёту ҷомеа ва пастиву баландиҳои он басо устодона тасвир гардидаанд» [23, с. 16-17].

Чанд рубоӣ ва дубайтӣ меорем, ки гуфтаҳои болоро тасдиқ менамоянд:

Сайёд, макун садои милтиқ ту баланд,
Ҳар ҷо, ки равӣ, дигар маяндоз каманд.
Аз бешаву кӯҳ гар гузорат афтад,
Оҳиста қадам бимон, ки мурғон нараманд [21, с. 125].

Ё ин ки:

Дило, монанди оташхонае шав,
Фурӯзу нури ҳар кошонае шав.
Ба маҳфилҳою базми анҷуманҳо,
Чу шамъи сеҳрнок афсонае шав [23, с. 169].

Қобили зикр аст, ки бо вуҷуди дар офаридани рубоию дубайтӣ маҳорату истеъдоди хуб ва табъи равон доштану тозагуфтор будан аз Ғоиб Сафарзода дар ин навъҳои шеърӣ хеле мероси кам боқӣ мондааст. Ба андешаи мо, ин ҳолатро ду сабаб боис гардидааст: аввалан, ӯро шиори кам гуфтану хубу сараю маънидор гуфтан аст; дувум, умри кӯтоҳ имкон надод, ки боқии орзуву омол, фикру андеша ва фарёдҳои қалби шоиронааш дар ин навъҳои шеърӣ баландтар садо бидиҳанд.

Шаклҳои шеърии ӯ дар маҷмуаи аввал аксарият маснавӣ, қитъа, ғазал, рубоӣ буданд. Баъзе шеърҳои ӯ зарбу сабти сурудро доштанд.

Суруд аз шаклҳои маъмули шеъри лирикист ва хоси адабиёти шифоҳӣ мебошад. Дар адабиёти хаттӣ, бавижа адабиёти муосир ин жанр зери таъсири фолклор ба эҷодиёти шоирон роҳ ёфта, рушд кардааст. Аксар маврид суруд бо савту оҳанги мусиқӣ сароида мешавад. Суруд хелҳои гуногун дошта, ашӯла, тарона, ғазал, бадеҳа навъҳои он аст. «Сурудҳо қариб ҳама як-ду мисраъгӣ нақарот доранд. Барои мисол, суруди «Оинаи сафо туӣ»-ро мегирем. Ин суруд ҳамагӣ аз се банд иборат аст. Бандҳо шашмисрагианд. Ҳар банд ба таври зайл: «ааааабб» ҳамқофия омадаанд. Фақат ду мисраи охир дар ҳар банд такрор мешавад ва ба мазмуну мундариҷа ҳусни анҷом мебахшад. Вазни сурудҳо низ сабуку самимӣ, мисраъҳо кӯтоҳ-кӯтоҳ ва баъзеҳояшон дорои радиф мебошанд. Ба хонанда бо самимияту равонӣ ва хушоҳангӣ писанд меоянд» [23, с. 19]. Чунончи:

Савти нафиси обшор,
Софии оби чашмасор.
Шӯхии боди беқарор,
Ранги таровати баҳор,
Ин ҳама дар вуҷуди туст,
Ин ҳама дар суруди туст [22, с. 64].

Одаму табиат, ҳампайвандии онҳо аз масъалаҳои муҳиммест, ки дар аксар шеърҳо инъикоси бадеӣ ёфтаанд. Бинобар ин ҳам, лирикаи пейзажӣ-манзаравии ӯ бо лирикаи ишқӣ ва махсусан, лирикаи граждании омезиш ёфтаанд. Шеъри «Дарахтон» бо равшании эҳтиросот ва бо тавсифи зебоӣ алоқаманд шуда, ҳусни ашъор меафзояд. Шоир дар ин порашеър “ҳар чизи зебо ҳам оқибат рӯ ба завол меорад” гуфтан мехоҳад. Дарахти хушкро оқибат месӯзонанд ё ба монанди «Сарв агар хушк шавад, боз асо мегардад:

Дарахтон ҳам ба мисли одамонанд,
Фақат онҳо хамӯшу безабонанд…
Ки аввал мисли ҳар инсон бимирад,
Сипас дар оташи сӯзон бимирад [23, с. 140].

Чунин тамсилот ва ибораву тасвирҳои маҷозиву киноявӣ аз омӯзиши беисти шоир гувоҳӣ дода, боавариро ба равнақи минбаъдаи эҷодиёти ӯ зиёд менамояд.

Аслан, шеърҳое, ки дар арузи озод суруда шудаанд, хосияташон ин аст, ки онҳоро аз рӯйи шаклу сурат ва баробарии вазни мисраъҳо наметавон гурӯҳбандӣ намуд. Зеро низоми муайяни жанрӣ дар ин гуна шеърҳо мавҷуд нест. Қолаб ё сурати шеър замоне қобили эҳсосу дидан мешавад, ки шоир онро навишта, ба камол расонад. Яъне, барои офаридани шеъре бо шеваи арузи нав ё озод ҳеҷ барномарезии қаблӣ наметавонад вуҷуд дошта бошад.

Дар атрофи хусусиятҳои арӯзи озод мақолаҳо зиёд аст ва бо талаби мавзуи баҳс муносиб медонем, ба бархе андешаҳои муҳаққиқон ин ҷо ишора кунем. Истилоҳи "шеъри нав" шартист, ба андешаи профессор Шарифҷон Ҳусейнзода: «Шеърро ба куҳнаву нав тақсим кардан хуб нест. Шеърро ба хубу бад бояд тақсим кард ва шеъри хуб ҳамеша нав аст» [120, с. 4]. Хуб баромадани шеър ба завқи шоир, ба истеъдод, дониш ва табъи ӯ вобаста аст.

Профессор Шаҳзамон Раҳмонов бар ин назар аст, ки «шеъри озод» аз дигар воҳидҳои сохторӣ, яъне аз байт, банд, воҳидҳои омезаи байту банд аслан, бо созмону сохтор, усулҳои зеринаш фарқ мекунад. Якум, шоир дар шеъри озод ҳамчун мутаффакир ва донишманди фаъоли ҳаёт, ба табиат ва муҳити атроф назар андӯхта, тамоми воқеаву ҳодисаҳоро ба маҷмӯи кӯчаке, лавҳаҳое ҷамъ оварда, хулоса карда, ҳамин хел, фикри шахсии худро пеш мениҳад. Ӯ ҷисмҳои табиатро ба ҷон оварда, ба сухан даровара, мисли одам ба майдони амалу ҳаракат медарорад, мақсаду маънии дар ёду хотир доштаашро баён менамояд... Ин тарзи тасвир дар шеър оҳангҳои ҳаяҷонангез, панду ҳикматҳои дилнишин, ҷанбаҳои қувватдиҳандаи мазмунҳои иҷтимоиро васеъ намуд. Яъне, он чизе ки ин ҷо оварда шуд, дар шеъри ҳама давру замонҳо дида мешуд, вале дар ин давра қувват ва таъсири нав пайдо кард, хусусият ва шаклу мазмуни нав гирифт,

вай тамоман нав набошад ҳам, аз шеъри куҳан то андозае фарқ кардаву тафовут дорад» [99, с. 163-164].

Ақидаҳои донишманди афғон Накҳат Саидӣ дар пайванди иртибот ба ин мавзуъ қобили мулоҳиза аст. Ба навиштаи мавсуф: «Дар шеъри нав шакл ва навъи хоси шеър вуҷуд надорад. Ашкол ва анвоъ ба ихтиёри шоирон аст. Дар шеъри нав шакл ва мафҳуми байт вуҷуд надорад ва шеъри нав монанди ашъори урупоӣ танҳо муташаккил аз мисраъҳоест, ки ин мисраъҳо бахше аз ашъор тӯлии номусовӣ дорад ва дарозиву кӯтоҳии онҳо тобеъ ба қавоиде нест» [94, с. 114].

Адабиётшиноси Эрон Парвизи Нотили Хонларӣ низ навиштааст: «Шеъри озод низ мавзун аст. Аммо вазни он дар ҳамаи пораҳои шеър яксон нест, яъне тағйир мепазирад, пас таносуби арзаи он том ва ба қавли Хоҷа Насир вазни он ҳақиқӣ нест… Пас мумкин аз таркиби анвои таносубҳои ғайри том низ авзони бисёр дилнишин ҳосил шавад ва мусаллам аст, ки маҷоз будани ин гуна таркибот доираи авзонро бисёр вусъат хоҳад бахшид» [97, с. 114].

Аз ашъоре, ки Ғоиб Сафарзода бо шеваи арӯзи озод навишта метавон чанд мисоле биёрем:

Чашмаи шӯху зулоли зодгоҳам,
Чашмае, ки нақш мондӣ дар нигоҳам.
Дар канорат борҳо биншастаам ман,
Об хӯрда, ташнагӣ бишкастаам ман.
Софию ҷӯшу тапиданҳот, чашма,
Рафтааст имрӯз аз ёди ман оё?
Ҳеҷ гоҳ! [20, с. 37]

Шеъри мазкур аз чаҳор банд иборат аст ва дар ҳар банде шоир саҳнае аз деҳаи дурафтодааш ёдовар мешавад. Тарзи қофиябандии бандҳо низ фарқкунандаанд. Дар банди аввал, танҳо мисраи аввалу дувум ҳамқофияанд. Вале баробарии тӯли мисраъҳо дар мисраи савуму чоруму панҷум нигоҳ дошта мешавад. Таркиби «ҳеҷ гоҳ» бо лаҳну зарбе, ки дорад, устувор шудани бандҳоро таъмин месозад. Дар банди дувум низ бо

баргашт ба саҳнаи дигар, қофияҳо дигар мешаванд ва ба теъдоди мисраъҳо афзуда мешаванд. Мисраъҳои аввалу дувум ва чоруму панҷум бо ҳам ҳамқофияанд ва таркиби «ҳеҷ гоҳ» боз ба шеър тақвият мебахшад. Чунин тартиб дар бандҳои баъдӣ низ такрор мешаванд. Теъдоди мисраъҳо низ зиёд гардида, қофияҳо дигаргун мешаванд.

Чунин тозагиҳоро мо дар шеъри баланди «Нидои модар» низ мебинем. Шеъри мазкур аз панҷ банд иборат буда, теъдоди мисраъҳо дар ҳар банд гуногун мешаванд. Баъзан, мисрае аз миёни банд ба мисраи баъдӣ ҳамқофия шуда, шеърро поён мебахшад. Баъзе аз мисраъҳо шомили қофияҳои дохилӣ шудаанд.

Дар поён бо зикри шеъри «Моҳи кокулдори мо», ки бо шеваи арузи озод навишта шудааст, қаноат мешавад. Ин шеър дарунмояи нишотангезе дорад. Бозтоби эҳсоси шоир аз як падидаи тозаи фаннӣ дар маҷмуъ, парвози зан ба коинот аст. Шеър дорои вазни хос буда, бо кӯтоҳу баланд шудани мисраъҳо аз ҳамдигар фарқ менамоянд:

Рафт бар сӯи фазои беканор аз хоки мо,
Духтари мо,
духтари шеру ҷасоратноки мо.
Оре, оре,
Рафт ӯ,
Аз мулки ҳуснобод рафт…
Духтари равшандили мо, моҳи кокулдори мо
Кард ҷавлон дар фазо, ҷони адӯро сӯхта,
Чеҳрахандону музаффар, дастболо бозгашт,
Дар фазо шамъи бузургии диёр афрӯхта [21, с. 158].

Дар ин шеър ҳарчанд байте чанд шомили қофияанд ва дунболи қофия рафтани шоир дида мешавад, аммо пайкари шеърро калимоте мисли “рафт, бозгашт ва мо” устуворию барҷастагии бештаре бахшидаанд. Банди аввали шеър бо ибораи «исбот кард» ба поён мерасад. Аз сӯйи дигар, ин ибора дар бахши поёнии шеър бо мисраи дигар: «чашмҳоро чор кард» ҳамқофия мешавад.

Ғоиб Сафарзода дар аксари шеърҳое, ки бо шеваи арузи озод навишта, бештар зери таъсири муҳтаво ва дарунмояи шеър қарор дорад, гоҳо ҷанбаи мусиқии ашъорро меафзояд, ки намунааш суруди «Шеър иншо мешавад» мебошад. Дар шеъри мазкур, ки иборат аз шаш банд аст, дар ҳар банде се мисраи аввал бо ҳам қофияанд ва мисраи чорум дар тамоми бандҳо такрор мешавад. Ба ҳайси мисол танҳо бандеро зикр мекунем:

Мерабояд рангу бӯй аз чеҳраи гулҳо хамӯш,
Маст меояд насим аз кӯҳсори лолапӯш,
Дил ҳамеояд ба ҷӯш.
Шеър иншо мешавад [19, с. 20].

Калимаҳои ҳамқофияи «хамӯш», «лолапӯш», «ҷӯш» ва махсусан, такрори ҳамсадои шеър ҷанбаи кашандагӣ дошта, мусиқии шеърро неруманд сохтааст.

Дар се намунаи порашеър, ки дар боло оварда шуд, вазн аслан дар рукнҳои рамал садо медиҳанд, аммо чун талаботи арӯзи озод ҷойгиршавии аркони баҳри мазкур дар мисраъҳо гуногун воқеъ гаштааст.

Хулоса, Ғоиб Сафарзода бо огоҳии комил аз зарфияти жанрҳои суннатии шеъри классикӣ ва муосир сухани худро дар ғазал, рубоӣ, дубайтӣ, қитъа, мусаммат, маснавӣ ва арӯзи озод ҷой дода, онро бо вазну оҳанги муносиб манзури хонандаи хеш намуда, дар ин ҷода устоду мумтозу пештоз буданашро бори дигар тасдиқ кардааст.

# БОБИ II.

# МУҲТАВОИ АШЪОРИ ҒОИБ САФАРЗОДА

## 2.1.Тавсифи мавзуъҳои меҳварии ашъори шоир

Дар солҳои охири даҳаи панҷоҳум ва аввали солҳои шастум, дар давраи нави инкишофу пешрафти адабиёту фарҳанг, ки вусъат пайдо менамуд, адибони тоҷик ба масъалаҳои нав ва бузургтари адабиёту фарҳанг даст мезаданд. Заминаҳо ва зарфиятҳои равоншинохтӣ, фолклорӣ, забоншиносии он пурқувват мегардид. Тасвиру тавсифи саҳнаҳои рангоранги ҳастӣ дар шеър сурату сирати барҷаста пайдо менамуд. Албатта, падидаҳои ҳастӣ чи иҷтимоиву фарҳангӣ ва адабӣ ниёзманди таҳлилу баррасӣ, решаёбӣ ва натиҷагирӣ аст, ба донистану маърифати онҳо роҳ барои пешрафту камоли баъдӣ ҳамвор мегардад.

Зимни бозрасии масъала нахустин нуктае, ки ба зеҳн мерасад, ин аст, ки дар пешрафту камолот, таҳаввули сифатии шеъри муосири мо шеъри нави ҳамзабонон, шеъри рус ва тавассути забони русӣ ашъори шоирони дигар қавму миллатҳо низ ба зеҳну ҳуши шоири тоҷик таъсиргузор будааст. Насли адабии он солҳо ба гунаи пешбарандаи ин нерӯи тозаву дигаргунсози адабӣ дохил будааст.

Ғоиб Сафарзода низ, тавре ки қайд шуд, дар оғози солҳои шастуми садаи бистум дар баробари як зумра шоирону қаламкашони ҷавон, аз қабили Муъмин Қаноат, Убайд Раҷаб, Қутби Киром, Лоиқ Шералӣ, Гулназар Келдӣ, Ҳабибулло Файзулло, Гулрухсор Сафиева ба арсаи адабиёт омада, бо ҷустуҷӯҳои тозакоронаю назми навоварона дар сафи адибони кишвар мақому манзалати хешро дарёфт намуд.

Хулоса, тозакорию навоварӣ ва навгӯиҳои Ғоиб Сафарзода дар банду баст, дар мазмуну мундариҷа ва навъҳои шеър ба хубӣ ба назар мерасид. Муқаддасу гиромӣ доштани модар, муҳаббату садоқат ба зодгоҳ, ба меҳан, тараннум ва ситоиши баҳору Наврӯз, зебоӣ ва манзараҳои нотакрори

Ватан, дӯстию рафоқат, бародарӣ, ишқу муҳаббати поку беолоиш, ба қалам овардани умеду орзуҳои ширину рангини ҷавонӣ, бахту саодат ва музаффариятҳои меҳнатии халқ, даъват ба посдории расму ойин ва анъаноти неки миллии ниёкон, эҳтироми забони модарӣ, хештаншиносӣ, ифтихори миллӣ, ватандӯстӣ, донистани ҳад, қадру қимат ва рисолати хеш дар зиндагӣ, одамгарӣ, ростиву росткорӣ ва амсоли инҳо мавзуоти асосии эҷодиёти Ғоиб Сафарзода буданд. Ба ӯ муяссар гардид, ки дар муддати на чандон зиёд – як даҳсола дар арсаи эҷод хомаронӣ кардан дар навиштани шеър ва асарҳои публитсистӣ ба дастовардҳои назаррас комёб гардад.

## 2.2. Васфи модар ва гиромидошти вай дар ашъори шоир

Қабл аз он ки ба шебу фарози мавзуи модар дар эҷодиёти Ғоиб Сафарзода баҳс кунем, лозим донистем, аз навиштаи Эдуард Браун, муҳаққиқу эроншиноси англис мисоле биорем. Номбурда дар мақолае, ки перомуни ашъори Толиби Омулӣ, шоири қарни XVI Эрон навиштааст, таъкид менамояд, ки дар таърихи шеъру адаби форсӣ ашъоре, ки аз муҳаббату садоқати хонаводагӣ суҳбат кунад, камшумор аст, дар ҳоле ки ашъори ошиқона қобили шумор нест. Ӯ барои тақвияти ин ҳукми худ чанд байтеро нақл мекунад, ки дар он Толиби Омулӣ аз император Ҷаҳонгирхон рухсат пурсидааст, ки бо хоҳараш барои бурдани вай аз Эрон ба Ҳиндустон омадааст, дидорбинӣ кунад. Дар қитъаи навиштаи Толиби Омулӣ аслан, сухане, ки шоирона бошад, вуҷуд надорад. Шоир танҳо ба таври мавзун ба Ҷаҳонгирхон мегӯяд, ки: «Хоҳаре дорам, ки ба ман ҳаққи модарӣ дорад». Ҳамин ҷумлаи шоир муҳаққиқи ёдшударо таҳти таъсир қарор додааст ва аз он дар китоби хеш зикр кардааст.

Дар адабиёти классикии мо ба намунаҳое, ки ба таври саҳеҳ ба мавзуи меҳри модару хонавода ихтисос дошта бошад, камтар ба назар мерасад, вале чунин намунаҳо дар адабиёти муосири тоҷик хеле зиёд дида мешаванд.

Дар адабиёти имрӯзаи тоҷик шояд шоире пайдо нашавад, ки дар ин мавзуъ чизе нанавишта бошад. Хусусан, шоирон дар тавсифи модар ва зодгоҳу Ватан ибрози муҳаббату садоқат ва арзи сипосу миннатдорӣ, беҳтарину самимитарин офаридаҳои хомаашонро маҳз ба ин мавзуъҳо бахшидаанд. Ҳатто шоирони навқалами дар адабиёт начандон машҳур низ бо самимияту садоқати бепоён дар ин мавзуъҳо асарҳои шоиста эҷод менамоянд.

Ғоибназар овони кӯдакию наврасиашро дар бағали гарму нарми модар, бо баҳрабардорӣ аз навозишҳои ҷонбахшу руҳбахши ӯ, дар оғӯши манзараҳои зебою дилрабои табиати зодгоҳ ва муҳити навозишкоронаи он, дар бару таҳти талу теппа ва кӯҳсорон, лаби чашмаву обшорон, миёни

майсаю сабзазорон, боғоти биҳиштосо мегузаронд, аз назокату нафосати ин зебоиҳо ҳаловат бурда ба воя мерасид ва камол меёфт, мурғи илҳомаш маҳз дар ҳамин ҷо аз шарофати ин афсонаҳо бол меафшонд ва ба парвоз медаромад. Ва парвози мурғи илҳомаш батадриҷ қавитару дилпурона баланд парвоз мекард ва ба самои бепаҳнои эҷодиёт дар адабиёти бузурги Ватани азиму азиз роҳ пеш мегирифт.

Ҳамин хел, дар эҷодиёти Ғоиб Сафарзода модар ба яке аз мавзуъҳои марказӣ табдил ёфтааст. Зеро ӯ чашм ба олами ҳастӣ кушода, модарро ҳам ба ҷойи аслию табиии худаш ва ҳам ба ҷойи падар дидааст. Ин ба он маъност, ки модар шоирро ҳам модарвор ва ҳам падарвор таълиму тарбия карда, ба камол расондааст. Аз ин ҷост, ки байту мисраъ ва рубоиву дубайтӣ шеърҳои ҷудогонаи ба модар бахшидаи шоир хеле самимӣ буда, бо муҳаббати беандоза, бо изҳори садоқати бепоён аз замири қалб ҷӯш зада, рӯйи сафҳа чакидаанд. Аз ҳар яки онҳо шираи садоқату муҳаббат, самимият ва ихлосмандии бепоён нисбат ба модар таровида, бӯйи хушу гувороро ба димоғ мерасонад ва ҳамагонро ҳидоят менамояд, ки ҳар инсони бошараф, пеш аз ҳама бояд қадру қимати модарро бидонад ва ӯро эҳтиром гузорад.

Бояд изҳор дошт, ки мунаққидони тоҷик зимни таҳқиқу баррасии ашъори шоирони муосир бо диққату муҳаббати хоса ба ин гӯшаи сабзи адабиёти мо ишора намуда, мақолоти пурарзише дар пайванд бо он ба табъ расонидаанд. Вале, таҳлилу арзёбии масъалаи мазкур дар адабиётшиносии муосири тоҷик тадқиқи пурдоманаро талаб мекунад. Ин дар ҳолест, ки дар шеъри муосири тоҷик шоҳкориҳои атрофи дунёи зебои модар, мазҳари рангину ҳайратангези зиндагии ҳастиофаринаш ба вуҷуд омадаанд.

Маъмулан, шоирону нависандагон пас аз расидан ба марҳилаи муайяни зиндагӣ бо руҷӯи ҳасратолуде ба овони кӯдакӣ андешаҳои хешро дар атрофи модар ва нақши ӯ дар ҳаёт баён доштаанд. Дар қиёс бо бисёр адибон шеваву сабки Ғоиб ба мавзуи мазкур дигаргуна аст. Вай дар нахустин сурудаҳояш дар ҳадди олии назокату зебоӣ, бо қалби саршор аз

меҳру дӯстдорӣ, муҳаббати фарзандӣ ба ин мавзуъ нигаристааст, мавзуи модар дар мероси ҷавонии ин шоири нодирандеш ба суратест, ки агар ҳамаи нигоштаҳояшро аз миёни осораш ҷудо созем, бемуболиға як маҷмуа гули саршор аз меҳру муҳаббату самимиятро ташкил медиҳад.

Шубҳае нест, ки Ғоиби табиатан шоир дар даврони наврасӣ, замони дар мактаби миёна таҳсил кардан, ки акнун машқи шеър мекард, аввалин шеърҳои шогирдонаашро маҳз ба модари маҳбуб ва азизу меҳрубонаш бахшидааст. Вай ҳанӯз дар соли 1960, овони донишҷӯйӣ дар васфи модар шеърҳои хубу сарае аз қабили «Чу зод модар...», «Дили модар», «Рӯз шуд, модар нахуфт» эҷод кардааст. Вале бо сабабҳои номаълум ҳеҷ кадоме аз онҳоро дар маҷмуаҳои ашъораш «Корвони орзу» (1969) ва «Ошёни офтоб» (1972) дохил накардааст. Шояд тахмин кардан мумкин аст, ки шоир ин шеърҳоро танҳо ба модари худ бахшида, фақат ӯро марҳами розй дили хеш мешуморид. Ё шояд аз шеърияти ин офаридаҳои ба модар бахшидаи хеш чандон қонеъ набуд ва онҳоро дар ҷавоби меҳрубонию шабзиндадориҳо чун шамъ дар ғами фардои ҷигарбанд сӯхтану обшуданҳои модар ҳанӯз нокифоя, камарзиш шуморида ё аз хоксорӣ аз назари умум пинҳон медошт. Ҳар чи ҳам бошад, арзиш дорад, ки ин ҷо дар бораи онҳо каме таваққуф намоем, то دониста бошем, ки образи модар дар оғози эҷодиёти ин шоир чӣ нақшу мақоме доштааст.

Мухаммаси тазмини «Чу зод модар…» дар пайравии шеъри машҳури шоири Эрон Эраҷ Мирзо – «Модар» навишта шуда, бори аввал, пас аз 43 соли таълиф шуданаш аз ҷониби мураттиби ашъори ӯ Шоҳҳайдар Ёдгорӣ ба китоби якуми «Мунтахабот»-и шоир дохил ва дастраси ҳаводорони шеър гардидааст.

«Шеъре ки ҳар банди он аз панҷ мисраъ иборат буда, дар банди якум ҳамаи мисраъҳо бо як таркиби қофия (ааааа) сохта мешаванд ва дар бандҳои дигар, чор мисраи аввал алоҳидаю мисраи панҷумаш ба мисраи якуми банди аввал ҳамқофия аст (бббба, вввва…), мухаммас номида мешавад. Мухаммас баъзан, ба тарзи ааааб, ввввб, ггггб… низ иншо мешавад...

Мухаммас бо ду роҳ эҷод мешавад: 1) Бо роҳи баёни фикрҳои мустақили худи шоир; 2) Бо роҳи илова кардани се мисраъ ба ҳар байти ғазали ягон шоири дигар. Роҳи мухаммасбандии дуюмро мухаммаси тазминӣ мегӯянд. Тазмин – тақлид ё мисраъҳои шеъри дигаронро дар шеъри худ дохил кардан аст. Мухаммаси мустақил ва тазминӣ дар ашъори шоирони классикию муосири тоҷик бисёранд. [71, 24]

Байтҳои охирини ҳар банди мухаммаси поён моли Эраҷ Мирзо мебошанд:

Оғӯш ба ман кушод модар,
Дасташ ба сарам ниҳод модар,
Бо ин на фақат ситод модар,
«Гӯянд, маро чу зод модар,
Пистон ба даҳан гирифтан омӯхт» [23, с. 30].

Ғоиб Сафарзода бо арзи эҳтирому шукргузории фарзандона дар ду банди дигари мухаммас ҳам иброз медорад, ки модар «бо ёду умеду матлаб» «нахустмактаб» гардида, бо меҳри беандозаи модарӣ сухан гуфтан ёд додааст:

Шуд шамъи ҳазорбораи ман,
Ӯ сӯхт ба ҳар канораи ман,
То ин ки кунад назораи ман,
«Шабҳо бари гоҳвораи ман,
Бедор нишасту хуфтан омӯхт».
Бо ёди умеду матлаби ман,
Ӯ рӯз шумурд ҳар шаби ман,
Гардид нахуст мактаби ман,
«Лабханд ниҳод бар лаби ман,
Бар ғунчаи гул шукуфтан омӯхт» [23, с. 30].

Шеъри «Дили модар» низ илҳом аз Эраҷ Мирзо буда, шоир онро дар соли 1960 таълиф карда, ба маҷмуаҳои ашъораш дохил накардааст. Онро ҳам Ш.Ёдгорӣ аз бойгонии Ғоиб Сафарзода пайдо намуда, дар китоби якуми «Мунтахабот»-и шоир ворид намудааст. Аз мазмуни шеър пайдост,

ки Ғоиб ҳанӯз аз хурдсолӣ хеле мушоҳидакору ҳассос буда, рафтори тифлонаи худро, ки эҳтимол хоси тамоми кӯдакон аст, хеле дақиқ ба хотир гирифта, онро баъди ду даҳсола дар шахси қаҳрамони лирикӣ амиқу воқеӣ ба қалам додааст: модар фасли зимистон беруни хона банди кору бори рӯзгор асту тифл андаруни хонаи гарм нишаста, беқарорию интизорӣ мекашад, ки модар кай аз кор фориғ шуда меояд. Чун ояд, худро ба бағалу канори пурмеҳру нарми модар мезанад. Инак, модар корҳоро ба сомон расонда вориди хона мегардад ва:

Он тифлаки пазмоншударо рафт карораш,
Дастак бизаду рафт даромад ба канораш.
Гарчанд, ки оғӯш аз ӯ гарм набудаш,
Лек он дили хуршедсифат гарм намудаш [23, с. 33].

Ба андешаи Абдулҳусайни Зарринкӯб «дар арсаи адабиёт миёни осори мавҷуд асареро наметавон пайдо намуд, ки комилан тозаву нав бошад. Шоирону адибон дар офариниши осори худ ҳамвора зери таъсири навиштаҳои якдигаранд» [79, с. 33].

Бо ин сухан, гуфтанӣ ҳастем, ки сурудаҳои шоир Ғоиб Сафарзода низ обхӯрда аз офаридаву таълифоти бузургони фарҳангу адаби мост. Дар ин замина, беш аз ҳама сояи ашъори М.Турсунзода эҳсос мешавад. Воқеан, агар ба ҷаҳони орову андешаи устод Мирзо Турсунзода нигоҳе андозем, маълум мешавад, ки хидмати эшон дар инкишофу пешрафти шеъри муосири тоҷик, тарбияи як насли комил қобили тавсиф мебошад.

Ҳар як ҳунарманд марбут ба доираи мутолиоти хеш, истеъдоди табиӣ ва ҷаҳони хосу вижагиҳое дорад. Диди ҳар адиб кам ё беш аз дигарон тафовут дорад. Як падидаву рӯйдод, як чиз метавонад, мавриди таваҷҷуҳу диққати шоирони мухталиф қарор гирад. Вале таъсире ки дар зеҳни онҳо аз нигориши ашё, мавҷудоту намоёншавии он шакл мегирад, ҳаргиз наметавонад, ҳамсону ҳамрангу ҳамхел бошад. Ин мавзуот ба гунае дар рӯҳу равони одамӣ реша гирифта, онҳоро аз саҳфаи хотир пок намудан, канор гузоштан ё фаромӯш карда намешавад. Аммо дар ин миён танҳо шоироне ҳастанд, ки бо чашми бино ва қалби пурикҭидор ба ин мавзуоти зиндагисозу идомабахши ҳастӣ

шукӯҳу тавоноӣ мебахшанд ва бо сеҳри каломи худ онҳоро ҷунбишу камол медиҳанд. Гоҳе вуҷуди шахшудаашонро ба ҷунбиш медароранд ва онҳоро қобили дидан месозанд.

Баррасии модарномаҳои Ғоиб нишон медиҳад, ки ӯ бо вуҷуди нашъат гирифтан аз ашъори дигарон андешаи мустақили худро низ доро будааст. Ин аст, ки вай ба мавзуи модар диққат гумошта, мӯшикофона дили модарро ба Офтоб, ҳарорати онро ба гармии Офтоб баробар намудааст ва чунин ранг гирифтани тасвир барои як шоири ҷавони навқалам бозёфти хубе маҳсуб меёбад. Чунончи:

Ҷавон будам, ту будӣ ғамгусорам,
Туӣ боз Офтоби рӯзгорам.
Туӣ, модар, мадору давлати ман,
Чу кӯҳӣ, дар паноҳат устуворам [23, с. 171].

Шоири ҷавон ҳанӯз ба ҳеҷ ваҷҳе аллаи форами гӯшнавозу дилписанди модари меҳрубонро аз ёд набароварда, он наворо ҳамеша хуш доштааст:

Шакарханди лаби дилбар парастам,
Кабӯтарбозаму кафтар парастам.
Шаби орому хушхонии мурғон,
Навои аллаи модар парастам [23, с. 173].

Аллаи ҷоннавози модар ба ҳадде пурзӯр буда, ки шоир бо булбули хушилҳом даъвӣ менамояд, ки чаро ӯ ҳама навоҳоро медонаду аллаи модари ӯро не:

Ман аз бедардии гул дардмандам,
Ки сӯзи нолаи булбул надонад.
Ман аз булбул гиребонгир ҳастам,
Ки сози аллаи модар нахонад [23, с. 176].

Ғоиб Сафарзода ҷойи дигар, дар рубоие умри модарро дарозу абадӣ медонад, он сон ки офтоб бо вуҷуди ҳар шом ғуруб кардан, боз пагоҳ дар чашм аён мегардад:

Модар, раҳи зиндагии ту шаҳроҳ аст,
Умри ту дарозу умри мо кӯтоҳ аст.

Хуршед, ки медамад, ғурубе дорад,

Хомӯш намешавад, вале дар роҳ аст [20, с. 58].

Қобили қайд аст, ки дар адабиётшиносӣ бархе аз муҳаққиқон шеърро як навъ баргашт ба дунёи тифливу кӯдакӣ медонанд. Аслан, шинохту маърифати дунёи атроф барои инсон аз замони тифлӣ оғоз мегардад. Падидаву воқеаҳои гирду атроф, тамошои мавҷудот, табиати саршор аз долу дарахт, ҷангалу бешазорони сабз, дарёву баҳрҳо, олами парандагону хазандагон, ба таври нохудогоҳ зеҳну шуури кӯдакро таҳти таъсир қарор медиҳанд ва соату замоне фаро мерасад, ки дидаҳову таассуроти зеҳнӣ дар пардаи хаёл чеҳра боз мекунанд. Шоир бо руҳи саршор аз шодӣ ё ҳасрату андуҳ дар ҷаҳони кӯдакии хеш қадам мегузорад. Бисёре аз сурудаҳои Ғоиб Сафарзода аз ин нигоҳ қобили мулоҳизаанд.

Дар шеъри «Рӯз шуд, модар нахуфт» (1960) шабҳои бедорхобии модаронро дар сари гаҳвораи фарзанд, ба воя расидани ҷигарбанд, заҳмат кашиданашонро ба қалам додааст. Ғоиб дар як шаби бедорхобии модар, ки субҳ барои таҳсил ба дигар шаҳр азми сафар дорад, то субҳ аз сари болини фарзанд дур нашудану дар такопӯ буданашро муоина кардааст. Фарзанд низ баробари ӯ бедор ва дар наззораву андеша ғарқ мегардад:

То ки аз хоби хушам нофор нанмояд маро,

Худ нахобад ҳеҷ гап не, лек хобонад маро,

Хешро бигрифт даст,

Чун шудам ором ман [23, с. 35].

Фарзанд, ки акнун зиндагиро мефаҳмад ва аз неку бади олам бохабар мешавад, ба ҳоли модари нооором месӯзад. Ниҳоят, худро ба хоб задани фарзанд ӯ ором бигираду осуда бихобад, аммо ӯ:

Модарам пиндошт, ман хобидаам, пурсӯзтар

Мекашад як оҳи дудолудаи нав аз ҷигар,

Ханҷаре мезад ба тан,

Рӯз шуд, модар нахуфт [23, с. 35].

Баръакс, «Орзу» (1961) аввалин шеърест, ки онро худи шоир замони дар қайди ҳаёт буданаш ба маҷмуаи «Ошёни офтоб» (1972) дохил кардааст.

Шеъри мазкур таҷассумгари орзую омоли тамоми модарон аст, ки қалби аз меҳру муҳаббат саршор некиашон баҳри ҷигарбанд ҳамвора зиёд мебошад. Ӯ орзу ва дуо мекунад, ки фарзандаш дар зиндагӣ накӯкору некному номвар гашта, номбардори волидон бошад, шуҳрати миллату Ватанро боло бардорад, муборизи матини роҳи дуруст гардад, умраш бобаракату боманфиат ва босамар бошад:

Хоҳам, ин тифл шавад дастаи нур,
То ки сармозадае гарм шавад.
Ё дили сангдиле нарм шавад,
Дидаи каҷназаре гардад кӯр.
Бигузорад ба ҷаҳон номи наку,
Нахли умраш бидиҳад нек самар.
Барад ӯ шуҳрати моро ба қамар,
Бишавад во дари ихлос ба ӯ [20, с. 39].

«Орзуи модар» (1964) низ аз ҷониби муаллиф ба маҷмуаҳо омода нашудааст. Онро низ Ш.Ёдгорӣ бо нашри маҷмуаи «Мероси ҷавонӣ» (1978) дастраси умум гардонидааст. Қаҳрамони лирикӣ дар ин шеър низ худи модари шоир буда, орзуи солиён дар дил парваридаашро рӯйирост ба Ғоиб иброз медорад:

Дар баракат бинам арӯси ҷавон,
Нест дар олам дигарам ормон [21, с. 159].

Аз шеъри «Гусел» (1962, унвони аввал «Оҳ, модар», «Маориф ва маданият», 1964, 26 сентябр, таҳрири дигар бо номи «Гусел» дар маҷмуаи «Корвони орзу» (1969) маълум мегардад, ки шоир на дар айёми тифливу наврасӣ ва на дар овони ҷавонмардӣ ҳеҷ гоҳ, лаҳзае меҳру муҳаббати модар, сӯзу гудозаш, сӯхтану ашкпинҳонкарданҳои ӯро ҳатто пас аз хатми донишкада дар шаҳри Душанбе ба кор мондан, аз лавҳи хотири ӯ дур нагардидааст, баҳри дуогирӣ назди модар меравад, вақти гусел боз дар дидагони модар ҳалқа задани ашкро аз ҷигарбанд пинҳон медорад:

Чун бигуфтам, хайр, эй модар, бародарҳои ҷон,
Хайр, эй ҳамсояҳо, хешу табору дӯстон.

Дидам, ин ки пур ду чашми модарам аз об шуд,

Гавҳарак чун завраќи афтода дар гирдоб шуд [19, с. 45].

Вале ин ҳолат аз назари фарзанд пинҳон намонд ва ӯ дарёфт, ки ин амали модар пеш аз роҳи сафар писарашро хотирпарешон накардан бо дидаи гирёну синаи бирён дуо надодан аст. Ва модар неруи дар ниҳодаш бударо даст гирифта, чунин дуо медиҳад:

Гуфт: «бепарвою беғам бош, фарзандам, бирав,

Рав, барори кор мехоҳам, ҷигарбандам, бирав…» [19, с. 45]

Ва сӯхтанҳои модар дар охир чунин ҷамъбаст шудааст:

Оҳ! модар, дар танӯри синаи худ чун кабоб

Сӯхтанро дар ҳаёт оё намудӣ интихоб? [19, с. 45]

Шеъри «Гусел», ба андешаи мо, дар тамоми умри шоир ва дар адабиёти тоҷик яке аз беҳтарин офаридаҳои ба модар бахшидаи Ғоиб Сафарзода мебошад. Гуфтани чунин шеър (байту мисраъҳои ҷудогона дар дигар «Модарнома»-ҳо дида мешаванд), аз ҷониби як донишҷӯйи навқалам башорат медод, ки Ғоиб дар боғи адабиёти тоҷик ниҳоли нав сабзидаи дар оянда самари хуб ба бор оварандаро мемонд.

Шеъри «Нидои модар» (1967) аз лиҳози фарогирии мавзуъ, мазмуну мундариҷа, шаклу бадеият, ҳикмат ва таъсирнокӣ аз камолёбии Ғоиб Сафарзода ҳамчун шоир, аз васеъшавии ҷаҳонбинии ӯ мужда медод, назару андешаи эътирозомези ӯро аз ҳодисаҳои нангину номатлуби ҷомеаи башарӣ, аз ҷангу низоъ ва хунрезиҳои бемаънӣ рӯшану возеҳ мегардонд.

Қаҳрамони лирикии шеър модарест, ки барои ҷанг ба кишвари ғайр рафта, ба кори разилона – куштани одамони бегуноҳ даст задан, фарзандро ба дасти худ қатл менамояд. Сипас болои ҷасади писар «мӯканону рӯканон» нолаву фиғон бардошта, хешро сарзаниш ва маломат мекунад, ки қотили фарзанди хеш гаштааст. Лаҳзае пас бо ҳисси баланди модарона чизеро эҳсос мекунад ва бо «муштҳои гиреҳандохта» сӯйи «дунёи ситамгору ситамкаш» фарёд мезанад:

Модаронро ин қадар аз баҳри чӣ ғам медиҳӣ?

Доғи як ғам тоза ногашта, ғами нав мениҳӣ?

Аз чӣ фарзандони онҳоро ба ҳам ангехта,
Хуни ноҳақ рехта,
Зиндагиро мекунӣ бо бӯйи хун омехта?
Ин ҷиноят нест оё?!
Ин разолат нест оё?!
Ин қабоҳат нест, эй дунёи дун?! [19, с. 35]

Чун модар дармеёбад, ки аз барои хуни ноҳақ рехтан ва одамиро бар зидди якдигар барангехтани сармоядорони нокас дунёи разилу пастро парвое нест, шоир ба кулли модарони олам бо хитоб муроҷиат мекунад:

Зиндагию оламу одам бимонад дар амон,
Бас хамӯшӣ, бас!
Кашед аз хашм фарёде баланд,
Модарон, эй модарон,
Эй модарони дардманд! [19, с. 36]

Ғоиб Сафарзода дар ин шеър воқеан, як ангезае ба вуҷуд овард, ки хашми модаронро дар куштор баланд менамуд, шеър дар замони навишта шуданаш дар қатори модарномаҳои М.Турсунзода, Лоиқ қарор дошт, ки бо хашм оламро месӯзонд. Ғоиб Сафарзода дар ин шеър бо фаросат дарёфтааст, ки «модар бо як даст гаҳвора ва бо дигар даст дунёро такон медиҳад», танҳо онон қодиранд, ки адлу инсофро дар олами дун пуштибон, молики неруи азиму адонашавандаи созандагӣ бошанд. Шоир бе ҳеҷ дудилагӣ модарро фақат барои бедорхобии дар сари гаҳвораи фарзанд будан, дар қатори офтоб, кӯҳ, баҳру чашма, ишқу ошиқ бузургу неруманд ёфтааст.

Хулоса, ба ин тариқ метавон чунин натиҷа гирифт, ки аз ҳар сатру байт, рубоиву дубайтӣ ва аз ҳар шеъри ба модар бахшидаи Ғоиб Сафарзода изҳори меҳру муҳаббат ва садоқати бепоёну беандоза ба модари меҳрубон, ситоиш ва васфи каромоту бузургии модар, арҷгузорӣ ба ғамгусорию заҳматҳои кашидаи ӯ дар бавоярасонии фарзанд бармеояд. Ва шоир эътиқодманд аст, ки то оламу одам боқист, модар ва ному пайкори ӯ сазовори ситоишҳои олист:

Модар, ту ҷавону ҷовидон хоҳӣ монд,
Андар дилу ҷони одамон хоҳӣ монд.
Омӯхт забону панд ҳар фард зи ту,
То ҳаст ҳаёт, дар забон хоҳӣ монд [20, с. 63].

## 2.3.Тараннуми Ватан ва дӯст доштани он дар ашъори шоир

Мавзуи дигаре ки дар эҷодиёти шоир ҷойгоҳи хоса дорад, Ватан ва ватандорист. Ватан маконест, ки инсон дар домони он зода мешавад, бузург мегардад, хонавода бунёд месозад, дар оғӯши он пайвандони худро парвариш медиҳад.

Табиист, ки муҳаббату садоқат ба Модар, ба Ватан садоқат ба зодгоҳ дар замири шахс гармӣ ва ҳарорат медиҳад. Вале, ба ҳар ҳол, ин ҳар ду эҳсос бо ҳам тавъам ва ногусастанӣ буда, дар замир ва хуну қалб гоҳ туғён менамоянд. Аз ин лиҳоз, ба андешаи мо, табиӣ ва бадеист, ки аввалин чакидаҳои шогирдонаи хомаи шоир Ғоиб Сафарзода маҳз ба зодгоҳи азиз, деҳаи Муллоҷони дараи Шикоргаҳи ноҳияи Ховалинг бо чӣ муҳаббату садоқат, бахшида шудаанд. Масалан, шеъри «Манзараи деҳаам», ки соли 1959 эҷод шудааст, чунин анҷом меёбад:

Сахттар андар дили ман гашт ҷо
Меҳри деҳи дилкашу хушманзарам.
Меҳри поки зодгоҳи хешро
Умрбод андар дилам мепарварам [21, с. 143].

Шоири шукргузор, сабаби дар дилаш якумр, абадан маъво гирифтани меҳри зодгоҳро дар аввали ин суруда чунин баён доштааст:

Дар миёни кӯҳҳои сарбаланд,
Чашмаҳои соф дар ҷӯшу хурӯш.
Мевазад ҳар гаҳ насими дилписанд,
Бар димоғам мерасонад бӯйи хуш [21, с. 143].

Дар воқеъ, Ғоиб Сафарзода бо сабабҳои номаълум шеъри дар боло овардашударо дар маҷмуаҳои худ «Корвони орзу» ва «Ошёни офтоб» ҷой накардааст. Шеърро бори аввал аз дастхати бойгонии ӯ дӯсташ Шоҳайдар Ёдгорӣ дар маҷмуаи «Мероси ҷавонӣ» ба табъ расондааст.

Шеър ҳакимона гуфта шудааст, ки меҳри Ватан аз шири модар ва аз гаҳвора сар мешавад. Ин ҳар ду муқаддасот, яъне ҳам шири модар ва ҳам гаҳвора, ба кас одатан ва аксар маврид дар зодгоҳ насиб мегардад, аз ин

ҷост, ки дилбастагӣ ва муҳаббату садоқат ба зодгоҳ, ба ин Ватани биҳиштосо маҳз аз хурдӣ сарчашма гирифта, тули зиндагӣ тадриҷан қавию самимитар мегардад ва ҳатто хурдтарин ҷузъиёти зодгоҳ аз ёди кас зудуда намешавад, балки якумрӣ нақш мебандад ва ҳеҷ гоҳ аз хотири фарзанди сипосгузор намеравад. Ғоиб Сафарзода ончунонки дар шеъри «Хотираҳои бачагӣ» ба худ суолҳо медиҳад, ки «Чашмаи шӯху зулоли зодгоҳам» «Рафтааст имрӯз аз ёди ман оё?», дар канораш борҳо об нӯшидаву ташнагӣ шикастааст. «Эй чинори сарбаланду сабзу танҳо», ки борҳо дар сояат хобҳои ширину гуворо дида, баъдан сармаст хеставу найнавозон паси пода рафтааст: «Эй раҳи каҷмокаҷи пурхоки деҳам», «Эй раҳи борику пур, аз печу аз хам», ки рӯяш хокбозию ҷасту хез ва хонасозию асптозӣ карда, афтону хезон то сари роҳи калони зиндагонӣ расидаро ҳанӯз фаромӯш накарда, бо меҳри тамом ёд меорад:

Эй суруде, ки туро бори нахустин,
Дар канори чор кӯҳ аз ҷон сурудам,
Беғамию баччагӣ, бебокиамро
Дар миёни мавҷи ту пинҳон намудам.
Лаззату кайфияте, ки бурдам аз ту,
Рафтааст имрӯз аз ёди ман оё?
Ҳеҷ гоҳ! [23, с. 117]

Шоир ҳам монанди ҳар зодаи баномусу садоқатманди зодгоҳ ба ҳангоми дур будан аз он ҳамеша бо ёди зодгоҳ зиндагонӣ мекард ва майли ба оғӯш кашидани зодгоҳро дошта ва дар шеъри «Ёди зодгоҳ» (1960) фармудааст:

Агарчи аз канорат дур ҳастам,
Зи фасли навбаҳорат дур ҳастам,
Вале шодам ба ёди кӯҳсорат,
Ба ёди чашмаҳои ҷӯшдорат...
Дил аммо ҷӯш аз ҷӯши ту дорад,
Ҳамеша майли оғӯши ту дорад [19, с. 27].

Пӯшида нест, ки дар фарҳангу адабиёти ҳар халқу миллате муҳити зист, зодгоҳ яке аз мавзуъҳои аслӣ ба шумор меравад. Ҳеҷ адиберо наметавон пайдо намуд, ки ба ин мавзуи ҷовидонӣ даст назада бошад. Сабки эҷоди шоирон гуногун аст. Яке аз чаҳордевори гилинии русто, дигаре аз боғчаи ҳавлӣ, савумӣ шояд аз дарёву кӯҳҳову ҷангалистони деҳа ёд мекунад. Умуман, адибон масъалаҳои марбут ба зоду буму Ватанро ба тарзу тариқи гуногун бозтоб менамоянд.

Бо мурури замон шеърҳои шоир дар ин замина гувоҳ бар ин аст, ки дурӣ аз деҳа ва муқимӣ шудан дар шаҳр барои ӯ дардҳои ширинеро фароҳам овардааст. Ҳарчанд бо расму суннати шаҳрнишинӣ, гӯё одат кардаву хӯ гирифтааст, аммо хотироти деҳаву масъалаҳои марбут ба он ёдвораҳо аз табиаташ, вуҷуди моҳу хуршедаш, чеҳраи мардуми хушқалбу софдилаш, дар ҳарфу ҳиҷои ашъораш ба садо омадаанд.

Санъати сухани Ғоиб Сафарзода, ки дар бораи модару меҳан воқеъбинона, содаву зебо, назаррабо гуфта шудаанд, минбаъд аз ҷониби ҳамзамононаш, хусусан Бозор Собир такмил меёбад. Ба мулоҳизаи шоир Зиё Абдулло: «ин қадар дилкашолии шоирони кӯҳистон ба зодгоҳ ҳамон дилкашолӣ ба покизагии бикр ва модаронаи содаи муҳити бачагист. Ва ин тозагии сода, ки зери дандони ҳамворсози шаҳр меафтад, «чархи фалак»-и шаҳр ҳар қадар ӯро тезтару тезтар ва ба ҳар тараф гардондан мегирад, ба ёди тамкини кӯҳ ва софии чашма ӯ он қадар дилтангӣ эҳсос мекунад, зарурати тамкин ва муносибати нозуки шаҳриро ақл мефаҳмад, вале ғариза (завқи табиӣ, сиришт – М.М.) аз дарун фарёд мекашад» [46, с. 76].

Ғоиб Сафарзода бо амри тақдир ва фармони зиндагӣ аз канори зодгоҳаш дур мегардад ва агарчи деҳаи Муллоҷон бесокин мегардад, боз ҳамон завқи табиӣ вайро ба шинохти таваллудгоҳи азизаш ҳамеша водор месозад:

Таваллудгоҳам аз кӯҳи баландаш,
Зи тангии фазояш мешиносам...
Зи мулки мардумони сулҳҷӯям,
Ватанро аз нидояш мешиносам [20, с. 6].

Ин шеъри саропо ғарқи садоқату муҳаббат ба деҳаи азиз, ба зодгоҳ низ унвони «Мешиносам» (1970) бори аввал дар «Ошёни офтоб» (1972) чоп шудааст.

«Муҳаббати нисбат ба деҳро муҳаббате кӯчак гумоштан хатост, – менависад рӯзноманигор ва адиби ширинбаён шодравон Хушбахт Ҳайдаршо ва ҳамчунин илова мекунад, – суханрониҳои шоири тавонои араб, соҳиби Ҷоизаи ленинӣ Маҳмуд Дарвешро дар маҳфиле, ки банда низ ширкат доштам, ба ёдам меоянд: дӯстон ва бародарон, зодгоҳи хешро дӯст доштан сари худ, ахтари худ, модари худ ва ниҳоят Ватани худро дӯст доштан аст. Бар он ки «ман Шуморо дӯст медорам» -мегӯяду зодгоҳи хеш аз ёд бурдааст, ҳаргиз эътимод набандед… наздаш ихлосу сипосу суҷуд наоред… пеши раҳаш гули суман макоред... ва ёдаш ҳар чӣ зудтар аз дил баоред. Бар он бошед, то ҳама фард дар дил меҳри зодгоҳ дошта бошад… то фардо тухми меҳри ӯро ҳама дар марзи дил кошта бошад» [46, с. 108].

Ғоиб Сафарзода аз овони кӯдакӣ то вопасин нафаси умр ҳамагӣ сивудусола дар дил меҳри модар, меҳри зодгоҳ, меҳри Ватан, садоқату одамгарӣ парвариду сабзонд ва тухми меҳри худро нисбат ба ин муқаддасот тавассути шеър, очерку мақолот ва сафарномаҳо дар мазраи дили дигар ҳаммеҳанон ҳам кориду коридан дорад, сабзониду сабзонидан дорад:

Маро бо дӯстони ман биҷӯед,
Ки танҳо бебақо ҳамчун ҳубобам…
Маро бо кишварам сарсабз донед,
Ки ман лабташна нахле, ӯст обам.
Шавам як рӯз агар дур аз уфуқаш,
Ба ҳукми нодамида офтобам [20, с. 4].

Муҳаббату садоқат ва дӯстдорӣ нисбат ба зодгоҳ дар вуҷуди шоир бо шири модар дар оғӯши кӯҳсорон ва зери навои чашмасорони деҳи Муллоҷон ибтидо гирифтааст, ки дар ин дубайтӣ низ мехонем:

Миёни кӯҳсорон манзили ман,
Маро ин ҷо сириштанд аз гили ман.

Надорам дилкашолӣ ҷойи дигар,

Ҷаҳон шуд ҷой ин ҷо дар дили ман [23, с. 172].

Шоир дар оғӯши кӯҳсорон зери навои чашмасорону нағмасароии булбулон ба дунё омада, овони кӯдакию наврасиро дар ҳамин муҳит гузаронидааст. Ва меҳру дилбастагиаш ба кӯҳҳову чашмасорон, умуман ба муҳиту табиати зодгоҳ табдил ёфт, садоқат ва меҳру муҳаббат ба зодгоҳ қавитар гашту абадӣ нохуни панҷаи хома бар тори дафтари шеър зада, дар шеъри «Қуллаҳо» (1971) ба қуллаҳои сарбаланду ботамкин изҳор дошт, ки зина ба зина то баландиҳо мерасад:

Кӯҳгардӣ кардаам дар баччагӣ,

Қуллаи бисёрро тай кардаам…

Дӯст медорам шуморо, қуллаҳо,

Зинаҳои зиндагонии манед [23, с. 140].

Шоир аз беқарории чашмасорони шаффофу зулол ба ваҷд меомад, онро ба дили тифле шабеҳ месохт, ки ҳамчунон поку беолоишу шаффофу бекина аст ва ҳам дар кӯйи зиндагӣ беқарор буда, ҳарчи зудтар амали неке иҷро кардан мехоҳад ва дар васфаш гуфтааст:

Чашмае аз синаи санге барояд беқарор,

Мисли қалби тифлаки навзод шаффофу зулол.

Печ хӯрда морсон андар миёни кӯҳсор,

Мешавад аз роҳкобӣ гӯиё ӯ хастаҳол [23, с. 44].

Меҳру садоқати шоир ба зодгоҳаш он қадар самимию ҷонӣ ва ҷовидонист, ки хештанро бо тамоми ҳастии зодгоҳ тавъам ва як ҷузъи ин ҳастӣ медонад. Дар шеъри «Маъвои ман» (1965) навиштааст:

Маро ҷӯйед ҷойе, ки баҳораш ҳасту булбул ҳам,

Ки дорад кӯҳсораш дар бағал гулҳои рангоранг [19, с. 11].

Шоири бедордил бо қалби пурэҳсос дарк менамояд, ки меҳру муҳаббати самимӣ ва садоқату дӯстдории зодгоҳаш садоқату дӯстдорӣ ба Ватан, ба халқу диёри азизу маҳбуб ва миллати бо ҷон баробараш мебошад ва шеърро чунин хулоса мекунад:

Маро ҷӯйед дар ҳамбастагӣ бо Тоҷикистонам,

– Диёри кӯҳсорони қатори осмонбардӯш,
Диёре к-андар ӯ дарҷ аст дороию имонам,
Диёре, ки маро додаст дунёи хурӯшу ҷӯш [19, с. 12].

Абёти зерин гувоҳи равшану возеҳ мебошад, зеро Ғоиб Сафарзода ва қаҳрамони лирикии ӯро меҳри зодгоҳи азиз, ки дар кӯҳсорон лона дорад, дар қалб қавӣ ҷой гирифтааст ва ошёнашон – зодгоҳашон, Ватанашонро ҳаргиз дигар нахоҳанд кард, чаро ки меҳри Меҳан сар мешавад аз шири модар, аз гаҳвора, аз зодгоҳи кӯчак:

На мурғи ломаконам, ки ба тули чор фасли сол,
Равам аз ошён, худро ба боғи дигар андозам.
Уқобам, дар канори кӯҳсорон зистгоҳи ман,
Дар ин ҷо ҳаст оғозам, баланд ин ҷост овозам [23, с. 124].

Агар кас ба модар, зодгоҳ, ба ин Ватани кӯчак меҳру муҳаббат ва садоқати бепоён дошта бошад, агар зебоиҳои табиати онро бипазирад, агар мардумонашро дӯст дошта ва эҳтиром намояд, яқин аст, ки ин аҳвол бо гузашти айём батадриҷ ба меҳру муҳаббати самимӣ ва садоқати бепоёни нисбат ба Ватан, миллату мардумони он табдил меёбад.

Шоир дар оғӯши Ватан ҳар сӯ назар афканда, зебоӣ ва нуру сафоро мебинад, ки ҳамагон аз қаноатмандӣ меболанд ва шоду масрур мегарданд. Хусусан, дастакзанию хандаи тифлакони бегуноҳи бағали модарон фазои меҳанро зебу зинат мебахшанд:

Нигоҳи духтарон зебост имрӯз,
Замини пурсахо зебост имрӯз.
Зи дастафшонии тифлони маъсум,
Канори модарон зебост имрӯз [23, с. 58].

Шодиву масрурии одамони атроф ӯро низ шоду масрур мегардонад, Бо сухани «Аз ишқи духтари хушрӯй мастам» ҳаётдӯстӣ ва зебоии инсону табиат ва ҷамъиятро тараннум менамояд:

Нигаҳ кун, эй табиат, дар бари ту,
Ҳаёти мо чӣ сон зебост имрӯз! [25, с. 54]

Муҳаббату садоқати Ғоиб Сафарзода ба мардуми диёри азизу маҳбуб, ба ҳар чашмаю кӯҳу қулла, ба талу теппа, ҳар дарахту гулу бутта, харсанги кишвари Тоҷикистон ба андозае қавист, ки лаҳзае дурӣ аз оғӯши он барояш гаронӣ мекунад. Ин нукта дар шеъри «Ҳунар» будаст нокас гаштани кас» (1970) хуб ишора шудааст. Шеъри мазкур натиҷаи таассуроти сафар аз саёҳати Булғория буда, он соли 1967 доир гардидааст:

Ба мулки ғайр чун сайёҳ рафтам,
Ба чанде дӯстон ҳамроҳ рафтам.
Сарам гӯё ба гардун мерасидӣ,
Дилам аз шавқи афзун метапидӣ.
Ки мулки ношиносе меравам ман,
Ҷаҳонгарду ҷаҳонбин мешавам ман [21, с. 172].

Шоири ватандӯстро дар кишвари чун Тоҷикистон биҳиштосои Булғория, хоса дар Ҳисор (Аугуста) ном шаҳри он ёди Ватан ба сар меояд ва ҳаваси баргаштан ба диёр мекунад:

Чу рӯйи зодгоҳу кишварам боз,
Чу дидори бародар, модарам боз...
Гумон кардам, ки як сол аз миён рафт,
Ва тифлам роҳгардон шуд, давон рафт [21, с. 172].

Мирзо Турсунзода ҳам дар шеъри «Бозгашт» аз Ҳиндустон муштоқи ёру диёр шуданашро чунин ба қалам додааст:

Чун ниҳодам пойи худро бар сари хоки Ватан,
Борҳо бӯсидам аз рухсораи поки Ватан.
Муддате будам агарчи дур, аммо ёди он,
Мевазонидам ба сар боди фараҳноки Ватан [35, с. 205].

Воқеан ҳам, кас ба қадри Ватану модар, муқаддасию бузургии онҳо ҳамон вақт бештар мерасад, ки аз канорашон дур бошад. Бинобар ин, баҳравар гаштан аз боду ҳавои Ватан ва ҳар нафаси дар канору бағали Ватану модар будан барои ҳар кас ғанимат аст. Ҳарчанд дур гаштан, ҷудоию ғарибӣ барои шахс маҷбурӣ набошад ҳам, баъзан аз рӯи зарурат воқеъ меафтад. Бо вуҷуди ин, Ватану модарро дӯст доштан, эҳтирому

муқаддас шуморидан, ба онҳо эътиқоду ихлоси фарзандона доштанро Ғоиб Сафарзода зарур ва муҳим мешуморад:

Бигуфтам: кош, болу пар барорам,
Барам сар дар бари кишвар гузорам…
Сипас, ёди дигар кишвар насозам,
Ҷудоӣ як дам аз модар насозам [21, с. 172].

Мазмуни як сафари кӯтоҳи табобатии мулки Булғор басанда аст, ки шахси бедордил чи андоза азизу маҳбуб ва муқаддасу нотакрор будани модару зодгоҳу меҳан, фазову бағал ва канори онҳо, ғанимат будани Ватану халқу миллатро дарк намояд. Қалби пурэҳсоси Ғоиб Сафарзодаи шоир лабрез аз меҳру муҳаббати содиқонаи фарзандӣ ба модару зодгоҳу меҳан аст, ниҳодаш, сиришту тинаташро ҳисси ватандӯстӣ ва ифтихори миллию ватандорӣ фаро гирифтааст. Танҳо шахси беномусу нокас ва сангдил метавонад бе ҳеҷ зарурате, барои ҳавою ҳавас модару зодгоҳу меҳанро тарк карда, дар мулки ғайр бо шодию фараҳ умр гузаронад:

Гузашт аз дил, чӣ сон дил дорад он кас,
Чи инсонест беномусу нокас...
Маро ин нукта равшан гашт з-ин пас,
«Ҳунар» будаст нокас гаштани кас [21, с. 172].

Ҳар шахси бедордилу бошараф, як лаҳза аз зодгоҳ Ватан аз деҳаи азиз, модари нозбардор, меҳрубон садои гӯшнавози обшору чашмасорон, зебоии назаррабои табиат, ҷастухез дар талу теппаву кӯҳсор, нағмаҳои мафтунсозандаи кабкони хушилҳон, хониши мурғакони шохаи дарахтони гӯшаи хурди Ватан дилро дар қафаси сина ба тапидан меорад ва бесабриву беқарориро дар вуҷудаш меафзояд.

Ғоиб Сафарзода меҳру муҳаббати нисбат ба меҳанро дар баробари муҳаббату садоқати ба модар парварданро дар шеъри худ хеле баланд арҷгузорӣ мекунад. Ин нукта дар фарҷоми «Суруди фалакпаймо» (1971) махсус таъкид гардидааст:

Модар – Ватанам, номи шумо вирди забонам,
Бо амри шумо ҷониби афлок равонам...

Эй модари маҳбуб, Эй кишвари маҳбуб! [23, с. 135]

Воқеан ҳам, бар хилофи бисёре аз суханпардозону сухангӯён, ки бештар ибораи Ватан – Модарро мавриди истифода қарор медиҳанд, Ғоибназар ба ҳайси як сухандону сухангӯйи нуктасанҷ ва фарзанди сипосгузору эътиқотманд модарро пеш аз Ватан мегузорад ва ҳар муроҷиате ки кунад, аввал ба модар ва сипас ба меҳан мекунад. Қаҳрамони лирикии шоир низ аввал ба модар сипос изҳор медорад, ки меҳру муҳаббат ва панду андарзи ӯро тӯшаи роҳи сафар бар сӯйи само намудааст:

Ҷон модарам, аз ту дили огоҳ гирифтам,

Парвозкунон сӯйи само роҳ гирифтам...

Аз панди ту ман ёфтаам боли паридан,

Аз сӯхтанат ёфтаам сози тапидан.

Эй модари маҳбуб, Эй модари маҳбуб! [23, с. 135]

Ӯ сипас ба меҳани азиз ифтихормандона ва бо шукргузорӣ муроҷиат мекунад:

Парвардаи эҳсони туям, эй Ватани ман,

Ту пайкару ман ҷони туям, эй Ватани ман...

Эй кишвари маҳбуб, Эй кишвари маҳбуб! [23, с. 135]

Дар осори мансури Ғоиб Сафарзода, дар мақолоти публитсистӣ, очерку сафарномаҳояш низ мавзуъ ватану ватандорӣ, ифтихори миллӣ, ҳифзу эҳтироми арзишҳои миллӣ, рушди фарҳанги миллӣ ва тозагии забони модарӣ мавқеи марказӣ доранд. Зеро нангу номуси миллӣ, ватандорӣ ба гуфти шоира Гулрухсор, «аз гарди Ватан» сар зада ва «дарди Ватан» шахсро шоир мегардонад:

Дуд аз сӯзи алав сар мезанад,

Нанг аз гарди Ватан сар мешавад.

Шеър тифли руҳи инсёнзода аст,

Шоир аз дарди Ватан сар мешавад! [3, с. 73]

Шоир Ашӯр Сафар меҳру муҳаббатеро, ки мардуми мо нисбат ба хонаи умеди халқ – Ватани азиз доранд, баён намуда чунин навиштааст:

Як санги Ватан ба кӯзаи зар надиҳам,

Гарди раҳи ӯ ба фунту доллар надиҳам.
Як қатраи оби ӯ ба Кавсар надиҳам,
Зеро ки Ватан азиз аз ҷони ман аст [29, с. 11].

Дар ин мисраъҳо меҳру муҳаббат, садоқат ва вазифадории мардуми собиқ Иттиҳоди Шӯравӣ нисбат ба Ватани азизамон ифода шудааст, шоир гарди роҳи Ватанашро ба фунту доллар ҳам намедиҳад.

Саидҷон Ҳакимзода низ ин фикри рафиқи ҳамқалами худро тасдиққунон як санги Ватанро аз ҳама чиз азизу муқаддас медонад:

Баҳри яке лаъли Яман дилрабост,
Баҳри дигар сайри чаман дилрабост.
Лек барои ману авлоди ман,
З-ин ҳама як санги Ватан дилрабост [44, с. 172].

Ғоиб Сафарзода аз Тоҷикистон, миллати кӯҳанбунёду тамаддунофари тоҷик, ки ба оламиён шинос аст, ифтихор дошту меболид, ки меҳани азизу маҳбубаш дар олам мақому манзалати хоса дорад:

Ватан дорам, ки дунёро писанд аст,
Амонӣ дар паноҳаш бегазанд аст.
Биарзад, ки ба номи ӯ бифахрам,
Сари ман аз мақоми ӯ баланд аст [20, с. 51].

Ё ин ки:

Шодии Ватан мудом лабханди ман аст,
Ҳастии Ватан ҳаёту пайванди ман аст,
Аз бахт сарам ба осмон меояд,
К-ин мулки диловарон худованди ман аст [20, с. 59].

Шоир муътақид аст, ки ҳар шахси ватандор маънан нерӯманд буда, Ватанро пуштибонӣ мекунад ва ҳар амали неку савоб кунад, бо номи Ватан, барои Ватан ва ободию сарсабзии он иҷро менамояд:

Ватан оҳангу тори зиндагонист,
Ватан чун кӯҳ моро пуштибонест.
Барои номбардорони ин хок,
Ватан пушту паноҳи ҷовидонист [20, с. 54].

Агар Бозор Собир миллати тоҷикро «То ватандор аст, бисёр аст ӯ» гуфта бошад, Ғоиб Сафарзода чун фарзанди содиқи миллату меҳан Тоҷикистонро бо вуҷуди камии марзу бумаш хурд не, балки азиму тавоно мешуморад. Дар пайравии «Ганҷинаи сурудҳо»-и М.Турсунзода бузургию шаҳомати Ватанро дар фарзандони эҷодкор, марзу буми шоистааш мебинад:

Кишваре, ки Рӯдакиро зод ӯ,
Шеъри оламгир моро дод ӯ.
Кишваре, ки дод бо табъи баланд
Булбули дар ишқ Шайдои Хуҷанд,
Хусрави моро баланд овоз дод,
Шоҳини Кӯлобро парвоз дод [21, с. 17].

Хулоса, мавзуи зодгоҳу Ватан, модар, дӯстиву садоқат, ростқавлӣ, оштинопазирӣ ба ноадолатиҳои ҳаёту ҷомеа, бузургдошти забони модарию фарҳанги миллӣ ва амсоли инҳо аз мавзуоти марказии эҷодиёти шоири бедордили тоҷик – Ғоиб Сафарзода мебошад.

Бояд зикр кард, ки дар таълиму тарбияи наврасону ҷавонон ва умуман, дар рӯҳияи ватандӯстӣ, ватандорӣ, хештаншиносию ифтихори миллӣ тарбия намудани онҳо дар таълимгоҳҳо, макотиби олӣ ва дар вохӯрию корҳои таблиғотӣ аз ин навъи сурудаҳои Ғоиб Сафарзода пайваста истифода кунанд, бамаврид ва судманд мебошад.

## 2.4. Тасвири баҳору Наврӯз ва табиати диёр дар ашъори шоир

Шоирони тоҷик ҳамеша аз сарзамини ҳамешабаҳори сабзу хуррам ва биҳиштосои Тоҷикистон, аз бӯйи хушу муаттари гулу нағмасароии булбул масту мафтун шуда, бо илҳоми саршор шеър менависанд. Онҳо аз дашту дамани сабзпӯш ва садои роҳатбахшу гӯшнавози чашмасорон ва фусункориҳои табиати афсонавӣ – арӯси сол – баҳори нозанин, аввалин пайки он – Наврӯзи оламафрӯз ва дар маҷмуъ, зебоиҳои нотакрори табиати меҳани азизашонро дар шеъру достон ва манзумаҳо васфу ситоиш менамоянд. Ғоиб Сафарзода низ мавзуи баҳору Наврӯз ва дилрабоиву назаррасии табиати диёрро бисёр дӯст медошт. Илҳоми шоирӣ, бешак, аз даврони кӯдакию наврасӣ манша гирифта, бо завқи гулчинию зебоипарастӣ, дӯст доштани табиату баҳор ва Наврӯзи оламафрӯз дар дили шоир маъво мегирифтанд. Адиби нозукхаёл дар шеъри «Қимати гул» чунин овардааст:

Маро мебурд қалби кӯчаки ман
Ба сайри кӯҳсорон дар баҳорон.
Маро мебурд шавқу завқ карда,
Ки гул чинам, гули хушбӯю хандон [21, с. 58].

Бо гузаштани солҳо рангу бӯйи гул арзишманд мешуд ва ӯ гулдастаи зебое ба маҳбубае туҳфа бурда, ёри ҳаётӣ интихоб кардан орзу мекард:

Ана он рӯзҳо чун бод рафтанд,
Гул акнун рангу бӯйи тоза дорад.
Ба монанди бари рухсораи ёр
Тароватбахш рӯйи тоза дорад [21, с. 58].

Ӯ хандидани гулҳоро дар кӯҳҳо дида шоирона, ошиқонаю дилпурона шеър месуруд:

Гулҳо ба бари кӯҳу камар механданд,
Дар партави хуршеди саҳар механданд.
Дилбохтагони ташнаи бодаи ишқ,
Сармаст зи бӯсаҳои тар механданд [23, с. 149].

Шоир аз омадани баҳор масту мафтун ва шоду масрур мегардид ва онро ончунон интизорӣ мекашид, ки ҳатто ягона гулаки рӯйида дар назараш атрофу акнофро зебу зинат ва шукӯҳ мебахшанд. Бар асари зебоиҳои баҳор рашк барфро сӯзонда об мегардонд:

Бишкуфт гули нахуст андар бари кӯҳ,
Афзуд ба ранги нав шукӯҳу фари кӯҳ.
Чун барф бидид, кӯҳ бо гул хандид,
Аз рашк шуд обу рехт баъд аз сари кӯҳ [23, с. 149].

Ғоиб Сафарзода, ки худ шоири нозуктабъу рангинхаёл ва ошиқи масту дилдодаи баҳору Наврӯз буд, садои пойи Наврӯзро ҳатто аз пушти дар, аз парзании кабӯтарону чаҳ-чаҳи мурғакон эҳсос мекард, ки барояш мужда меоварданд:

Имрӯз зи пушти дар садо мешунавам,
Парвози кабӯтари сабо мешунавам.
Бархез, ки бар дари ту Наврӯз омад,
Аз чаҳ-чаҳи мурғи хушнаво мешунавам [23, с. 150].

Шукуфтану хандаи гул, фарёди булбул ба шоир мужда аз баҳори нозанини деринтизор меоварданд:

Гул гуфт, ки мужда аз баҳор овардам,
Як олами ҳусн дар канор овардам.
Фарёд кашид булбулу гуфт, ки ман
Дар сина ҳазор захми хор овардам [23, с. 149].

Дар фасли баҳору Наврӯз ҷузъиёти табиат, аз ҷумла абри гузарон, мусиқии обшорон, нағмаи мурғон барои шоир офарандаи шукӯҳу зебоӣ, шавқи шодиву фараҳ меовард:

Аз абр гуҳар ба барги гул рехтааст,
Гул муҳра ба гардани худ овехтааст.
Савти хуши обшору мурғони чаман
Дар сина хурӯши дигар ангехтааст.[23, с. 149].

Ҳамчунин шоири ошиқи табиат баҳору Наврӯзро зеботару шоирона ба тасвир меорад:

Ин абр ба сони духтари гулдӯз аст,
Шогирд ё ин ки духтари Наврӯз аст.
Дар дӯхтани пираҳани ранг ба ранг,
Овора ба кӯҳу дашт шому рӯз аст [23, с. 150].

Чун гулҳои аввалин мешукуфанд, нағмахонии булбулон дар боғу чаман баланд мегардад, табиат аз хоби ноз бедор мешавад ва марди деҳқонро, ки ризқофаринаш хондаанд, аз омадани Наврӯзу баҳор ва оғози кори барзгар огаҳ месозад:

Табиат ҷомаи рангин ба бар кард,
Ҷавонӣ ёфт, ҷавлони дигар кард.
Ба кӯҳу дашту ҳомун базм сар кард,
Ба тӯяш марди деҳқонро хабар кард [23, с. 170].

Марди деҳқон дар тӯйи табиат иштирок карда, хурсандӣ менамояд, болидарух гашта, нерӯву тавони тоза мегирад:

Деҳқон ба дар ин саҳар шукуфон омад,
Чун чашма зи нав ба қалби ҷӯшон омад.
Бо ҳиммати беқиёс бар дашти фарох
Монандаи офтоби хандон омад [21, с.188].

Баҳору Наврӯзро «пайки ҷавонӣ», «борони найсонӣ», лабрези «ҷомҳои лола», «гулҳои тару хушрангу бӯй»-ро «оинаи дилдодагон» ун-вон медиҳанд ва аз созандагии Наврӯзу баҳору табиат ҳатто «сабзаҳои орзу сар мекашиданд». Ғоиб Сафарзода аз қадамҳои аввалини шоирӣ гулу булбул, табиати кишвараш, марди деҳқонро ҳамчун як тоҷики асили меҳанпарвар, фидоии зиндадошти фарҳангу маънавиёт ва посдори русуму анъаноти неки ниёкон мешинохт. Ӯ ҳанӯз дар солиёни рукуду дуршавӣ аз асолати миллӣ – ним аср қабл аз омади Наврӯзи хуҷастапай баҳори фархундапайро бештар аз дигарон интизорӣ мекашид ва қабл аз дигарон эҳсос мекард. Ӯ рӯҳи равон, нерӯи тоза пайдо мекард, дар сар хумори эҳёи суннатҳои миллӣ парвариш менамуд: «Бархез, ки бар дари ту Наврӯз омад!» ва Наврӯзро муборакбод менамуд. Танҳо ӯ буд, ки бо матонату ҷасорат, бо ифтихор майсаи суманакро дар табақ ба маҳфили шеърхонии телевизиони тоҷик

мебурд, онро ба ҳамаи коргарон нишон медод, хушҳолона шоду масрур мегуфт: – «Ман ба шумо, азизон, нишонаи баҳору Наврӯзро дар табақ овардам!»

Вақте ки инсон зеҳнан масири тайшудаи рӯзгорашро дар аввали сол муайян менамояд, бо дили саршор аз умеду орзу барои соли нав нақшаҳои тоза мекашад. Наврӯз ҳар чи дорад, барои тамоми мардуми ҷаҳон баробар аст.

Аз ин лиҳоз, Ғоиб Сафарзода ва насли ӯ ҷашни Наврӯзро беҳтарин, накутарин ва муқаддастарин иди суннатии тоҷикон медонист. Ва малолу дилозурда ҳам буд, ки дар замони рукуду барҷомондагӣ ва ҳукмронии идеологияи шӯравӣ Наврӯзро иди динӣ унвон дода, ҷашнгириаш торафт маҳдуд мегардид. Ворисони Ҷамшед аз тарси сиёсати замони шӯравӣ иди ҳазорсоларо батадриҷ аз ёд мебароварданд. Аз ёдномаҳои ҳамкорон ва наздикону пайвандони Ғоиб Сафарзода бармеояд, ки шоир дар мавриди ҷашнгирии Наврӯз аз дигарон фарқ менамуд. Ҳасан Сафарзода, рӯзноманигор ва бародарзодаи шоир, дар ёдномаи хеш ин тавр изҳор доштааст: «Ғоиб бисёр ғам мехӯрд, аз он ки иди тоҷикон қарнҳо боз арзи вуҷуд дошту асри бист ӯро маҳв мекард. Чанд сол қабл Наврӯзро иди диндорон гуфтанд, ҳар кӣ ҷашн мегирифт, зери таъқиб мемонд. Вале Ғоиб ҳарос надошт, аз ҳеҷ чиз наметарсид. Ба онҳое, ки дар ашъори худ иди Наврӯз мегуфтанду дар асл Наврӯзро пазирой намекарданд, дари кулбаи худро ба рӯяшон мебаст ва нафрат мехонд» [76, с. 44-45].

Маҳз ҳамин муҳаббату самимият ва муқаддас донистани ҷашни суннатии аҷдодон буд, ки ҳар мисраъ, ҳар байт, ҳар рубоиву дубайтӣ ва шеъри дар васфи баҳору Наврӯз гуфтаи Ғоиб Сафарзода самимӣ, ширину гуворо ва дилнавозу рӯҳафзо эҷод гардидааст.

Ба пиндошти мо, дар рӯзҳои наврӯзӣ шеъри «Сабзаҳои орзу»-и Ғоиб Сафарзодаро, ки ҳанӯз соли 1968 эҷод шудааст, ҳамчун гимн (суруд) хондан мумкин аст:

Бар диёри ман баҳори ҷомасабз
Боз чун пайки ҷавонӣ мерасад.

Булбулонро боз дар боғу чаман
Рӯзҳои нағмахонӣ мерасад...
Боз дар дилҳои бесабру қарор
Сабзаҳои орзу сар мекашанд.
Боз бо дасту дили гарм одамон
Зиндагиро тарҳи хуштар мекашанд [46, с. 102].

Гарчи беш аз панҷ даҳсола аст, ки ҳамватанони шоир Наврӯзу баҳорро бе вай, бе ошиқу дилдодаи Наврӯзу баҳор истиқбол ва ҷашн мегиранд. Хушбахтона, дар ин муддат шеъри ин шоири шӯридадил ҳампою ҳамқадам ва ҳамнафасу ҳамрози мост. Ва ин қадар сол нидои хушнавози Ғоиб Сафарзода тавассути ашъори хушадо моро ово мекунад:

Бархез, ки бар дари ту Наврӯз омад! [46, с. 125]

Дар эҷодиёти Ғоиб Сафарзода лирикаи манзаравӣ (пейзажӣ) мақоми махсус дорад ва аввалин офаридаҳо, баъдтар беҳтарин сурудаҳояш маҳз ба зебоиҳои табиати нотакрори зодгоҳи азизаш – деҳаи Муллоҷон ва дар маҷмуъ, ба зебоиҳои меҳани маҳбуб – Тоҷикистон бахшида шудаанд.

Ғоиб Сафарзода дар офаридаҳояш ҳамчун фарзанди сипосгузору шукргузори кӯҳистон ба мавзуъ ва асрори табиат, ба муҳити атроф, хусусан, ба рӯдҳои шӯху беқарор ва чашмасорони манбаи оби мусаффо, ба дарахтони азим ва кӯҳҳои сарбаланд муроҷиат карда, онҳоро бо муҳаббати бепоён, бо тапиданҳои ноорому беқарори қалби ҳассос аз рӯйи ихлос ва садоқат нисбат ба зодгоҳи азизу меҳани маҳбуб шеъре ё рубоӣ тараннум менамуд, ҳар мисраъ, ҳар байту пораи шеърашро амсоли шаддаи марҷон моҳирона ба риштаи назм мекашид. Инҳо на тасодуф, балки амри воқеӣ ва табиӣ буданд, ки мурғи илҳоми Ғоиб Сафарзодаро ба ҷавлон медароварданд. Шоири наврасу ҷавон аз ҳамин рӯду чашмаҳо об нӯшида, дар соҳилҳо қадам ва қанотак зада, болои шохсорони дарахтони азим парвоз намуда, болу пар кушода, сӯйи қуллаҳои сарбафалаккашидаи назм дилпуронаю ҷасурона бо мақсаду мароми хоса роҳ пеш мегирифт, андар қалбҳои ҳаводорони назм лонагузорӣ мекард.

Ҳампайвандӣ ва ҳатто метавон гуфт, ҳамқисматии инсон (қаҳрамони лирикии шоир) бо табиат дар бештарин шеърҳои манзаравӣ инъикоси бадеӣ ёфтаанд. Аз ин нигоҳ, ба андешаи мо, шоир дар шеъри «Китоби панд» (соли 1970) намунаи хуби фалсафаи ҳампайвандиро дар мисоли «аз баландӣ» «ҷорӣ» шудани «рӯд»-и кӯҳӣ; давидани ӯ «рӯ ба сӯйи дашту саҳро»; «борони сахо», «то ки гардад сабз боғу киштзор», «сабзаву гулҳо кашанд аз хок сар»; «баҳри инсону табиат», «нуру ҳарорат» додани офтоб, чун одамон ба якдигар пуштибону дардошно будани кӯҳҳоро таъкид менамуд, чунин ҳампайвандӣ барои ҳар инсон бояд дар зиндагӣ дарси ибрат ва панду ҳикмат гардад:

То ки ҷавлонгоҳ ёбад, бо шитоб
Аз баландӣ рӯд ҷорӣ мешавад.
Медамад аз тангноҳо бо азоб,
Рӯ ба сӯйи дашту саҳро медавад...
Ин баҳампайвандиҳои зиндагӣ,
Гар китоби панду ҳикмат нест, чист?
З-ин китоб омӯхтан дарси ҳаёт,
Кори мо, охир набошад, кори кист? [23, с. 116]

Ба ҳамин монанд шеърҳои «Манзараи деҳаам» (1969), «Барфӣ» (1960), «Асрори маҷнунбед» (1960), «Обаки ҷӯй» (1960), «Илтимос, насими баҳор» (1960), «Ёди зодгоҳ» (1960), «Қимати гул» (1961), «Чашма» (1961), «Санги азим» (1961), «Табассуми офтоб» (1962), «Зарафшон» (1963), «Зиёратгоҳ» (1963), «Хор ва гул» (1963), «Пайванд шавад» (1963), «Дар замин ҷӯйед маро» (1964), «Маъвои ман» (1965), «Ман акнун шарм медорам» (1965), «Таровати баҳорро биёр» (1965), «Розҳо» (1965), «Рӯд» (1967), «Зимистон» (1967), «Бузургӣ» (1968), «Тирамоҳ омад магар?» (1968), «Сабзаҳои орзу» (1968), «Замин, табрик кун!» (1969), «Ҳампойи зиндагӣ» (1969), «Сабақ» (1969), «Хотираҳои бачагӣ» (1970), «Мешиносам» (1970), «Ҷӯён шав» (1970), «Маро бо кишварам сарсабз донед» (1971), «Дарахтон» (1971), «Қуллаҳо» (1971), «Гаҳвораи сангин» (1971), «Баҳор акнун бувад бо ман» (1972) ва қисми зиёди рубоиву дубайтиҳои шоир лирикаи пейзажию

манзаравӣ дошта, бо тамоюли ҳасбиҳолӣ дар бисёр мавридҳо «бо лирикаи ишқӣ ва махсусан, граждании ӯ омезиш меёбанд ва бисёр вақт шахсияти қаҳрамони лирикӣ бо табиат ва таровати он меомезад. Аз ин шеърҳо, махсусан, образҳои бадеии навихтироъкардаи Ғоиб Сафарзода ҷустуҷӯҳои тару тозаи лирикаи пейзажиро баръало мушоҳида менамоем» [115, с. 396].

Хулоса, сурудаҳои шоир дар васфи табиату манзараҳои он, ҷашни Наврӯз сершуморанд, ки таҳлилу баррасии бештари онҳо аз доираи ин бахш берун аст. Ҷомеаи башарӣ даврони пурпечу сангинеро пушти сар мекунад. Бо вуҷуди пешрафту такомули илми муосир сатҳи маънавии инсонҳо осебпазир мегардад. Ин мушкилии бузурги ҷомеаи ҷаҳонист, ки дарислоҳаш зарур аст, ҳама қавму миллатҳо саҳмгузор бошанд. Бояд зеҳну ҳуш, шууру огаҳии инсонҳо аз олудагиҳо, худхоҳиву худбиниҳо, зиштиву бадандешиҳо поку тоза гардад, то роҳ барои мо дар ҳамдилӣ, дӯстдорӣ, зиндагии шоистаи сулҳомез ҳамвор гардад. Барои мо дар ин самт суннату анъанаҳои Наврӯзӣ ва нақши ашъоре, ки дар васфи Наврӯзу суннатҳои наврӯзӣ суруда шудаанд, метавонад такягоҳу омӯзанда бошад, ки намунааш баҳорияву наврӯзонаҳои Ғоиб Сафарзода аст.

## 2.5. Бозтоби масоили иҷтимоӣ дар ашъори шоир

Инъикоси воқеияти ҳаёти иҷтимоӣ ва бозтоби саҳнаҳои гуногунранги он дар тамоми давраҳои адабиёт яке аз ҳадафҳои бунёдии аҳли ҳунару адаб будааст. Ҳамаи адибони пешин бо вуҷуди дар ҷомеа мақому манзалат доштан, дар осори худ аз ноҳақиву нобаробариҳои замону ҳокимони золим сухан гуфтаанд. Бархе таҳти таъқибу фишор овораву сарсон шуда, ҷилои Ватан намуданд. Чунин аҳволи риққатовар дар сарзамини тоҷикнишин то барпо шудани ҳокимияти Шуравӣ побарҷо буд.

Дар солҳои 60-70-уми садаи бист ба адабиёти тоҷик як зумра адибони насли нав: Муъмин Қаноат, Ғаффор Мирзо, Лоиқ Шералӣ, Ғоиб Сафарзода, Қутбӣ Киром, Убайд Раҷаб, Мастон Шералӣ, Шоҳмузаффар Ёдгорӣ, Ҳабибулло Файзулло, Бозор Собир, Гулрухсор Сафиева, Ҷумъа Одина қадам ниҳода, дар эҷодиёт ҷасурона, бо диди нав, бо шеъри нав, бо нияти поки беғараз, ба инъикоси воқеии ҳаёти ҷомеа бо саҳмгирӣ дар ислоҳи костагиҳои маънавиёти ҷомеа ба масъалаҳои иҷтимоӣ ва ҳаёти заминӣ рӯ оварданд.

Ин як зуҳуроти ҷадид дар адабиёт буд ва Ғоиб Сафарзода бо навовариҳояш бо шеъри хушбинонаву некнигоҳона яке аз пешоҳангони ин равияи мазкур гардид.

«Ман он солҳо қариб дар ҷамеи маҳфилу базмҳои онон ширкат доштам, – ба ёд меоварад адабиётшинос Юсуфи Акбарзода ва шоҳиди он будам, ки ин ҷавонон чӣ қадар талошу такопӯ, ҷустуҷӯ, ҷидду ҷаҳд, ибтикору ҷандалаи тозакорию тозанигорӣ дар шеъру чашмандози фароху амиқе ба зиндагӣ доштанд… Моҳияти ин такопӯ ва тозакориҳо аз як назари нав ба воқеият, ба зиндагӣ, як нафаси гарм дамонидан ба шеър ва маншаю муҳтавои он, дарки нави мазмуни зиндагии инсону рисолати таърихии вай, эҳсосу таъбири тозаи таърих, ба сурати дигар, яъне ба чашми ҳаминрӯзиён дидану натиҷагирӣ кардан аз ҳама рӯйдоди олам, тибқи талаботу ниёзмандиҳои навин рангу ҷилои тоза касб кардани

васоили тасвири бадеӣ ва аввалунсури адабиёт – забон иборат буд [58, с. 77].

Шеъри иҷтимоӣ ва созандаи Ғоиб Сафарзода амсоли шеъри шоирони ҳамзамону ҳамқадам ва ҳамфикр заминист ва ҳам ӯ худ шоири заминист, Заминро гиромӣ медошту муътабар ба қалам меоварди. Масалан, ӯ дар шеъри «Дар замин ҷӯед маро» (1964) ин тавр андеша менамояд:

Замин – гаҳвораю ҷавлонгаҳи ман!
Барояш дар талоши рӯзгорам.
Дар ин раҳ гаҳ шарора, гоҳ барқам,
Гаҳе шогирд, гоҳ омӯзгорам [23, с. 83].

Пас аз даҳ соли эҷод шудани ин шеъри Ғоиб Сафарзода, Гулрухсор – шоираи ҳамзамону ҳамфикри ӯ дар чакидаи қалами хеш ба унвони «Замин» навиштааст:

Зиндагӣ нест дар шаҳри Моҳ,
Бар Зуҳал то кунун роҳ нест.
Бе гулу хори ту, эй Замин,
Қимати умр чун коҳ нест [27, с. 264].

Солҳои ҳафтодум яке аз мавзуъҳое, ки мавриди таваҷҷуҳи шоирон қарор гирифтааст, ин замин ва моҳияту арҷи он барои идомаи ҳаёт маҳсуб меёфт. Албатта, ин мавзуи тоза нанамояд ҳам, як навъ бознигарӣ ба ин рукни вуҷудӣ сурат мегирифт. Шояд дар ин замина беш аз чизи дигаре биниши наву нигоҳи тозаи Лоиқ буд, дар шеъри «Замин», ки барои дигарон илҳому ангезае медод:

Замин модархудои мутлақи мо,
Барои кӯдакон шабзиндадор аст,
Ба чашмонаш шикаста хоб гӯйӣ
Ба тифлон қисмати нек интизор аст…
Ба рӯйи ӯ бимонад захми ҳар тир,
Чу доғе бар рухи соҳибҷамоле [50, с. 83].

Ғоиб Сафарзода шеъри ҳаҷман калони «Ҷаҳони хешро дарёб»-ро ба масъалаи хеле муҳими ҳаёти иҷтимоии бонувони тоҷик – беҳуқуқӣ дар

интихоби ҳамқадами ҳаёти оилавӣ ва аз шарму ҳаё ва ё тарс бахри ба ёри дилдода расидан мубориза набурдану хамӯшӣ ихтиёр кардани онон ва бо ин пажмурда кардани гули ишқашон дахл намудааст. Шоир дар лаҳзаи чун молу чиз ба онон нархгузорӣ кардан хамӯш монданашонро мазаммат менамояд. Ва дар шеър ангушти ҳайрат газида пурсидааст:

Аё, духтар, ту бо ин болҳои нотавони худ,

Чӣ сон парвоз хоҳӣ кард сӯйи манзили мақсуд? [23, с. 94]

Ва ба хотири аз хоби ғафлат, аз банди хомӯшию нотавонӣ ва тарсӯйи раҳонидан чунин хитоб менамояд:

Чаро бозичаи тақдир бошӣ, ки ту инсонӣ!

Ту инсонӣ,

Тавоноӣ…

Ба даври бахти худ пайваста чун паргор

Гардон бош! [23, с. 94]

Ба назари мо, як ҷиҳати махсус ва фарққунандаи ашъори Ғоиб Сафарзода бо ҳам тавъам овардани масъалаҳои иҷтимоӣ ба масоили фалсафии ӯ мебошад.

Шоир маънии зиндагию ҳаётро дар ҷустуҷӯйи пайваста, дар беқарорӣ бахри пешравӣ, пас аз хеш ному кори накӯ боқӣ гузоштан дида, ба дили пурэҳсоси худ чунин рӯ меорад:

Пайи мардони оқил роҳ паймо

Ва роҳи ҳар дили огоҳ паймо.

Ба пеши нокасон болоназар бош,

Зи бухлу кина умре барҳазар бош…

Диле пуршӯр омад, боз бигзашт,

Уқобе буд, дар парвоз бигзашт [23, с. 114].

Ғоиб Сафарзода барҳақ бар ин ақида аст, ки то инсон ақлу хираду дониши хеш ба кор набарад, аз банди мушкилиҳои зиндагӣ раҳоӣ намеёбад ва садҳои гузоштаро низ канда наметавонад.

Шоир ин нукта ва ақидаи худро дар шеъри «Ҷустуҷӯ» таъкид месозад, ки кас бо вуҷуди пеш омадани мушкиливу садҳои мушкилгузар набояд

руҳафтодаю ғамгин шавад, оҳу фиғон сар диҳад ва аз майдони мубориза тарсуёна берун равад. Ҳикмати зиндагии одамон, воқеан ин аст, ки кас бояд ба пеш дилпурона назар андозад ва ҳаракат намояд, зеро зиндагӣ пасту баландӣ, шебу фароз ва печу тобҳои зиёд дорад:

То расам бар қуллаҳои орзу,
Дар ҳаёт аз баҳри худ раҳ кофтам.
Андар ин роҳи басе пурпечутоб,
Борҳо бигзаштам аз кӯҳу камар.
Пешпо хӯрдам, фитодам, лек боз
Пеш рафтам, пешро кардам назар [23, с. 40].

Шахсе ки ҳанӯз аз даврони хурдию наврасӣ бо сабру таҳаммул ва пуртоқатона дар кӯраи зиндагӣ обутоб меёфт, баъд дар давоми зиндагӣ садҳои мушкилгузарро ҳам осон мегузашт, дар мушкилиҳои аз ҳад зиёд ҳам оҳу фиғон ва нолаашро намешунидем:

Хуллас, андар шоҳроҳи зиндагӣ,
Захм хӯрдам, ранҷ дидам, бешумор.
Лек дигар чун замони кӯдакӣ,
Чашмҳоямро надидам ашкбор [23, с. 40].

Қаҳрамони лирикии шоир дар шеъри «Қадамшуморӣ» [23, с. 24] афсӯс хӯрдааст, ки аз нодониву бетаҷрибагӣ даврони наврасиро беҳуда гузаронида, аз пайи илму дониш ва омӯхтани таҷрибаи рӯзгор кам кӯшидааст:

Баъд фаҳмидааст, ки дар он солҳо,
Рафтааст умри азизаш барҳадар [23, с. 25].

Ҳамчунин дар шеъри дигар низ ҳамин мавзуъро идома дода, чунин фармудааст:

Ман дигар он кӯдаки дирӯза не,
Мард ҳастам,
Ақли ман омад ба сар.
Бо умеду орзуҳои бузург
Ҳастам акнун сӯи фардо дар сафар [23, с. 25].

Акнун фурсати барбодрафтаро бозгардонидан ва ислоҳи хатову иштибоҳ аз даст рафтааст. Чархи зиндагӣ бо шаст ба пеш ҳаракат дорад, онро ба қафо баргардонидан мумкин нест. Ҳикмати зиндагиро саривақт сарфаҳм рафтан зарур мебошад:

Зиндагӣ беист бинмояд шитоб

Рӯ ба сӯи рӯзҳои босафо.

Кай тавон, акнун шумурдан ҳар қадам?

Нест фурсат бингарам боре қафо [23, с. 25].

Ба қавли Гулрухсор, «Қадри вақти рафтаро бо зар бубояд баркашид» [27,389] Ин мазмунро, ки зиндагӣ ба сӯйи фардо, ба сӯйи рӯзҳои хушу гуворои ҳаёт доимо дар шитоб аст, Ғоиб Сафарзода низ дар шеъри «Зиндагӣ» (1967) бештар тақвият медиҳад ва мазмуни иҷтимоӣ-фалсафии шитоби зиндагиро ғанитар ва мақсади онро амиқтар дармеёбад:

Раҳи фардо шитоб мехоҳад,

Заҳмати беҳисоб мехоҳад… [23, с. 95]

Дар ин шеъри нисбатан кӯтоҳе, ки ҳамагӣ 7 байт дорад, мазмун саропо иҷтимоию фалсафист.

Ғоиб Сафарзода дар ҳар навиштааш зина ба зина пеш рафта, ба мазмуни ҳаёти иҷтимоии фалсафӣ амиқ сар медаровард. Ва бо такя ба таъкиди устод Рӯдакӣ: «Бирав зи таҷрибаи рӯзгор баҳра бигир, Ки баҳри дафъи ҳаводис туро ба кор ояд», ба ҷавонию содагӣ рӯ оварда, хоҳишу илтиҷо мекард, ки ҳоло ҳам дер нашудааст, мардум аз пайи омӯзишу таҷрибаи рӯзгор талош биварзанд:

Ҷавонӣ, содагиам, аз шумо ман илтиҷо дорам,

Ки роҳи сӯхтан, омӯхтан, андӯхтан гиред.

Ба сӯи рӯзҳои нав умеду орзуи нав,

Ба оҳанги дигар роҳи маро афрӯхтан гиред [23, с. 79].

Ғоиб Сафарзода ба мисли Рӯдакии бузургвор муътақид аст, ки «Дониш андар дил чароғи равшан аст, В-аз ҳама бад бар тани ту ҷавшан аст». Ӯ ин маънии иҷтимоӣ – фалсафиро, ки ба тариқи панду насиҳат гуфта шудааст, дар шеъри «Ҷовид» (1960) боз мазмуни нав дода, содаву фаҳмо

ифода кардан хостааст. Бузургмарди китобхоне пас аз хатми китобе, ки «аз чашмаи маънии зулолу ҷӯшиши лафзи баркамол, мурғи дили хеш об медод», дурри маънӣ чида, дилхушу осуда хоб рафт. Ногоҳ, дар хоб дид, ки баҳри пурҷӯшу хурӯши беқарор ӯро аз мавҷ ба мавҷе зада ба соҳиле партофт, ки мехоҳад, беному нишон гардад. Дар чунин авҷи набард шоир ин тавр хулоса овардааст:

Ногоҳ ба рӯи баҳр пайдо
Шуд завраҷи нозанини зебо.
Бо шодии қалби беқарораш,
Он мард бирафту шуд савораш.
Пас рӯ-рӯи баҳр шодмона
Гардид шинокунон равона.
Бедор бигашту хест, биншаст,
Дарёфт китоби хеш бар даст [23, с. 38].

Илму дониш дар баҳри пурталотуми зиндагӣ барои инсон дар ҳақиқат сафинаи умед, аслиҳаи тавонои аз мушкиливу дармондагиҳо раҳидан ва ба қуллаи мурод расидан, яъне воситаи таъмини зиндагии хушу гуворову бофараҳ мебошад.

Қадри меҳнату ғамхории дигаронро донистан ва ҳаққи намаки дӯстиву ҳамрозиро пос доштан низ аз ҷумлаи мавзуоти иҷтимоӣ-фалсафии ашъори Ғоиб Сафарзода будааст. Шоири ҷавон ҳанӯз дар қадамҳои аввали эҷодиёт шеъре иншо менамояд (1960) бо номи «Асрори маҷнунбед» ва асрори якумр сархам будани маҷнунбедро аз забони худаш ба таври хеле шоиронаву ҳакимона кушода додан мехоҳад:

Ки андар ҳаётам яке мард буд,
Маро марҳаму ёру ҳамдард буд.
Шинонду ба ранҷам басе парварид,
Вале аз ман ӯ баҳрае ҳам надид...
Ба ёду фироқаш ба ғам ҳамдамам,
Ба наздаш бувад то ҷаҳон сархамам [23, с. 28-29].

Шоир ба ин васила гӯё аз инсонҳои носипос пурсиданист, ки модоме як дарахти забони гӯё надошта, ба хотири донистани қадри заҳмату ғамхории марди ӯро шинондаву парвариш карда, як умр дар ғам асту пешаш сари таъзим фуруд овардааст, пас чаро шумо дар ҳаққи инсонҳои дигар, дар ҳаққи падару модар, ватан, устод, ёру дӯстон носипосиро раво медоред. Аз ин шеър ва дигар шеърҳои Ғоиб Сафарзода, амсоли «Манзараи деҳаам», «Обаки ҷӯй», «Чашма», «Қимати гул», «Ёди зодгоҳ», «Хор ва гул», «Пайванд шав», «Санги азим», «Табассуми офтоб», «Тирамоҳ омад магар?», «Зимистон», «Рӯд», «Дар замин ҷӯед маро», «Китоби панд», «Зимистон», «Қуллаҳо», «Рӯди зиндагӣ», «Мешиносам», «Сабақ», «Баландӣ ҷӯй», «Сабзаҳои орзу», «Гаҳвораи сангин» ва рубоиву дубайтиҳои ӯ бармеояд, ки шоир ба муҳити зист, ба масъалаи ҳамбастагиву ҳамқисматии инсону табиат диққати ҷиддӣ додааст. Дар ин гуна чакидаҳои хомаи борикбини шоир на танҳо лирикаи пейзажӣ-манзаравӣ, ишқӣ ва граждании ӯ омезиш меёбанд, балки хусусияти возеҳи иҷтимоӣ-фалсафӣ ва пандуахлоқӣ касб менамоянд:

Аз чашмаи ҷӯшзан сафо ёфтаам,
Аз руд талотуму нидо ёфтаам,
Бунёди ман аз ғурури шӯр аст ҳама,
Дар домани кӯҳ ибтидо ёфтаам [23, с. 149].

Ва ё ин дубайтиро:

Шумо, эй кӯҳҳои кишвари ман,
Киромӣ баҳри ман чун модари ман.
Бузургу бурдбору сарбаландед,
Маро дар зиндагӣ дунёи пандед [23, с. 175].

Қаҳрамони лирикии шеъри «Ҳамроҳи замон қадам гузорам» [20, с. 35] баръакс, ба муносибати носипосон, ки гӯё аз дарахти маҷнунбед (аз шеъри «Асрори маҷнунбед») панди ибрат гирифтаву шукронаи ҳаёту зиндагӣ ва неъматҳои офаридаи Офаридгор ва зиндагӣ мекунад:

Фарзанди азизи одамам ман,
Як ҷузъи ҳаёти оламам ман,

Андар бари ин ҳаёт рустам,
Бастам ба ҳаёт меҳр маҳкам [23, с. 35].

Ва бо эътимоди қавӣ изҳор медорад:

То ҳастаму ҳаст зиндагонӣ,
Умри хушу давраи ҷавонӣ,
Нону намаки ӯ пос дорам,
Ҷон дар раҳи хизматаш супорам [23, с. 36].

Ҳамин тариқ, шукргузорӣ аз неъматҳои зиндагӣ, аз каму беши додаи он сипосгузорӣ ва эҳтироми заҳмати дигарон, посдории ҳаққи дӯстӣ, одаму одамгарӣ фикри асосии ашъори иҷтимоӣ-фалсафии Ғоиб Сафарзодаро ташкил менамояд.

Бардошти муҳимми Ғоиб Сафарзода аз зиндагӣ ин аст, ки одамон агар бо ҳамдигар меҳру садоқати самимӣ дошта бошанд, дӯсту ҳамфикр ва дар Ваҳдат бошанд, шикастану мағлуб кардани ин мардуму миллат мушкил, ҳатто номумкин аст. Масалан, зӯри сели аз кӯҳсори дур омада ҳама сангҳои хурди соҳилро шуста мебарад, вале ҳарчанд наъра занаду хурӯш кунад, санги калонро аз ҷояш наметавонад беҷо намояд, зӯри ҳар неруе азиму бадқаҳр намерасад, мардуми дар ваҳдат бударо шикаст додан мушкил аст. Ҳар инсон бояд бо ҷомеа пайванд бошад, баҳри бақои он бикӯшад, то ин ки худ низ ҷовидону бешикаст боқӣ бимонад.

Баҳра гиру бахш бар халқат сахои хешро!
То ки бо ин санг пайвандӣ бақои хешро! [23, с. 47]

Шоир бо гузашти айём аз рӯзгор бештар таҷриба меомӯзад ва афкору андешаи ӯ дар мавриди зарурати ваҳдати мардумон қавитар мегардад ва акнун муаллифи ашъор эътиқодманд аст, ки барои хушбахтиву осудагии одамон, ваҳдату якдигарфаҳмии ҳар халқу миллати ҷудогона басанда набуда ва дар қитъаи зер аз кулли башарият даъват ба амал меоварад:

Одамон, доред аз домони ҳам то зиндагист,
Ки бузургии шумо дар зиндагӣ ҳамбастагист.
Ҳалқае бугсаст аз пайвастаи занҷир агар,
Не ҷарангосест онрову на асроре дигар [23, с. 124].

Ғоиб Сафарзода ин қитъаро ҳанӯз соли 1970, як замоне навишта буд, ки ба шарофати сиёсати сулҳҷӯёнаи собиқ Ҳукумати шӯравӣ дар аксар манотиқи олам сулҳу оромӣ ва зиндагии босабот ҳукмрон буд. Ва агар оламиён ба ин гуфтаи шоир амал менамуданд, дар рӯйи замин нофаҳмиҳо, хусумату ҷангу низоъ байни одамону қавму миллатҳо ва давлатҳо имрӯз ба авҷи аъло намерасид ва зиндагии иҷтимоии башарият ранги дигар мегирифт. Даврони ин ҷанги бемаънӣ шаҳрвандони солҳои 90-уми садаи бистум шоир Ҳақназар Ғоиб бо шоир Ғоиб Сафарзода дар мавриди зарурату манфиати ваҳдат ҳамфикру ҳамақида будани хешро дар «Таронаи ваҳдат» чунин изҳор доштааст:

Ба тан пӯшед, ёрон, ҷомаи идонаи ваҳдат,
Шароби арғувон нӯшед аз паймонаи ваҳдат.
Чунон оред меҳри дил ба якдигар бо солорӣ,
Ки ҳар як хонаи тоҷик гардад хонаи ваҳдат [6, с. 5].

Ғоиб Сафарзода дар шеъри «Умед» [23, с. 50] ба хонандаи хеш аз зиндагӣ шиква накардан ва ноумед нашуданро талқин менамояд ва онро «барқи зиндагӣ» меномад ва ҳар гаҳи онро ба забон овардан «Чун навозишҳои гарми модарӣ» ҳузуру ҳаловат мебарад:

Шикваро як сӯ гузор. Умедро
Дар дили ман зиндагӣ ҷо кардааст.
Ишқро, меҳру садоқатро ба он
Ҷӯшзан чун мавҷи дарё кардааст [23, с. 50].

Мунаққид Соҳиб Табаров, ки ба эҷодиёти Ғ.Сафарзода ҳанӯз аз лаҳзаҳои аввали ба арсаи адабиёт омаданаш бо таваҷҷуҳи хоса ва беғаразона назар мекард, чунин қайд менамояд: «Дар лирикаи Ғоиб Сафарзода муаммо ва масъалаҳои ахлоқӣ ва этикӣ ҳамчун яке аз мавзуъҳои иҷтимоӣ низ мақоми махсусро ишғол мекунанд. Шоир дар зимни ҳодисаҳои гуногуни давр ба таълифи шеърҳои гражданӣ мекӯшад ва дар ин роҳ комёбиҳо низ насибаш мегарданд. Дар шеъри «Шаҳомати асри XX», корномаи кайҳоннавардони советиро инъикос кардааст, ки намунае аз шеърҳои иҷтимоии Ғоиб Сафарзода ба шумор меравад» [115, с. 391].

Қисми зиёди шеърҳои ӯ бо ҳиссу ифтихори баланди шаҳрвандӣ, ватандорию ватанхоҳӣ, шодиву фараҳу болидаруҳӣ аз дастовардҳои меҳнатию илмӣ ва қавӣ гардидани дӯстии халқҳои Шуравӣ, ҷӯё ва посбони сулҳи сайёра буданашон дар он замон дарак дода ва эҷод гардидаанд. Чунончи, шоир дар шеъри «Шаҳомати асри XX» дар ин бора чунин сатрҳоро овардааст:

Пеш, вақте ахтари думдор меомад падид,
Аз ҳаросу тарс ранг аз рӯйи одам мепарид.
Дошта мардум гиребонрову мешуд беқарор,
Ки чӣ ношукрӣ гузашт аз хокиёни хомкор?...
Асри бист –
Асри ҷавонии ҷаҳон бори дигар
Медиҳад аз кишвари ман мужда аз фатҳу зафар! [22, с. 10]

Хулоса, Ғоиб Сафарзода ҳамчун адиби пешқадаму тозагӯйи ин замон буда, эҷодиёташ аз шеъри андешаю афкори иҷтимоию фалсафӣ ва ҳам ахлоқӣ-тарбиявӣ иборат мебошад. Яке аз сабабҳои асосии ба ин навъи шеър даст задани шоирони солҳои шасту ҳафтод ва равнақу ривоҷи тоза пайдо намудани он ҳамоно ба маротиб костани ахлоқу одоб ва маънавияти одамон, равнақ гирифтани дуздию ҳаннотӣ, ришваситонию авомфиребӣ, беташаббусию бетафовутӣ ва бемасъулиятӣ ба кор, ба пешаи хеш, ба фардои қисмати халқу ватан, ба забон, ба таъриху фарҳанги миллат ва амсоли ин аст. Ғоиб Сафарзода ва ҳамсафони ӯ мехостанд, ки тавассути шеър ва рафтору амали миллатпарастонаю ватандӯстона ва поккории хеш ахлоқи мариз ва дардманди ҷомеаро табобат кунанду шифо бахшанд.

# БОБИ III.

# ҲУНАРИ ШОИРИИ ҒОИБ САФАРЗОДА

## 3.1. Корбурди ҳунармандонаи вазн дар ашъори шоир

Вазн аз унсурҳои зотии каломи манзум ба ҳисоб меравад. Ба иттифоқи назари донишмандон он бо зуҳуру истеъмоли худ дар сухани бадеӣ намудҳои адабиро ба вуҷуд оварда, онҳоро аз ҳамдигар ҷудо кардааст, ки мушаххасоти ин падидаи куҳан дар истилоҳ назму наср акс ёфтааст. Пояи зербиноии намуди назмро вазн ташкил додааст. Истифодаи вазн аз эҷодкор огоҳии комил, табъи равон, истеъдоди фитрӣ, мутолиа, ҳифзи ашъори зиёд ва монанди инҳоро тақозо мекунад. Тӯли ҳазорсолаҳост, ки шуарои мо дар худ парваридани фазилатҳои мазкур шеъри тоҷикиро дар вазни арӯз суруда меоянд. Агарчи ҳоло каломи манзум ба таҳаввулоти шаклию бадеӣ, мисли шеъри мудерн, шеъри сафеду озод ва ғайра дучор гаштааст, вале мавқеи вазн дар ҳамагуна навъи шеър побарҷост. Намунаи барҷаста ва таъйидкунандаи ин фикр, эҷодиёти гуногунжанру пурғановати яке аз шоирони навҷӯ, таҳаввулгаро ва ҳунарманд Ғоиб Сафарзода мебошад.

Гузашта аз ин бояд қайд кард, ки на ҳамаи ашъори Ғоиб Сафарзода бо вазни арӯз навишта шудаанд. Бавижа, таваҷҷуҳи вай то авзони хушоянди арузӣ ва корбурди вофири онҳо, гуфтаҳои болоро тасдиқ месозад. Мутолиоти арузии ашъори шоир нишон медиҳад, ки 364 шеъри гуногунжанрашро дар авзони 8 баҳри хушоянди арӯзӣ, аз ҷумла дар баҳри ҳазаҷ 251, баҳри рамал 96, баҳри музореъ 6, баҳри хафиф 4, баҳри раҷаз 3, баҳри мутақориб 2, баҳри сареъ 1 ва баҳри мунсареҳ 1 шеър суруда, дар баҳрҳои боқимонда чун: муҷтас, мутадорик, қариб, мушокил, ҷадид ва муқтазаб ягон шеър нагуфтааст.

Тавре ки маълум мегардад, Ғоиб Сафарзода 251 шеърашро дар 20 вазни баҳри ҳазаҷ эҷод кардааст. Пеш аз он ки шеърҳои дар ин баҳр гуфтаи

шоирро мавриди таҳқиқ қарор диҳем, лозим медонем, ки каме роҷеъ ба чигунагии баҳри ҳазаҷ сухан ронем. Тибқи гуфтаи аксари арузшиносон баҳри ҳазаҷ аз аввалин ва маъмултарин баҳрҳои аслии аруз ба ҳисоб рафта, дар шеъри халқҳои арабу аҷам баробар истифода мегардад. Муҳаммад Ғиёсиддин дар «Ғиёс-ул-луғот» дар бораи маънои луғавии ин баҳри ҳазаҷ чунин овардааст:

«Ҳазаҷ дар луғат овоз ё тараннуми хушоянда аст. Ва араб бештар ашъоре, ки ба овози хуш дар сурудҳо мехонанд, дар ин баҳр аст. Ва ин баҳр бар сиючаҳор вазн омадааст» [13, с. 53].

Роҷеъ ба хушоҳанг будани ин баҳр аксарияти назариётчиёни гузаштаву муосир ибрози ақида намудаанд. Воқеан ҳам шеърҳои дар ин вазн гуфташуда ниҳоят фораму дилкаш ва хушоҳанг мебошанд. Ҳамин хушоҳангии баҳри ҳазаҷ сабаби дар байни халқҳои арабу аҷам, Шарқи Наздику миёна бештар паҳн шудани он гардидааст.

Дар поён ба таври намуна абёти шеърҳои дар баҳри ҳазаҷ эҷодкардаи шоирро нишон медиҳем:

**1. Баҳри ҳазаҷ – 251 шеър**

Ҳазаҷи мусаммани солим – 23 шеър

Мафоӣлун мафоӣлун мафоӣлун мафоӣлун

V – – – / V – – – / V – – – / V – – –

Миёни химчаат гоҳе ба печу тоб меояд,
Ба рӯи рӯди кӯҳӣ гӯё гирдоб меояд [25, с. 76].

Ҳазаҷи мусаммани мусаббағ – 5 шеър

Мафоӣлун мафоӣлун мафоӣлун мафоӣлон

V – – – / V – – – / V – – – / V – – ~

Аё устод, аз хотир фаромӯшат нахоҳам кард,
Чароғи дар дили шогирд хомӯшат нахоҳам кард [25, с. 89].

Ҳазаҷи мусаммани ахраби макфуфи маҳзуф – 4 шеър

Мафъӯлу мафоӣлу мафоӣлу фаӯлун

– – V / V – – V / V – – V / V – –

Монанди насими Ватани пурзафари ман,

Бигзашта равад обаки ӯ аз назари ман [25, с. 33].

Ҳазаҷи мусаммани ахраби макфуфи мақсур – 9 шеър

Мафъӯлу мафоӣлу мафоӣлу фаӯлон

– – V / V – – V / V – – V / V – ~

Шоир дили ту махзани эҳсоси наҷиб аст,

Монандаи ҳар кӯҳи пурғурури диёрам [25, с. 48].

Ҳазаҷи мусаммани мақбузи аҳтам – 1 шеър

Мафоилун мафоилун мафоилун фаӯл

V – V – / V – V – / V – V – / V ~

Нигоҳи шӯху пурфусуну дилбарат, нигор,

Ки буд қалби кӯчакам мудом дар шикор [25, с. 77].

Ҳазаҷи мусаммани ахраби мақбузи абтар – (16 рубоӣ)

Мафъӯлу мафоилун мафоӣлун фаъ

– – V/ V – V – / V – – – / –

Гул гуфт, ки мужда аз баҳор овардам,

Як олами ҳусн дар канор овардам [25, с. 131].

Ҳазаҷи мусаммани ахраби мақбузи азал – (17 рубоӣ)

Мафъӯлу мафоилун мафоӣлун фоъ

– – V/ V – V – / V – – – / ~

– – V/ V – V – / V – – – / ~

Гулҳо ба бари кӯҳу камар механданд.

Дар партави хуршеди саҳар механданд [25, с. 131].

Ҳазаҷи мусаммани ахраби мақбузи макфуфи маҷбуб – (32 рубоӣ)

Мафъӯлу мафоилун мафоӣлу фаал

– – V/ V – V – / V – – V / V –

Аз чашмаи ҷӯшзан сафо ёфтаам,

Аз рӯд талотуму нидо ёфтаам [25, с. 131].

Ҳазаҷи мусаммани ахраби мақбузи макфуфи аҳтам – (30 рубоӣ)

Мафъӯлу мафоилун мафоӣлу фаӯл

– – V/ V – V – / V – – V / V ~

Аз абр гуҳар ба барги гул рехтааст,

Гул муҳра ба гардани худ овехтааст [25, с. 131].

Ҳазаҷи мусаммани ахраби макфуфи абтар – (3 рубоӣ)

Мафъӯлу мафоӣлу мафоӣлун фаъ

– – V/ V – – V / V – –  –/ –

Эй худнигаро, худ нигаридан то кай?

Тӯфони ҳаётро надидан то кай?! [25, с. 133]

Ҳазаҷи мусаммани ахраби макфуфи маҷбуб – (1 рубоӣ)

Мафъӯлу мафоӣлу мафоилу фаал

– – V / V – – V / V – – V / V –

Ман одамаму аз гили ишқу ҳавасам,

Оташ бинуҳуфтааш дар ҳар нафасам [25, с. 133].

Ҳазаҷи мусаммани ахраби мақбузи макфуфи маҷбуб – (2 рубоӣ)

Мафъӯлу мафоилун мафоӣлу фаал

– – V / V – V – / V – – V /  V –

Нақд аст чу чашма оби дарё нахӯрам,

Аз ҷоҳу ҷалол фанди дунё нахӯрам [25, с. 137].

Ҳазаҷи мусаммани ахрами мақбузи аштари макфуфи маҷбуб – (1 рубоӣ)

Мафъӯлун фоилун мафоӣлу фаал

V – – – /  – V – /V  – – V / V –

Рӯзе мо чанд дар замин меҳмонем,

Осуда гаҳему гоҳ саргардонем [25, с. 138].

Ҳазаҷи мусаддаси солим –  6 шеър

Мафоӣлун мафоӣлун мафоӣлун

V – – – / V – – – / V – – –

Нагардад он шаби серун фаромӯшам,

Табиат дар либоси ҳусн хандон буд [25, с. 79].

Ҳазаҷи мусаддаси маҳзуф –  54 шеър

Мафоӣлун мафоӣлун фаӯлун

V – – – / V – – – / V – –

Насими Руҳафзои баҳорӣ

Вазида накҳати дилҷӯй орӣ [25, с. 33].

Ҳазаҷи мусаддаси мақсур – 29 шеър

Мафоӣлун мафоӣлун мафоъӣл

V – – – / V – – – / V – ~

Маро бо дӯстони ман биҷӯед,

Ки танҳо бебақо ҳамчун ҳубобаш [25, с. 19].

Ҳазаҷи мусаддаси маҷбуб – 1 шеър

Мафоӣлун мафоӣлун фаал

V – – – / V – – – / V –

V – – – / V – – – / V –

Ба ту мафтун шудам дил бохтам,

Ба ту ман меҳр варзидам [23, с. 78].

Ҳазаҷи мусаддаси ахраби мақбузи маҳзуф – 8 шеър

Мафъӯлу мафоилун фаӯлун

– – V / V – V – / V – –

Дидам, ки бузургмард рӯзе,

Мехонд китоби дилафрӯзе [25, с. 38].

Ҳазаҷи мусаддаси ахраби мақбузи мақсур – 6 шеър

Мафъӯлу мафоилун мафоъӣл

– – V / V – V – / V – ~

Лутфо, санамо, шитоб хуш нест,

Бе рӯи туам шароб хуш нест [25, с. 27].

Ҳазаҷи мураббаи солим – 3 шеър

Мафоъӣлун мафоъӣлун

V – – – / V – – –

Миёни кӯҳ меҷӯшад,

Зарафшон бо дили пуршӯр [23, с. 58].

Аз таҳқиқи авзони шеърҳои дар баҳри ҳазаҷ навиштаи Ғоиб Сафарзода маълум мегардад, ки ӯ дар 20 вазни ин баҳр шеър эҷод кардааст. Аз шумораи шеърҳои дар ин баҳр овардашуда чунин натиҷагирӣ мекунем, ки ба завқи шоирии Ғоиб Сафарзода, беш аз ҳама вазнҳои ҳазаҷи

мусаддаси маҳзуф (54), ҳазаҷи мусаммани ахраби мақбузи макфуфи маҷбуб (32), ҳазаҷи мусаммани ахраби мақбузи макфуфи аҳтам (30), ҳазаҷи мусаддаси мақсур (29), ҳазаҷи мусаммани солим (23), ҳазаҷи мусаммани ахраби мақбузи азал (17) ва ҳазаҷи мусаммани ахраби мақбузи абтар (16) созгор будааст, зеро шеърҳои дар ин вазнҳо эҷодшуда қисмати зиёди китобҳои шеърии ӯро ташкил додаанд.

Агар баҳри ҳазаҷи мусаддаси маҳзуф ва ё мақсурро истисно кунем, қисмати бузурги шеърҳои шоирро рубоиҳои ӯ ишғол менамоянд. Чунончи, дар боло нишон додем, шоир дар шохаҳои гуногуни баҳри ҳазаҷ 102 рубоӣ сурудааст. Инро ҳам ёдовар мешавем, ки мураттибони китоби «Чашмаи меҳр»-и Ғоиб Сафарзода теъдоди рубоиёти шоирро 99 адад нишон додаанд, вале таҳқиқ нишон дод, ки аз 251 шеъри дар баҳри ҳазаҷ навиштаи шоир 102-тояш рубоӣ будаанд.

Баҳри дуюми шеъри арузӣ ин баҳри рамал мебошад, ки Ғоиб Сафарзода дар авзони он 97 шеър сурудааст. Шоир дар баҳри рамал назар ба баҳри ҳазаҷ нисбатан камтар шеър гуфтааст. Баҳри рамал низ яке аз баҳрҳои серистеъмолтарини арузӣ буда, дар миёни шоирони арабу аҷам бисёр маъруфу машҳур аст. Маънои луғавии онро Муҳаммад Ғиёсиддин Ромпурӣ дар – «Ғиёс-ул-луғот» ду навъ шарҳ додааст: 1 – «рамал дар луғат ҳасир (бурё, М.М.) бофтан аст» ва 2 – «назди баъзе маъхуз аз рамалон бошад, ки ба маънии давидани шутур аст башитоб. Чун ин баҳр ба суръату шитоб хонда мешавад, рамал ном карданд» [12, с. 376].

Ғоиб Сафарзода мувофиқи табъу завқи худ авзони ҷолибу серистеъмоли баҳри рамалро дар ашъораш мавриди истифода қарор додааст. Инак, ба таври намуна шеърҳои дар ин баҳр эҷодкардаи шоирро меорем:

**2. Баҳри рамал – 96 шеър**

Рамали мусаммани маҳзуф – 16 шеър

Фоилотун фоилотун фоилотун фоилун

– V – – / – V – – / – V – – / – V –

Қатраи ашки сари рухсори гулгуни туро,

Ашк не, ман қатраи оби сафо пиндоштам [25, с. 59].

Рамали мусаммани мақсур – 26 шеър

Фоилотун фоилотун фоилотун фоилон

– V – – / – V – – / – V – – / – V ~

Гуфт ёр: «Аз кӯчаи ишқам гузар». Гуфтам: «Ба чашм»

Рӯзу шабҳо субҳи матлабро нигар. Гуфтам: «Ба чашм»

[25, с.29]

Рамали мусаммани махбуни мақсур – 1 шеър

Фоилотун фаилотун фаилотун фаилон

– V – – / V V – – / V V – – / V V ~

Ханда кун боз, дило, ханда савоб омадааст,

Ханда дар соғари мақсуд шароб омадааст [25, с. 60].

Рамали мусаддаси солим – 1 шеър

Фоилотун фоилотун фоилотун

– V – – / – V – – / – V – –

Чашмаи шӯху зулоли зодгоҳам,

Чашмае, ки нақш мондӣ дар нигоҳам [25, с. 103].

Рамали мусаддаси маҳзуф – 18 шеър

Фоилотун фоилотун фоилун

– V – – / – V – – / – V –

Духтари тоҷик обам кардаӣ,

Оташӣ оё? Кабобам кардаӣ [25, с. 52].

Рамали мусаддаси мақсур – 29 шеър

Фоилотун фоилотун фоилон

– V – – / – V – – / – V ~

Бар диёри ман баҳори ҷомасабз

Боз чун пайки ҷавонӣ мерасад [25, с. 92-93].

Рамали мусаддаси махбуни аслами мусаббағ – 2 шеър

Фоилотун фаилотун фаълон

– V – – / V V – – / – ~

Ватанам пуршукӯҳу беохир,

Манбаи нозу неъмату пур аст [25, с. 35].

Рамали мураббаи мақсур – 2 шеър

Фоилотун фоилон

– V – – / – V ~

– V – – / –V – – V – – / ~

Рафта мурғон ҳам ба хоб,

Дар замин танҳо насими нарм ҷавлон менамуд...

Мисраи дуюм аз авзони дигар баҳри рамал аст, ки тафсилоташ дар фавқ рафт. Ин намуна аз ашъори озоди шоиранд, ки ҳамаи мисраъҳои тақвиятдиҳандааш вазни мавриди назари моро доро мебошанд.

Сӯхтан аз ман нуҳуфт,

Сӯхт модар шуд адо [25, с. 35].

– V – – /– V ~

– V – – /– V –

Таҳқиқот нишон медиҳад, ки шоир дар ашъори худ 8 вазни баҳри рамалро истифода кардааст. Аз ҷумла серистеъмолтарини онҳо: рамали мусаддаси мақсур (29), рамали мусаммани мақсур (26), рамали мусаддаси маҳзуф (18), рамали мусаммани маҳзуф (16) мебошад.

Авзони дигаре аз баҳрҳои солим, ки дар эҷодиёти Ғоиб Сафарзода ба назар расид, раҷаз мебошад. Шоир 3 вазни баҳри мазкурро дар ашъори худ ба кор бурдааст, ки чунин дараҷаи истеъмолро бо табъу завқи эҷодкор вобаста медонем. Дар поён мисраъҳои аввали шеърҳои дар се вазни баҳри раҷаз гуфтаи шоирро намуна меорем:

**3. Бахри раҷаз –** 4 шеър

Раҷази мусаммани солим – 1 шеър

Мустафъилун мустафъилун мустафъилун мустафъилун

– – V – / – – V – / – – V – / – – V –

Эй шуълаҳои оташи чашмони халқи украин,

Дилдодагони дӯстӣ, ҷӯши Днепри нозанин [25, с. 40].

Раҷази мураббаи музол – 2 шеър

Мустафъилун мустафъилон

– – V – / – – V ~

Эй пахтакорон, дӯстон,

Ёру рафиқ хешу табор [25, с. 43].

Раҷази мураббаи махбун – 1 шеър

Мафоилун мафоилун

V – V – / V – V –

Нигор, дар нигоҳи ту,

Шарори ишқ дидаам [25, с. 68].

Аз баҳри раҷаз шоир авзони хушу гуворо ва серистеъмоли онро мавриди истифода қарор дода, ҳунармандона муҳтавои мувофиқро дар онҳо ғунҷонида тавонистааст.

Баҳри дигари солим, ки шоир аз як вазни он дар ду шеъри худ истифода намудааст, мутақориб маҳсуб меёбад:

**4. Мутақориб-2 шеър**

Мутақорибі мусамматі мақсур

Фаъӯлун/ фаъӯлун/ фаъулун / фаъӯл

Бигуфто яке мардаки пирсол.

Ки бар беди маҷнун намудам суол... [25, с. 29-30]

Бояд таъкид намоем, ки авзони баҳри мутақориб хоси ашъори ҳамосӣ, таърихӣ, пандуахлоқӣ ва тамсилист. Шоир бо дарки зарфияти ин баҳр дар он ашъораш, ки оҳангу муҳтавои ахлоқӣ доранд, истифода кардааст.

Тавре ки аён мегардад, Ғоиб Сафарзода аз панҷ баҳри муштараки шеъри арабу аҷам чортоашро дар сурудани шеъри худ мавриди истифода қарор дода, дар ин роҳ муваффақ гаштааст.

Мутолиаи арӯзии ашъори Ғоиб Сафарзода нишон медиҳад, ки вай дар баробари баҳрҳои солими арӯзӣ аз баҳрҳои фаръии он низ истифода кардааст. Мусаламан, буҳури фаръӣ шохае аз баҳрҳои солиманд, ки бо иштироки ду ва зиёда зиҳофи аркони онҳо тавлид меёбанд. Баҳрҳои фаръие, ки шоир дар эҷоди шеър ба кор бурдааст, инҳоянд: музореъ, хафиф, сареъ ва мунсареҳ.

**5. Баҳри музореъ – 6 шеър**

Дар китоби «Чашмаи меҳр»-и Ғоиб Сафарзода дар баҳри музореъ 6 шеър ба назар расид, ки яктои он дар вазни музореи мусаммани ахраби солим, сетои он дар вазни музореи мусаммани ахраби макфуфи мақсур ва дутои дигар дар вазни музореи мураббаи ахраб навишта шудааст. Дар поён ашъори дар се вазни баҳри музореъ сурудаи шоирро намуна меорем.

Музореи мусаммани ахраби солим – 1 шеър

Мафъӯлу фоилотун мафъӯлу фоилотун

– – V / – V – – / – – V / – V – –

– – V / – V – – / – – V / – V – –

Шоҳин, ба давраи мо машҳур гашт номат,

Ҳамчун чароғ бар дил пур шуд каломат [25, с. 34].

Музореи мусаммани ахраби макфуфи мақсур – 3 шеър

Мафъӯлу фоилоту мафоӣлу фоилон

– – V / – V – V / V – – V / – V –

– – V / – V – V / V – – V / – V ~

Собитқадам ситодаам дар ҷодаи ҳаёт,

Ҷонам пур аз муҳаббату уммеди зиндагист [25, с. 95].

Музореи мураббаи ахраб – 2 шеър

Мафъӯлу фоилотун

– – V / – V – –

Кам кардем, бад накардем.

Шумораи чорворо [25, с. 113].

Мафъӯлу фоилотун

– – V / – V – –

Умрест хона дорад,

Се меҳр дар дили ман [25, с. 186].

Намунаи дуюм, ашъори тарҷуманамудаи шоир аст, ки дар вазни мазкур фароҳам омадааст.

**6. Баҳри хафиф –** 4 шеър

Тавре ки маълум аст, баҳри хафиф яке аз сабуктарин баҳрҳои муштараки арӯзи арабу аҷам буда, шоирон онро ағлаб дар шакли мусаддас истифода кардаанд. Дар китоби «Чашмаи меҳр»-и Ғоиб Сафарзода дар 2 навъи вазнҳои баҳри хафиф 4 шеър оварда шудааст. Шоир дар вазнҳои хафифи мусаддаси махбуни мақсур 1, хафифи мусаддаси махбуни аслам 3 шеър гуфтааст. Дар поён мисраъҳои аввали шеърҳои дар ин баҳр гуфтаи шоирро намуна меорем:

Хафифи мусаддаси махбуни мақсур – 1 шеър

Фоилотун мафоилун фаилон

– V – – / V – V – / V V –

– V – – / V – V – / V V ~

Солхо, солҳои бобаракат,

Бошитоб ин қадар чаро рафтед? [25, с. 73]

Хафифи мусаддаси махбуни аслам – 3 шеър

Фоилотун мафоилун фаълан

– V – – / V – V – / – –

Раҳи фардо шитоб мехоҳад

Заҳмати беҳисоб мехоҳад [25, с. 84].

**7. Бахри сареъ –** 1 шеър

Сареи мусаддаси матвии машкуф – 1 шеър

Муфтаилун муфтаилун фоилун

– V V – / – V V – / – V –

Худ писари хурдии ман мешавӣ,

Ҷонаки ман ҷон ба бадан мешавӣ [25, с. 72].

**8. Бахри мунсареҳ –** 1 шеър

Мунсареҳи мураббаи матвии макшуф

Муфтаилун фоилун

– V V – / – V –

Зарба ба тӯб мезанам,

Зарбаи хуб мезанам [25, с. 120].

Хулоса, Ғоиб Сафарзода аз 14 баҳри арӯзии дар миёни мардуми аҷам маъруфбуда, фақат авзони баҳрҳои ҳазаҷ, рамал, раҷаз, мутақориб, музореъ, хафиф, сареъ ва мунсареҳ шеър эҷод кардааст. Аз авзони баҳрҳои дигаре чун: муҷтасс, муқтазаб, мутадорик, комил, мушокил ва қариб умуман истифода накардааст. Сабаби дар шаш баҳри арӯзӣ шеър нагуфтани шоир шояд дар хушоҳанг набудану ба табъи ӯ созгор наомадани баҳрҳои онҳо бошад. Аз рӯи басомад ва касрати истеъмол ҳазаҷ ва рамал дар эҷодиёти шоир ҷои аввал, музореу хафиф дар ҷои дуюм ва раҷазу мутақорибу сареу мунсареҳ дар ҷои охирин қарор гирифтаанд.

## 3.2. Ҳунари қофияороии шоир

Аз унсурҳои дигари каломи манзум, ки дар таъмини шеърият нақши калидӣ мебозад, қофия ба шумор меравад. Он ҳамчунин мусиқӣ, оҳанг ва мутаҳидиву якнавохтии суханро бо маънию мавзун таъмин мекунад. Гузаштагони суханшиноси мо бо дарки бармаҳали ин нукта ба натиҷае расидаанд, ки шеъри беқофия шеър нест, агарчи мавзун бошад [103, с.162].

Ин таъкиди муҳаққиқ имрӯз низ бо он ки шеър ба таҳаввулоти чашмрасе рӯ ба рӯ шудааст, аҳамияти худро аз даст надодааст ва он ҳамвора аз ҷониби соҳибназарон таъйиду тасдиқ меёбад. Аз ҷумлаи шоирону адибон ва навоварону таҷаддудгароёни адабиёти садаи гузашта, Алии Исфандиёрӣ маъруф ба Нимо Юшич, андешаи пешиниёнро ба таври худ роҷеъ ба зарурат ва нақши калидии қофия дар шеър чунин иброз доштааст, ки: «Шеъри беқофия одами беустухон аст» [81, с.288]. Биноан, шеър дар ҳар навъе, ки ҳаст, бе қофия буда наметавонад.

Дар бораи қофия ва қонуну қоидаҳои он, назокат, нафосат, меъёру андоза, ҳарфу ҳаракоташ андешаҳои муфиду омӯзанда ва раҳнамунсоз аз ҷониби назариядонҳои гузашта ва муосир бо таълифи асару рисолаҳои алоҳида манзури ҳаводорону пажуҳандагони каломи манзум шудааст. Ҳамаи ин имкон фароҳам меорад, ки нақш ва ҷойгоҳу корбурди ин унсури зотии шеърро дар эҷодиёти ин ё он суханвар чун ашъори Ғоиб Сафарзода санҷиду баҳо дод.

Мутолиаи ашъори шоир нишон медиҳад, ки вай қофияро бо тамоми назокаташ фаро гирифта, онро моҳирона дар каломи худ истифода намуда, ҳусни суханашро таъмин кардааст. Шоир қофияро ҳам дар ашъори суннатиаш ва ҳам дар ашъори озодаш ба кор бурдааст. Аз он ҷумла дар ғазал, қитъа, рубоӣ, дубайтӣ, фард ва ғайра шоир на танҳо қонунмандии жанрҳои мазкурро дар қофияи маъмулиашон риоя кардааст, балки имконоти дохилии қофияро дар таъмин муҳтаво ва бадеияти онҳо истифода намудааст. Чунончи, дар ғазали зайл мебинем, шоир аз қофияи

муқайяд кор гирифтааст, ки бо пурбаҳо буданаш андшаҳои фавқро тасдиқ менамояд:

Менишинад, офтоб, эй **офтоби** ман, баро,

Пешвози оташ, эй қалби **кабоби** ман баро [25, с.28].

Дар ин матлаи зебо, ки чандин ҳунари суханофариниро дар худ ба ҷилва гузоштааст, қофия дар калимоти «кабобу офтоб» ҷузви «-об» ҷойгир шудааст. Дар он ҳарфи «б» равии муқайяд ва садоноки дарози «о»-радифи муфрад мебошад. Ҳамчунин дар ин байт санъати таносуб, хитоб, мураддаф, истиора ва таҷнис низ ба кор рафтааст, ки дар ин маврид баъдтар баҳс хоҳем кард. Зайли ин матлаъ дар ғазали дигар низ ба мушоҳида расид. Чунончи:

Лутфо, санамо, **шитоб** хуш нест,

Бе рӯи туам **шароб** хуш нест [25, с.27].

Қофияи ин байт дар калимоти «шитобу шароб» ҷузви «-об» ба шумор меравад. Ҳарфи «б» равӣ ва «о» ридфи муфрад мебошад.

Агар дар байти боло шоир бо калимаи қофияшуда, «хуш набудани шитоби маҳбуба» таъкид карда бошад, дар матлаи навбатӣ, ки ҳамоно қофияи  муқайяд дорад, вожаи «шитоб» аз мазмуни ишқӣ, ба мавзуи иҷтимоӣ тарҷеҳ дода, тазоди фикри худро таъмин  кардааст. Ба андешаи соҳибсухан, дар зиндагисозӣ ором набояд буд ва тавaққуф набояд кард. Барои ба мақсад ноил шудан афзудааст, соҳибсухан-«заҳмати беҳисоб мебояд кашид»:

Раҳи фардо **шитоб** мехоҳад,

Заҳмати **беҳисоб** мехоҳад [25, с.84].

Тавре ки мебинем, дар калимаҳои «шитобу беҳисоб», ҷузви «-об» решаи қофияро ташкил намудааст. Баробари оҳангнокӣ ва мусиқавият истеҳкоми шеър ва маънии онро аз ҳар ҷиҳат таъмин кардааст. Дар матлаи зерин қофияи муқайяд ва тавҷеҳ ва равӣ воқеъ гаштааст:

Чаро нуқсони ёронро **нагуфтан?**

Чаро вақте бедорем **хуфтан?** [25, с. 88]

Дар ин ҷо қофия дар калимоти «нагуфтану хуфтан» ҷузъи «–ан» мебошад, ки «н»-равӣ, «а»-тавҷеҳ мебошад. Муҳтавои ғазал бо қавофӣ сахт тавъам буда, он тобиши пандуахлоқӣ пайдо кардааст. Шоир ин навъ қофияро зиёд истифода бурдааст. Зайли ҳамин байт шоир ба мавзуи иҷтимоӣ рӯ оварда, касоне ки ба аъмоли баде чун ғайбату мардумозорӣ машғуланд, танқид кардааст:

Дар пеши ҳама **панох** ҷӯяд,

Дар пушти ҳама **гунох** ҷӯяд [25, с. 88].

Дар ин ҷо решаи қофия дар ҷузъи «-оҳ» калимоти «паноҳу гуноҳ» ҷой гирифтааст, ки «о»-радифи муфрад ва «ҳ»-ровии қофияи муқайяд бо таркиби мазкур дар ашъори шоир, аз он ҷумла ғазалиёти вай зиёд ба кор рафтааст. Қофияи муқайяд бо ҳарфи қайд чунин воқеъ шудааст:

Дӯст кӯбад гар дари мо, марҳабо, дил **танг** нест,

Нест моро чини абрӯ, дар бағал ҳам **санг** нест [25, с. 112].

Ин ҷо ҷузъи «-анг» дар калимоти «тангу санг» решаи қофияро ташкил додааст. Дар он: «а»-ҳазв, «н»-қайд ва «г»-равӣ шуда омадааст. Тавре ки аз намунаҳо маълум мегардад, шоир дар ғазалҳояш аз се навъи қофияи пурбаҳои муқайяд бо ҳуруфи ридф, қайд ва равӣ истифода кардааст.

Навъи дигари қофияро низ дар ғазалиёти шоир дарёфтем, ки он мутлақ мебошад. Соҳибсухан чун қофияи муқайяд аз қофияи мутлақ ҳам фаровон истифода кардааст. Чунончи қофияи мутлақ бо ридфи муфрад, ровӣ, васл, маҷро ва хуруҷ:

Кӯҳ шуд аз **пойдориаш** бузург,

Чашма шуд аз **беқororиаш** бузург [25, с. 89].

Дар ин байт ҷузви «-ориаш», ки дар калимоти «пойдориашу беқарориаш» ҷой дорад, решаи қофия маҳсуб меёбад ва «о»- ридфи муфрад, «р»-равии мутлақ, «и»-васл, «а»-маҷро ва «ш»-хуруҷ аст. Қофияи мутлақ бо ҳуруфи ровӣ, васлу хуруҷ:

Рафта то яхдон ба **ҷояш** мерасад.

Сад шикоят аз **қафояш** мерасад [25, с. 114].

Ин ҷо ҷузъви «-ояш» решаи қофия буда, «о»-равӣ, «я»-васл аст, «ш»-хуруҷ аст. Шоир ба ин навъ қофия таваҷҷуҳи бештар зоҳир карда, онро дар фарду ғазал ва анвои дигари шеъриаш истифода бурдааст. Таҳқиқот нишон медиҳад, ки шоир танҳо аз ду навъи қофияи мутлақ дар ғазалҳояш кор гирифтааст. Дар маҷмуъ, вай зиёда аз панҷ навъи қофияи пурбаҳои муқайяд ва мутлақро дар ғазалиёташ истифода намуда, ҳунари қофияоропияшро ба намоиш гузоштааст. Дар дигар анвои шеъри суннатӣ, ки зикраш дар фавқ рафт, мисли қитъаву рубоиву дубайтиву маснавӣ ва ғайра ваҷҳи аҳсани корбурди қофияро мушоҳида намудаем, ки барои суханро ба дарозӣ набурдан аз овардани ҳамаи онҳо худдорӣ мекунем.Ончунонки дар боло таъкид шуд, шоир қофияро ба ғайр аз ашъори суннатӣ, дар шеърҳои озодаш низ истифода кардааст. Ҳарчанд ки онҳо чун ашъори қаблӣ бонизому бомарому мураттабии комил надоранд, аммо ҳамоно қофия вазифаи аслии худро иҷро кардааст. Шоир дар шеъре, ки «Ҷаҳони хешро дарёб» унвон дорад, аз қофияи муқайяду мутлақ кор гирифтааст ва барои мисол чанд мисраи онро чун намуна бозингарӣ мекунем:

Ба дунё омадӣ як **бор** ту,
Хушбахту хандон бош.
Ба даври бахти худ пайваста чун **паргор** гардон бош [25, с. 83].

Дар ин ҷо калимоти «бору паргор» ва «хандону гардон» ба ҳайси қофияи муқайяд хизмат карда, мазмун ва мусиқии шеърро таъмин сохтааст. Дар ҷуфти аввали калимаҳои зикршуда ҷузви «-ор» ва дар ҷуфти баъдӣ ҷузви «-он» решаи қофия шудааст, ки: «о»-барои ҳарду ҷузв ридфи муфрад ва ҳуруфи «р» ва «н»- равии муқайядро ташкил додааст. Ба ин минвол, шоир дар истифодаи қофия бисёр моҳир буда, аз ҳеҷ имконоти шаклсозӣ, маъниофарӣ ва мусиқавияту оҳангэҷодкунии қофия фурӯгузорӣ накардааст.

## 3.3.Нақши радиф дар ашъори шоир

Маъмулан аз унсурҳои дигари шеъри тоҷикӣ радиф ба шумор меравад, ки чун қофия дар бадеияти каломи мавзун хизмат мекунад. Агарчи назариядонҳои мо нақши радифро дар шеър дуюмдараҷа донистаанд, вале корбурди ҳунармандонааш ҷои онро возеҳтар нишон додааст.

Шеъре, ки бо радиф эҷод шудааст, мороддаф номидаанд. Он хушоҳанг, мутантан ва аз нигоҳи маънӣ ва бадеият низ мушаххасу музайян аст. Бо дарки ин маънӣ ва табиату зарфияти хоси забони тоҷикӣ шоирони мо аз даврони кӯҳан то кунун ашъори худро бо радиф зебу оро дода, мусиқӣ, бадеият ва равонию гӯшнавозии шеърашонро таъмин намудаанд. Ғоиб Сафарзода низ дар радифи шуарои боистеъдоду аз табиати забону шеъри тоҷикӣ огоҳ бомасъулият ва ҳунармандӣ аз радиф фаровон истифода кардааст, ки наваду ҳафт дарсади ашъори гуногунжанри адибро фаро гирифтааст.

Радифҳои ашъори шоир аксар аз як калима, таркиб ва баъзан, иборау ҷумла ва мисраи том ташкил ёфтааст. Чунончи: “ман, кардай, шуд, аст, гардад, канорат, менамуд, ту, дилҷӯ, медод, медӯхт, не, омадам, дорад, шавад, руд, мегирифт, нашуд, хешро, меравам, кардаанд, мебарам, шумо, Ватан, гузорам, ӯ, рӯз, оварам, мешавад, нест, омадааст, механдад, дод, мешавӣ, шояд, офаридем, боз мехоҳад, чӯҷа, мерасад, чӣ? гузашт, меояд, кӯҳ, мемонӣ,бирасон, боқист, омадан, дареғ, бошад, ҳаргиз, ҳеҷ, ҳама, гирист ва ғайра.

**Намунаҳо:**

Бо ту ёро, гар шавам ҳамроз **ман,**
Мот мегардам ба пешат боз **ман** [25, с. 32].
Дӯст кӯбад гар дари мо, марҳабо, дил танг **нест,**
Нест моро чини абрӯ, дар бағал ҳам санг **нест** [25, с. 112].
Дар кӯчаи бекасӣ фитодам? **Ҳаргиз!**

Дар аз раҳи гушнагӣ кушодам? **Ҳаргиз!**
З-ин маснади бахт, ки маро шоҳӣ дод,
Сарбони шафиқи худ надидам? **Ҳаргиз!** [25, с. 137]
Кӯдак ба дурӯғ гӯш нанҳоду **гирист,**
Ду чашми сияҳ, ба роҳи дар доду **гирист.**
Гуфто: Падарам куҷост? Кай меояд?
Дид об ба чашми модар, афтоду **гирист** [25, с. 143].

Тавре ки мебинем, шоир радифҳояшро чунон ба муҳтаво ва бадеияти шеъраш тавъам кардааст, ки онҳоро ҳаргиз ҷудо намудан мумкин нест.

Агар амдан ин амал иҷро шаваду ашъори мураддафи шоир муқаффо мутолиа гардад, ҳам маънӣ ва ҳам шакл ба таври ҷиддӣ халал меёбад. Истеҳкоми радиф бо тамоми аҷзои шеър, ба вижа робитаи он бо қофия ва муҳтаво аз вижагиҳои радифофаринии Ғоиб Сафарзода маҳсуб меёбад.

Ин ҷо дар мисоли аввал бо радифи «ман» ҳолати ошиқ тасвир ёфтааст, дар мисоли дуюм, бо радифи «нест» саховату дасткушодӣ ва меҳмоннавозии тоҷикона васф шудааст. Дар мисоли сеюм, бебокию родмардӣ ва қаноату шикваи соҳибсухан бо радифи «ҳаргиз» тасдиқу таъйид гардидааст. Дар мисоли чорум бошад, шоир як манзараи ҳузновари фарзанди пазмони падарро бо модараш ба риштаи тасвир кашида, ҳолати тоқатфарсои онҳоро бо радифи «гирист» хеле олӣ ба хонандаи худ расондааст.

Ҳамчунонки таъкид шуд, радифороии шоир бо ин маҳдуд нашуда, он дар шакли таркибу ибора ва аз он ҳам зиёда зикр гаштааст: “бо ишқу умед, то кай, бояд буд, чӣ хуш, дорӣ ту кунун, биншинам ҳанӯз, нигорам аст, ҷӯён шав, эй Ватани ман, хеш будан хуб нест, хоҳем кард, хоҳӣ монд, намегардад ҳеҷ, хуш бош, хуш бошад, хӯ гирифтам, мекунам ман, мебарад дил, ҷон бубахшад, эй офтоби ман баро, бас аст, зорӣ ту кунун, биншинам ҳанӯз, нигорам аст, дур хостам” ва ғайра. Вижагие, ки дар радифҳои содаи шоир дида шуд, дар радифҳои тафсил ёфтаи вай боз ҳам таҳким ёфтааст. Онҳо дар мазмунсозӣ, баёни андеша, мушаххасии фикр, рӯшан гаштани

ғояи сухан, оҳангу мусиқавият бештар таъсиргузор шудаанд. Чунончи, шоир ба таркиби мухтареи худ «бо ишқу умед» ғазали зебоеро эҷод кардааст, ки саршори маънӣ ва бадеияту оҳанг аст:

Зиндагӣ зебост бо **ишқу умед**,

Қатра чун дарёст, бо **ишқу умед** [25, с. 125].

Бо ин соҳибсухан гуфтааст, ки зебогиҳои зиндагиро танҳо бо «ишқу умед» метавон дарёфт кард ва ҳатто бо ин дарича нигаристан ба он ба таъбири шоир: «қатраро мисли дарё» ҷилвагар месозад. Ҳамаи ин маъниҳои бикр ва нишонрасу ҷолиб бо ҳамон радифи эҷодкардаи шоир манзур шудааст, ки бозгӯкунандаи ҳунари волои суханвар мебошад.

Радиф дар ашъори озоди шоир низ нақши калидӣ бозидааст. Масалан, вай дар мисраъҳои зайл барои таъкиду мушаххасии фикри худ ва таъмини хушоҳангии шеъраш радифи ҷолиби «эй Ватани ман»-ро хеле бамаврид ба кор бурдааст:

Парвардаи эҳсони **туам, эй Ватани ман,**

Ту пайкару ман ҷони **туам, эй Ватани ман** [25, с. 118].

Бояд бигӯем, ин мисраъҳо дорои ду радиф мебошанд, ки яке дар боло зикр шуд ва дигаре дар ифодаи «туам» мушаххас гаштааст. Радифи аввал ба туфайли ҳамин радиф эҷод гардида, он маънии аслии шеърро нишонрасу муайяну мушаххас кардааст. Дар як шеър ба кор бурдани ду радифи мустақил ва аз тарафи дигар ба маврид бисёр нодир мебошад.

Дар дубайтии зерин шоир бо радифи «мебарад дил» ба дарёфти маънии ҷолибе даст ёфтааст. Чунончи, ӯ мегӯяд:

Маро манзил ба манзил **мебарад дил,**

Зи дарёям ба соҳил **мебарад дил.**

Ба сӯи қуллаҳои дури мақсуд,

Маро бо роҳи комил **мебарад дил** [25, с. 148].

Шоир бо ин дилро маркази маърифати зиндагӣ, дуркунандаи мушкилот, роҳнамункунандаи роҳи дурусти расидан ба мақсуд муаррифӣ намудааст. Зиёд ба назар мерасад, ки шоирон чи дар гузаштаю имрӯза аз

«дил» нолидаанд, вале Ғоиб Сафарзода онро ба тарзи худ васфу ситоиш кардааст, ки дар тавлиди афкори бикри шоир, албатта нақши радиф хеле бориз аст.

Хулоса, Ғоиб Сафарзода аз радиф ҳамчун унсури иловагии шеър не, балки чун унсури муассиру асосии шеъри тоҷикӣ истифода карда, каломашро бикр, пурмаънӣ, хушоҳанг, бадеъ, нишонрас, мушаххас, солиму ҷамъбастшуда ва том манзури хонанда намудааст.

## 3.4.Ҷойгоҳи санъатҳои бадеӣ дар ашъори Ғоиб Сафарзода

### 3.4.1. Санъатҳои маънавӣ

Аз омӯзиш ва таҳқиқи таърихи адабиёти муосири тоҷик бармеояд, ки шоирон ашъори худро бо саноеи гуногуни бадеӣ, аз ҷумла санъатҳои маънавию лафзӣ ва ғайра зинат додаанд, то ки шеърашон шаклан ва мазмунан зебову дилкаш бошад.

Зикр кардан бамаврид аст, ки шоир қабл аз он ки санъатҳои балеиро дуруст истифода карда тавонад, бояд диққати худро ба таносуби сухан равона созад. Чунки таносуби сухан дар маъниофаринии эҷодкор ва таҳқиқи шаклии он мисли сутуни устуворе хидмат менамояд.

Турақул Зеҳнӣ дар асари арзишманди хеш «Санъатҳои бадеӣ дар шеъри тоҷикӣ» роҷеъ ба таносуби сухан чунин нигоштааст: «Асоси ҳамаи санъатҳои бадеӣ бар таносуби сухан аст. Риояи муносибати сухан ва алоқаву робитаи мафҳумҳо асоси мантиқии образи бадеиро ташкил намуда, моҳияти ғоявии онро ба хонанда мерасонад» [80, с. 31].

Мавсуф дар китоби дигари худ «Санъати сухан» низ оид ба ин масъала чунин овардааст: «Шоир дар як байт калимаҳоеро зикр мекунад, ки ба эътибори маъно ба ҳамдигар алоқадор бошанд ва зикри яке дигареро лозим меорад; масалан агар дар як байт моҳ зикр ёбад, хиргоҳ (ҳола), доғ, шаб ва мисли инҳо низ оварда мешавад; агар дарё зикр ёфта бошад, албатта яке ё чанде аз калимаҳои қаринагии «қаър», «дурр», «садаф», «марҷон», «ғаввос», «киштӣ», «мавҷ» ва монанди инҳо ҳам зикр мешаванд; агар гул баён ёбад, лозим аст, ки булбул, хор, чаман, гулистон ё рангу бӯ зикр ёбад; ё ки сарв оварда шуда бошад, қумрӣ, фохта, сарсабзӣ, қадди ёр, ростӣ барин калимаҳои муносиб ва алоқадор зикр меёбанд ва ҳоказо» [81, с. 42].

Санъати таносуби сухан қариб дар тамоми шеърҳои Ғоиб Сафарзода ба назар мерасад. Барои исботи ин сухан ба байти зерин таваҷҷуҳ мекунем:

Чаро парвоз кардан дар фазои худписандиҳо?

Ба пастиҳо назар андохт бояд аз баландиҳо [25, с. 110].

Чунонки мебинем, калима ва таркибҳои дар ин байт овардашуда ба якдигар алоқамандии маъноӣ доранд. Масалан, калимаҳои «парвоз» бо «фазо», «пастиҳо» бо «баландиҳо», «дар фазои худписандиҳо» бо «ба пастиҳо назар андохтан», «фазо» бо «пастӣ» ва ғайра байни ҳам алоқамандии қавӣ доранд, ки овардани яке дар матн омадани дигареро тақозо мекунад.

Ҳамин гуна таносуби суханро дар байти дигари шоир низ мушоҳида мекунем. Чунончи:

Шуд бурун хуршед, аммо бесухан,

Бо табассум карда равшан роҳи ман [25, с. 46].

Тибқи таърифи ба таносуби сухан додаи муаллифи «Санъати сухан» дар байти боло низ калимаҳои ба ҳамдигар муносибатдошта низ вуҷуд доранд. Масалан, калимаҳои «хуршед» бо «равшан», «бесухан» бо «табассум», «равшан» бо «роҳ», таркибҳои «шуд бурун» бо «кард равшан», алоқамандии маъноию мантиқӣ доранд.

Ба ин минвол, дар шеърҳои шоир санъатҳои бадеии зиёд, ба монанди ташбеҳ, истиора, тавсиф, талмеҳ, таҷнис, тазод, муболиға, ирсолулмасал, иҳом истифода шудаанд.

Дар ин васат, Ғоиб Сафарзода дар шеърҳояш санъати ташбеҳро бештар мавриди истифода қарор додааст. Туракул Зеҳнӣ ин санъати шеъриро дар осори худ «Санъати сухан» чунин таъриф намудааст: «Ташбеҳ монанд кардан аст. Нависанда барои равшантар тасвир кардани чизе гоҳо ягон хусусияти онро ба ягон хусусияти чизи дигар монанд мекунад. Вале дар миёни монандшаванда ва монандкунанда аз рӯи сифат, ё хусусият, ё кирдору атвор – аз ягон ҷиҳат бояд як навъ монандие мавҷуд бошад. Ташбеҳ дар роҳи барҷаста ва зебо ифода намудани ягон лавҳаи бадеӣ хизмат мекунад» [81, с. 42].

Ҳамчунин муаллифони «Луғати истилоҳоти адабиётшиносӣ» низ роҷеъ ба санъати бадеии ташбеҳ маълумот дода, аз ҷумла чунин таъкид

кардаанд: «Шоир барои он ки ба хонанда бо ҳиссиёту ҳаяҷонаш бештар таъсир расонад ва фикрҳояшро равшану рехта баён намояд, чизи тасвир мекардагиашро ба ягон ҳодисаи воқеӣ ё ҷисми ҳисшаванда монанд мекунад. Дар натиҷа шоир бо як ибораи кӯтоҳ маънои бузургеро баён менамояд» [45, с. 114].

Ғоиб Сафарзода низ чун дигар шоирони гузаштаву муосири худ дар қатори аз хусусиятҳои хоси санъати ташбеҳ бохабар буда, онро дар осораш моҳирона истифода бурдааст. Барои исботи ин гуфтаҳо дар поён чанд байти шоирро, ки дар онҳо санъати ташбеҳ мавҷуд аст, мисол меорем:

Як дилбари нозпарвар омад,
Бо рӯи чу **маҳ** зи дар даромад [25, с. 30].

Дар байти боло шоир рӯйи дилбари нозпарвари аз дар даромадаро ба моҳ монанд карда, шеъри худро образнок намудааст. Дар он калимаҳои «рӯ» ташбеҳшаванда, «моҳ» ташбеҳкунанда ва вожаи «чу» ёридиҳандаи монандӣ, равшанию зебогии рӯ бо маҳ ваҷҳи ташбеҳ мебошанд. Дар байти поён шоир дили дилбарашро ба шишаи пок монанд карда, ки дар паҳлӯи ӯ шодону хандон омада нишастааст:

Бо дили чун **шиша покаш** дилбарам,
Барнишаст имрӯз шодон дар барам [25, с. 31].

Дар байти зерин низ санъати бадеии ташбеҳ хеле моҳирона истифода гардидааст. Шоир бо истифода аз калимаҳои «рӯд», «нағмахон», «пуршӯр» ва «паҳлавон» як манзараи хеле зебои шоиронаеро пеши назар ҷилвагар намудааст:

Аз канори қуллаҳои кӯҳ **рӯди нағмахон,**
Бо дили **пуршӯр** ҷорӣ мешавад чун **паҳлавон** [25, с. 56].

Дар байти боло, шоир рӯдро ба шахси нағмахон, бо дили пур аз шӯру шавқ ва ҳамчун паҳлавоне монанд кардааст, ки ташбеҳи басо зебоест. Дар ин ҷо калимаи «рӯд» ташбеҳшаванда, вожаҳои «нағмахон», «пуршӯр» ташбеҳи пӯшида, калимаи «паҳлавон» ба сифати ташбеҳи равшан ва калимаи «чун» ба ҳайси калимаи ёридаҳандаи ташбеҳ омадааст.

Муҳимтарин вижагии ташбеҳофаринии шоир ин аст, ки онҳо зеҳнгиранду равшан ва ташбеҳшавандаву ташбеҳкунандаҳо ба ҳам таносуби хуби маъноӣ доранд. Ба ин хотир, дар шеъри шоир ташбеҳоти мубҳаму тахайюлӣ ва танаввуи он ба назар намерасад.

Санъати дигари маънавие, ки бо ташбеҳ робитаи қавӣ дораду муҳаққиқон онро як навъи ташбеҳи пӯшида номидаанд ва дар ашъори Ғоиб Сафарзода зиёд ба кор рафтааст, истиора мебошад.

Ин санъати бадеиро Туракул Зеҳнӣ дар китоби «Санъати сухан» чунин тавсиф намудааст: «Истиора дар луғат ба маънои ба орият гирифтани чизе меояд, вале дар адабиёт як намуди маҷоз буда, ба ҷои як калима истифода шудани калимаи дигар мебошад» [81, с. 83]. Ба намунаи зайл таваҷҷуҳ мекунем, ки тавассути санъати истиора ороиш ёфтааст:

Менишинад офтоб, эй офтоби ман, баро,
Пешвози оташ, эй қалби кабоби ман, баро [25, с. 28].

Шоир дар ин ҷо ибораи «офтоби ман» ва вожаи «оташ»-ро ба ҷойи калимаи «дилбар» ва таркиби «қалби кабоби ман»-ро ба ҷойи «ошиқи сӯхтадил» кор фармудааст. Бо ин шоир, гуфтан мехоҳад, ки «эй дилбари мисли офтоб гармрӯю зебо пас аз ғуруби офтоб ту ба назди ошиқи дилсӯхтаи худ баро». Шоир дар ин байт, маъшуқаи офтобрӯи худро пас аз нишастани офтоб ба пешвозаш баромаданро хоҳиш намудааст, ки хеле сухани зебову шоирона мебошад.

Дар поён ба ҳамин монанд боз як байтеро роҷеъ ба санъати истиора намуна меорем:

Нарав, эй оҳуи ваҳшии зебо,
Ман аз осудагиҳо нома дорам [23, с. 176].

Чуноне ки мебинем, шоир дар ин байт таркиби «эй оҳуи ваҳшии зебо»-ро ба маънои аслиаш наоварда, балки онро ба маънои истиоравии худ-«ёри рамандаи зебо» истифода намудааст. Бо ин шоир, гуфтанист, ки «эй ёри даргурези зебо, аз пеши ман зуд нарав ва мутмаин бош, ки ман аз оромию осудагиҳо барои худ номаи тасдиққунандае дорам».

Ҳамчунин яке аз вижагиҳои шеъри Ғоиб Сафарзода дар он зоҳир мегардад, ки ӯ ашъорашро бо унсурҳои табиат омезиш медиҳад ва дар ин замина тасвирҳои шоирона месозад. Гарчанде бештари ин тасвирҳо воқеӣ намоён шаванд ҳам, вале мавҷудияти унсурҳои табиат чун падидаи нав ҷилвагар шуда, шеърияту бадеияти ашъори шоирро таъмин намудааст.

Дар поён доир ба истиора боз байти дигареро мавриди таҳлил қарор медиҳем:

Ман аз бедардии гул дардмандам,
Ки сӯзи нолаи булбул надонад,
Ман аз булбул гиребонгир ҳастам,
Ки сози аллаи модар нахонад [25, с.149].

Ғоиб Сафарзода дар байти мазкур ба ҷойи ёри бепарво таркиби «бедардии гул» ва ба ҷойи оҳу фиғони ошиқ калимаҳои «сӯзу нолаи булбул»-ро оварда, ҳамин тариқ сухани худро зинат додааст. Шоир дар ин ҷо мазмунеро овардааст, ки қаҳрамони лирикӣ аз ёри бедарду бепарвои худ дар ранҷу азоб аст, вале ӯ аз сӯзу гудоз ва дарду оҳи ёри худ огоҳӣ надорад. Дар ин байт дар баробари санъати истиора, инчунин санъати таносуби сухан низ дида мешавад. Калимаи «гул» ба «бедард» ва вожаи «булбул» ва «сӯз»-у «дард» «нола» муносибати мантиқӣ доранд. Ҳамчунин калимаҳои «бедардӣ» ба маъноҳои беҳиссу ноогоҳу бепарво, «дардманд» ба ҷойи дар тааҷҷуб мондан ва калимаи «надонад» низ ба маънои ҳис накардан, бехабар будан ҳам омадааст, ки дар маҷмуъ ҳамаи калимаҳои зикршуда дар баробари маънои аслӣ, инчунин маъноҳои истиоравиро низ доранд.

Аз осори шоир оид ба санъати муболиға низ мисолҳои зиёдеро овардан мумкин аст. Дар «Санъати сухан»-и Т. Зеҳнӣ доир ба санъати муболиға чунин омадааст: «Гоҳе нависанда дар тасвир ва ситоиши чизе аз ҳадди табиӣ ва аслӣ мебарояд, онро калонтар ва ё хурдтар карда нишон медиҳад, дар таъриф ба болотарин нуқта мебардорад ва ё ин ки ба пасттарин дараҷа мефурорад, ки ин ҳолати тасвир муболиға ном дорад» [81, с. 92]. Бобати исботи ин гуфтаҳо дар поён аз ашъори Ғоиб Сафарзода

чанд байтеро, ки дар онҳо санъати муболиға истифода шудаанд, намуна меорем:

Ман гули оташ магар, ки бод хомӯшам кунад?
Қатраи шабнам, ки Хуршед ояду нӯшам кунад? [25, с. 63]
Ҳарчанд, ки кӯҳи аламаш дошт гаронӣ,
Аз панҷаи тӯфон-ш бишуд майдаву талқон [25, с. 36].

Тавре ки мебинем, шоир дар ин абёт аз санъати муболиға кор гирифта, сухани худро обуранги бадеӣ бахшидааст. Қаҳрамони лирикӣ дар байти аввал худро «гули оташ» ва «қатраи шабнам» донистааст, ки ташбеҳи тафзил аст ва асли муболиғаро доро мебошад. Дар байти дуюм, низ қаҳрамони лирикӣ ғаму алами дили худро ба кӯҳи гарон монанд кардааст, ки «панҷаи тӯфони маъшуқа” онро зада, «майдаву талқон» кардааст. Шоир барои таъсирбахшу нишонрас шудани каломи хеш гоҳ-гоҳе аз санъати муболиға истифода намудааст.

Туроқул Зеҳнӣ дар китоби хеш санъати тавсифро чунин тавзеҳ додааст: «Нависанда барои тасвир кардани ягон воқеа, касе ё чизе гоҳе сифатеро меорад, ки яке аз муҳимтарин хусусиятҳои он воқеа, он касе ё чизеро хеле барҷаста нишон медиҳад. Ҳамин гуна муайянкунандаи бадеӣ, ки муҳимтарин хусусияти ҳодисаро таъкид менамояд, тавсиф номида мешавад» [81, с. 96]. Дар ашъори Ғоиб Сафарзода санъати бадеии тавсиф фаровон ба назар мерасад. Ӯ санъати мазкурро бештар дар таърифу ситоиши Ватан, зодгоҳ,  арзишҳои миллӣ, маъшуқа ва ранҷу азобҳои кашидаи қаҳрамони лирикӣ истифода кардааст.

Ғоиб Сафарзода дар осори худ санъати адабии сифатчиниро низ фаровон кор фармудааст. Санъати сифатчинӣ аз ҷониби Т. Зеҳнӣ чунин таъриф гардидааст: «Баъзан, барои тавсиф ва тасвири касе ё чизе ба таври болобардорӣ ва ё роҳи сарзаниш сифатҳои муносиб барои як мавсуф қатор чида мешавад, ки ин ифодаро қувват медиҳад. Ин гуна санъатро, ки сифатҳо паси ҳам чида шудаанд, дар осори балоғати классикӣ танқиси сифот меноманд, ки маънояш сифатчинӣ гуфтан аст» [81, с. 97].

Дар ашъори шоир санъати сифатчинӣ зиёд ба назар мерасад ва мо дар поён чанд байти дар ин санъат эҷодкардаи ӯро намуна меорем:

Бигзор, ки имшаб ҳама шодӣ бинамоянд,
Нӯшанду хурӯшанду биракҷанду сароянд [25, с.50].
Меравам аз пеши ёрону рафиқон, меравам,
Ханда бар лаб, дил ҳазин, хотир парешон меравам [25, с. 46].

Шоир дар абёти боло сифатҳои амалии аҳли маҳфили имшабаро, ки аз «шодӣ бинамоянд, нӯшанд, хурӯшанд, биракҷанд ва сароянд» иборатанд, дар як байт паси ҳам оварда, хушоҳангию таъсирнокии онро таъмин намудааст.

Дар ашъори Ғоиб Сафарзода дар баробари тазмини байту мисраъҳои шоирони классикиву муосири тоҷик, шоирони ҷаҳон, инчунин ба сифати талмеҳ истифода кардани исми пайғамбарону шоирон, симоҳои асосию ғайриасосии достонҳои ишқӣ, ҳамчунин номи шаҳру мамлакатҳо, мавзеъҳои ҷуғрофӣ, шахсиятҳои асотирию таърихӣ, китобҳо, ҳадисҳои набавӣ, сураҳои «Қуръон» низ ба назар мерасанд.

Қабл аз он ки доир ба санъати талмеҳ сухан ронем, зарур медонем, ки аввал таърифи онро ёдрас намоем. Дар «Луғати истилоҳоти адабиётшиносӣ» санъати шеърии талмеҳ чунин шарҳ ёфтааст: «Талмеҳ (ар. – ҷастани барқ; як назар андохтан) – аз санъатҳои маънавист ва он иборат аз он аст, ки шоир бо як ишора маънии чуқур ва баландро ифода мекунад. Фарқи талмеҳ аз санъатҳои истиора, ташбеҳ ва ғайра ин аст, ки шоир бештар ба воқеаҳои таърихӣ, асотирӣ, ба номҳои шахсони барҷаста ва осори онҳо  ишора намуда, ба ин восита ба тарзи муҷаз фикри худро қувват ва тавсиа медиҳад» [45, с. 105].

Аз таърифи дар боло овардаамон маълум мегардад, талмеҳ як навъи санъати маънавӣ буда, шоирон тавассути он ба воқеаҳои таърихӣ, асотирӣ, номи шахсони барҷаста ва осори адибон ишора карда, фикри худро тақвият ва тавсиа медиҳанд.

Дар рубоии зайл шоир аз талмеҳ кор гирифта, дар он ба номҳои Рӯдакӣ, Фирдавсӣ, «Шоҳнома» ва Саъдӣ бамаврид ишора намуда, каломашро зебу оро додааст:

Шеъре, ки зи дил дамид, фарёди дил аст,
Фарёди дамидае зи бунёди дил аст.
Мо Рӯдакию Саъдипарастем ҳама,
Дилбастаю «Шаҳнома»-парастем ҳама [25, с.142].

Аз санъатҳои дигари маънавӣ, ки дар эҷодиёти шоир нақши калидӣ ва истифодаи васеъ дорад, санъати саволу ҷавоб мебошад. Санъати мазкурро Туракул Зеҳнӣ чунин шарҳ додааст: «Яке аз санъатҳои бадеӣ суолу ҷавоб буда, барои ифодаи эҳсосоти қалбӣ воситаи хубест, ба шарти он ки суолу ҷавобҳо дар сурати мантиқӣ, нозук ва нуктасанҷона воқеъ шаванд» [81, с. 114].

Ғоиб Сафарзода дар натиҷаи мутолиаи осори шоирони гузаштаву муосири тоҷику форс ва навиштаҳои шоирони ҷаҳонӣ шеъри оливу пурмазмун, волову замонавиро аз шеърҳои берӯҳу каммоя хуб фарқ карда метавонист. Ҳамин гуна дарки шеърфаҳмӣ ӯро водор мекард, ки шеъри навиштааш дархӯри замону писанди завқи хонанда бошад.

Шоир кӯшиш менамуд, ки дар ҳар як шеъри навиштааш ягон навигарӣ, ягон фикри нав ё сухани тозае ворид намояд, ҳангоми эҷод аз такрори сухани дигарон ва аз умумигӯӣ парҳез мекард. Ҳар шеъре ки мегуфт, ҳатман дар он ягон чизи тозае ба назар мерасид. Барои исботи ин сухан порчаи шеърии зеринро мисол меорем, ки он дар заминаи санъати шеърии суолу ҷавоб иншо гардидааст:

Додарам гуфто: – Ако, кист ин бигӯ?
Дар китобам суратеро дида ӯ.
Гуфтамаш: – Ин Рӯдакии муътабар,
Шахси доно, хоксору номвар [25, с. 14].

Шеъри дар боло овардаамон пурра ба талаботи ин санъати шеърӣ ҷавобгӯст. Дар мисраъҳои якуму дуюми шеър агар суоли пурсанда аз

сурати дар китоб дидааш дарҷ гардида бошад, дар мисраи сеюму чорум ҷавоби суол оварда шудааст.

Ҳангоми мутолиаи ин порчаи шеърӣ хонанда даврони кӯдакии худ ва наздикони хешро пеши назар меоварад, ки аксаран кӯдакон ба ҳар чизи ба назарашон аҷибу ҷолиб, бавижа ба калонсолон бо пурсише муроҷиат мекунанд ва мехоҳанд то дар бораи он чиз бештар маълумот ҳосил намоянд. Ғоиб Сафарзода низ ҳамин ҷиҳати масъаларо пеши назар оварда, шеъри болоро дар заминаи санъати шеърии суолу ҷавоб эҷод кардааст, ки ҷанбаи тарбиявию ахлоқӣ низ дорад.

Санъати тааҷҷуб низ дар эҷодиёти шоир мавқеи намоён дорад ва он барои ибрози андешаҳои ӯ фаровон истифода гардидааст:

Духтари тоҷик обам кардаӣ,
Оташӣ оё? Кабобам кардаӣ [25, с. 52].

Ғоиб Сафарзода, ки худ шоири тасвиргаро буд, бинобар ӯ бештар ба мазмуну манзараофарӣ майл дошт ва кӯшиш менамуд, ки шеърҳояш шаклан ва мазмунан зебо бошанд.

Хулоса, аз иқтибосҳои дар боло овардаамон маълум мегардад, ки Ғоиб Сафарзода дар эҷодиёти худ аз санъатҳои шеърӣ фаровон истифода карда, ба ин восита каломи худро музайяну рангин намудааст. Таҳқиқи таносуби сухан, корбурди вофири ташбеҳоти рӯшан, истифодаи сареҳи истиора, талмеҳ, тавсиф, сифатчинӣ, муболиға ба ҳунари суханофарии шоир далолат мекунад.

### 3.4.2. Санъатҳои лафзӣ

Маълум аст, ки қисмати дигари санъати суханофариниро ороиши лафз-хушоҳангию тафаннуноти адабӣ ташкил мекунад. Агарчи ин гурӯҳи саное суханофаринӣ ба ороиши сохтории шеър бештар сару кор мегиранд, аммо нақши онҳо дар таъмину бадеияти сухани бадеӣ камтар аз санъатҳои маънавӣ нест. Санъатҳои лафзӣ низ чун санъатҳои маънавӣ теъдоди зиёде

дорад, ки онҳоро ҳар эҷодкор мувофиқи табъу завқ ва донишу биниши худ дар шеърaш истифода мебарад.

Дар ашъори Ғоиб Сафарзода мо зиёда аз нуҳ навъи марғуби санъатҳои лафзиро пайдо кардем, ки ҳар яке аз онҳо дар баробари тафаннуноти каломи шоирро таъмин кардан, нақши созгореро дар баёни андешаи ӯ гузоштаанд. Аз ҷумлаи онҳо: тарсеъ, таҷнис, зуқофиятайн, ҳоҷиб, такрор, баргардониш, илтизом, иштиқоқ ва ғайра мебошад.

Тарсеъ вожаи арабӣ ва маънояш ҷавҳар ба ришта кашидан мебошад. Дар истилоҳ санъати лафзиест, ки дар мутавозию баробару ҳамшакл эҷод кардани калимоти ду мисраи байт мушаххас шудааст. Намунаи шеъре, ки бо ин санъат суруда шудааст, дар эҷодиёти Ғоиб Сафарзода хеле зиёд аст. Байти зайл намунае аз онҳост:

Дар корам аз ӯ барор дидам,
Дар умрам аз ӯ баҳор дидам [25, с. 36].

Манзури шоир аз ин байт, замони созгори зиндагиаш мебошад, ки ба хонандааш хабар додааст. Ин як навъ ризоияти вай аз умри рӯ ба баҳор ва кори рӯ ба барораш арзёбӣ гаштааст. Барои баён шудани ин матлаб шоир калимаҳоро паси ҳам бо як шаклу баробарии мувофиқ ҷобаҷогузорӣ карда, тарсеъи пурраро ба вуҷуд овардааст. Ва дар байти дигар, шоир хонандагонро ба пешсафӣ, бедорӣ, собитқадам будан дар зиндагӣ даъват намуда, мисраъҳои мусарраъи зебоеро манзур кардааст:

Ҷарас шав корвони зиндагиро,
Нафас шав ҷисму ҷони зиндагиро [25, с. 21].

Ин ҷо мисраи аввал бо мисраи дуюм мутавозину ҳамшаклу мураддафу муқафоянд. Ҳатто санъати ҳоҷиб низ дар ин байт ба кор рафтааст. Албатта, ба ҳам овардани ин саноеъ аз муҳимтарин вижагиҳои тарсеъ аст, ки шоир аз он кор гирифтааст ва шаклро ба тарзи табиӣ тобеи маънӣ сохтааст.

Дар байти навбатӣ шоир бо масореи тарсеъкардааш ба суроғи дигарбораи дилбараш рафта умедворонаю муштоқона фармудааст:

Туро ман боз хоҳам кофт, эй дилбар,

Туро ман боз хоҳам ёфт, эй дилбар [25, с. 80].

Амиқрафти адабии шоир дар корбурди санъат мавриди назар то ҳаддест, ки калимоти мисраи аввал ба истиснои «кофту ёфт», ки он ҳам қофия аст, дар мисраи дуюм такрор шудаанд ва бисёр хушоҳангу бомаънӣ ва самимӣ баромадааст. Дар байти баъдӣ низ шоир санъати тарсеъро дар баёни эҳсоси отифии қаҳрамони лирикиаш истифода намуда, аз ёраш даъвии омадану дидорбинӣ кардааст. Чунончи:

Биё, ки интизорат ин дил, охир.

Биё, ки шуд фигорат ин дил охир [25, с. 110].

Ин ҷо низ чун байти фавқ ҳамаи калимаҳо ба истиснои «шуд», ки дар вазн бо «фигор» ҳамроҳ аст, якхела ва муқафову муроддафанд.

Аз намунаҳо аён мегардад, ки шоир дар корбурди санъати лафзии тарсеъ маҳорати воло нишон дода, ба таври ба худ хос ва ниҳоят табиию мувофиқи матлаб шаклро бо маънии бикр тавъам сохтааст.

Таҷнис низ чун санъати лафзӣ дар шеъри шоир истифода шудааст. Агарчи ин санъат анвои зиёде дорад, вале Ғоиб Сафарзода танҳо ду навъи онро зиёд писандида ба кор бурдааст, ки яке таҷниси том ва дигаре таҷниси зоид мебошад. Ба намунаҳои зерин таваҷҷуҳ мекунем, ки калимаҳои ҳамшаклу маънои мухталифдоштаро дар баёни андешаи шоир чӣ нақше гузоштаанд:

Менишинад офтоб, эй офтоби ман, баро,

Пешвози оташ, эй қалби кабоби ман, баро [25, с. 28].

Дӯстонро мекунем оғӯш ҳангоми сафар,

Хайр мегӯям, ба роҳи хайру эҳсон меравам [25, с. 46].

Сар барои дӯст додан, сар надодан дӯстро,

Ин хитоб акси садое аз дили бенанг нест [25, с. 112 ].

Дар байти аввал, калимаи офтоб, ки ду маротиба зикр ёфтааст, маъниҳои алоҳидаро дар худ доро мебошад. Шоир барои таъмини маънии лирикии байт офтоби аввалро бо маънии олиаш-хуршед, шамс ва таҷниси

ин вожаро мутаносибан ба маҳбубааш нисбат додааст, ки хеле зебо ва табиӣ ба ҷилва омадааст.

Дар байти дуюм, ки мазмуни ахлоқӣ дорад, шоир калимаи «хайр»-ро таҷнис кардааст. Яке бо маънии хайрбодӣ, дигаре бо маънии эҳсонкорӣ омадааст. Дар байти сеюм, калимаи «сар» таҷнис шудааст. Бояд бигӯем, ки вожаи мазкур дар забони тоҷикӣ яке аз воҳидҳои маҷозии сермаънотарину серистеъмолтарин маҳсуб меёбад. Ин ҷо шоир аз ду шакли он ки андархӯри байташ аст, истифода кардааст, ки маънии ҷонбозӣ кардан, ҷонфидо будан, дӯсти содиқ будан ва аз даст надодани дӯст, тарк накардани дӯст, раҳо намудани дӯст оид мебошад.

Шоир санъати таҷнисро дар шеърҳои озодаш ҳам ба кор бурдааст, чунончи:

Баҳорон буд,
Вақте ки зи дастам дастаи гулро,
Гирифтию гузаштам бо сарафрозӣ
зи як санҷиш [25, с. 82].

Ин ҷо соҳибсухан калимаҳои «даст ва дастам»-ро чун таҷниси зоид истифода намуда, каломашро зинат додааст. Мусаламан, «даст» ба маънии узви инсон ва он бо иловаи садоноки кӯтоҳи «а» ба таҷниси зоид табдил шуда, маънии дигар «дастаи гул»-ро соҳиб гаштааст.

Дар маҷмуъ, санъати таҷнис дар шеъри шоир моҳирона истифода шуда, он дар баёни афкори лирикӣ, ахлоқӣ, тарбиявӣ ба ғояҳои хуби инсондӯстонаи соҳибсухан хизмат намудааст.

Зуқофиятайн санъатест, ки аз ду қофия ҳосил карда шудааст. Шуаро баъзан, се-чор қофияро низ ба ҳам оварда, матлабашонро баён доштаанд. Дар ашъори Ғоиб Сафарзода санъати мазкур нақши муассир гузоштааст, ба он маъно ки вай абёти зуқофия бисёр гуфтааст. Дар байти зерин шоир ба қадршиносии неъматҳои замони зиндагиаш забон кушода, чунин фармудааст:

Нону намаки ӯ пос дорам,
Ҷон дар раҳи хизматаш супорам [25, с. 36].

Дар ин ҷо ду қофия ба мушоҳида мерасад, ки онҳо дар таркиби калимаҳои «нону ҷон» ва «дораму супорам»-ҷузвҳои «-он» ва «-ором» ҷой гирифтааст. Дар ҷузви аввал ҳарфи «н»-равии муқайяд ва садоноки дарози «–о» ридфи муфрад, дар ҷузви дуюм: «р»-равӣ, «о»-ридфи муфрад, «а»-маҷро ва «м»-васл мебошад. Аз ду қофия: яке қофияи муқайяд ва дигаре қофияи мутлақ мебошад. Шоир дар шеъре, ки «Роҳи мақсад» номидааст, аз санъати зуқофиятайн фаровон истифода кардааст. Қариб дар ҳар байти ин шеър, ки дар жанри маснавӣ асту ёздаҳ байт дорад, корбурди ду-се қофияро дидан мумкин аст. Абёти зайл гувоҳи ин гуфтаҳост:

Роҳе, ки аҷаб нест, дар он афтаму хезам,
Гоҳе бикунам хандаву гаҳ ашк бирезам.
Роҳе, ки дар он заҳмату ранҷам нигарон аст,
Мақсуду шараф, роҳату ганҷам нигарон аст [25, с. 64].

Ин ҷо шоир роҳи пурпечу тоби мақсудро воқеъбинона ба риштаи тасвир кашида, барои дилнишинию аҷобати он калимаҳои «гоҳу роҳ» ва «хезаму бирезам»-ро дар байти якум ва «заҳмату роҳат», «ранҷу ганҷ»-ро дар байти дуюм қофия кардааст. Дар мисоли зуқофиятайн санъати тазоду муқобила низ мушоҳида мешавад, ки ҳунари шоирро бармало мекунад. Дар ҷуфти аввали қофияҳо ҷузви –«-оҳ» ва «-езам» решаи қофия мебошад, ки «ҳ»-равии муқайяд ва «–о» ридфи муфрад; «з»-равии мутлақ, «е»-ридфи муфрад, «а»-маҷро, «м»-васл аст. Дар ҷуфти дуюм бошад, ҷузвҳои «-ат» ва «анҷам» решаи қофия шуда, «т»-равии муқайяд, «а»-тавзеҳ; «ҷ»-равии мутлақ, «н»-қайд, «а»-ҳазв, «м»-васл ва «а»-и миёни васлу равӣ маҷрост. Тавре ки аён мегардад, дар абёти намунаи фавқ шоир аз ду қофияи пурбаҳо кор гирифта, бо маҳорати олии суханофариниши худ огоҳона сиҳҳатии онҳоро нигоҳ доштааст.

Санъати дигари лафзӣ, ки бо зуқофиятайн робитаи ногусастанӣ дорад, ҳоҷиб мебошад. Ҳоҷиб дар луғат ба маънии пардадор, монеа, посбон, дарбон ва ғайра шарҳ ёфтааст. Дар истилоҳ санъатест, ки аз такрори калимоти якхелаи миёни ду қофия ба вуҷуд меояд. Ба ифодаи дигар калимаҳои яккхелае, ки миёни ду қофия ҷой дода мешаванд.

Дар ашъори Ғоиб Сафарзода абёти зиёди маҳҷубро мушоҳида намудем, ки аз нигоҳи шакл ва муҳтавою бадеият зебою дилнишин мебошад. Дар шеъре, ки шоир ба «Тоҷикобод» бахшидааст, муштоқона худро тоҷики дилдодаи обу ҳавои ин диёр ба қалам дода, таъкид кардааст, ки:

Тоҷикободам, дари дилро ба рӯям боз кун.
Тоҷикам-дилдодаат, дилдодаро дамсоз кун.
Гарчи об аз кӯҳсоронат накардам нӯш ман,
Савту сози обшоронат накардам гӯш ман [25, с. 49].

Дар ин шеър калимаи «накардам», ки миёни ду қофия такрор ёфтааст, ҳоҷиб мебошад.

Барои суханро ба дарозӣ накашидан ва аз такрор канорагирӣ кардан бо мисоли мазкур иқтифо варзида, ба таҳлили намунаҳои дигаре, ки бо санъатҳои лафзӣ, аз он ҷумла санъати такрор ороиш ёфтаанд, пардохтанро муҳим медонем. Зиёд кор фармудани калима, таркиб, ибора ва ҷумла дар шеър ва ё наср асоси санъати такрорро ташкил додааст. Донишмандон бемаврид ба кор бурдани санъати мазкурро аз камбудиҳову заъфи шеър донистаанд. Мутолиаи ашъори Ғоиб Сафарзода нишон медиҳад, ки соҳибсухан такрорро бе зарурат ва тасодуфан барои байтпуркунӣ истифода набурдааст. Вай баҳри мушаххасии фикр, нишонрасии маъно, хушоҳангии шеър ва дилнишинии он, маҷмуан ба ҳадафи каломаш мувофиқ аз такрор кор гирифтааст. Чунончи, дар суруди «Ҷавонӣ» мебинем, шоир санъати такрорро хеле моҳирона ба кор андохта, андешаашро таъсирбахш манзур кардааст:

Ту будӣ, ки замин пардози нав ёфт,
Ту будӣ, зиндагонӣ сози нав ёфт.
Ту будӣ, кишварам дар рӯи олам,
Раҳи нав, руҳи нав, парвози нав ёфт.
Ҷавонӣ, эй ҷавонӣ, эй ҷавонӣ! [25, с. 85]

Дар ин шеър ҳамаи он зарфияте, ки такрор дорад, ба хубӣ истифода шудааст.

Санъати дигаре, ки дар ашъори шоир ба назар расид, баргардониш мебошад. Истилоҳи мазкурро устод Турақул Зеҳнӣ сохта, чандин истилоҳи классикиро дар таҳти он муттаҳид намуда, баргардонишро бо ҳама анвояш моҳиятан як навъи санъати такрор номидааст [81, с. 150], ки дуруст ҳам ҳаст. Зеро асли санъати мазкурро такрори аркони байт, ки садру аруз ва ибтидову аҷузу ҳашвайн номида шудаанд [128, с. 196], ташкил додааст. Анвои мухталифи санъати баргардониш маълум карда шудааст. Аз ҷумлаи онҳо рад-ус-садри ил-ал-аҷуз, рад-ул-аруз, ил-ал-ибтидо, ра-ул-хашв-ил-ал-ибтидо мебошад, ки дар ашъори Ғоиб Сафарзода ба мушоҳида расид. Дар байти зерин шоир «меравам»-ро дар садру аруз ва аҷуз такрор намуда, сухани худро бо навъи нахустину маъмул рад-ус-садр-ил-ал аҷуз аз нигоҳи шаклу маънӣ зинат додааст:

Меравам аз пеши ёрону рафиқон, меравам,
Ханда дар лаб, дил ҳазин, хотирпарешон меравам [25, с. 46].

Ва ҳолати бо дӯстону пайвандон видоъ намудани касро дар ҳар ваҷҳ хеле зебо ва мушаххасу нишонрас ба хонанда расонидааст.

Дар абёти зайл шоир ҷойи такрорро тағйир дода онро дар аркони аруз ва садр бо овардани калимаҳои «ояд, замин, равонӣ, кард» ва ғайра мушаххас намудааст:

Гираш, ки ана ҳозиракак соли нав ояд,
Ояд, назар аввал ба рухи ман бинмояд [25, с. 50].

Азизу муътабар дорам заминро,
Замини меҳрубону нозанинро [25, с. 75].
Хурӯшу мавҷи дарёи равонӣ,
Равонӣ, дар вуҷуди зиндагонӣ [25, с. 85].
Номаат чун панди пирон бар дилам таъсир кард,
Кард руҳамро дигаргун, ҳикмати сад пир кард [25, с. 98].

Тавре ки мебинем, шоир дар ҳар байт мавзуи мубрами ҳаёти инсониро пайгирӣ карда, хушии пешвозгирии соли нав, гиромидошти замин, тараннуми ҷавонӣ ва муассир гаштани қаҳрамони лирикиашро ваҷҳи эҳсан

манзури хонанда кардааст. Барои ифода шудани мухтавои мазкур шоир ба санъати мавриди назари мо маҳдуд нашуда, вай инчунин аз муроотунназир, тачниси том, ташбеҳи рӯшан ва монанди инҳо истифода намудааст, ки аз ҳунари шоир дарак медиҳад.

Дар байти дигар такрори ҳашвро дар садр мебинем, ки дар калимаи «хайр» мушаххас гардидааст:

Чун бигуфтам, хайр, эй модар, бародарҳои ҷон,
Хайр, эй ҳамсояҳо, хешу табору дӯстон [25, с. 65].

Ин ҷо як навъ самимияти соҳибсухан ба аҳли хонавода, бавижа модару хешу пайвандону дӯстону ҳамчунин ҳамсояҳо иброз шудааст, ки аз гуногунмаънии вай шаҳодат медиҳад.

Аз намунаҳо аён шуд, ки шоир дар корбурди санъати баргардониш ва бавижа, се навъи он маҳорати хуб нишон дода, афкору андешаю ғояҳои ҷолибашро бо таъкиду таъмиду хушоҳангӣ ба миён гузоштааст.

Илтизом аз санъатҳои маъмули лафзиест, ки бо баъзе вижагиҳои худ ба санъати такрор робита дорад. Илтизом дар луғат ба маънии уҳдадор шудан, ба зиммаи худ гирифтани коре, ба худ лозим ҳисобидани коре машғулияте ба чизе шарҳ ёфтааст.

Моҳиятан, илтизомро чун санъати такрори калима, ибора ва таркиб, ки дар каломи бадеъ зарурат надошта бошад ҳам, зикр мешавад, маърифат кардаанд. Ба меъёр ба кор бурдани имконоти санъати мазкур ҳусни суханро меафзояд, маъниро мушаххас мекунад, таъкидоту нозукиҳои мухталифи бадеиро таъмин месозад. Ғоиб Сафарзода санъати илтизомро дар ҳадди меъёр ва табииву бо талаботи лафзу маънӣ мувофиқ ба кор бурдааст. Намунаи беҳтарини ашъори бо ин санъат офаридаи ӯро дар абёти зайл мушоҳида мекунем. Чунончи, калимаи «роҳ» ва «дӯст»-ро илтизом кардааст:

Ба роҳи мақсади олӣ биравад,
Раҳи бахту шарафи даври сабоҳ.
Умри худро бикунад машъали роҳ,
Чорчии раҳи тобон бишавад [25, с. 44].

Чун бирезад бар сари мо дӯст борони сахо,

Ғайри сарсабзӣ ба боғи дил дигар оҳанг нест [25, с. 112].

Агар дар намунаи аввал дар ҳар мисраъ илтизоми «роҳу раҳ» дида шавад, дар мисоли баъдӣ, ки мавзуи дӯстӣ ва эҳтироми дӯстро талқин мекунад, вожаи «дӯсту дӯстӣ», илтизом гардида, ҳусни шеърро афзудаанд. Намунаи дуюм, дар панҷ байт фароҳам омадааст, ки бо рӯшан шудани масъала овардани танҳо як байти онро кифоя донистем.

Ниҳоят аз ҷумлаи саноеи лафзӣ, ки дар ашъори Ғоиб Сафарзода сермаҳсул аст, иштиқоқ мебошад. Шоир аз ҳамаи имконоти суханофарини хушоҳангии иштиқоқ истифода карда, ҳамшакливу хушнавоӣ ҳамрешагии вожаҳоро ба вуҷуд оварда, матлабашро баён намудааст. Дар байти зерин калимаҳои «розшунав ва securityзнигаҳдор» иштиқоқ шудаанд:

Ҳайрон машав, эй розшунав, securityзнигаҳдор,

З-он ки ба бари туст нигорам ба бари ман [25, с. 61].

Ҳамчунин дар мисраъҳои ашъори озоди шоир калимаҳои «ситамгару ситамкаш» аз як реша ба вуҷуд омадаанд:

Оҳ, дунёи ситамгору ситамкаш,

Оҳ, дунёе, ки модар инчунинат кард саркаш [25, с. 86].

Дар дубайтии зерин шоир ҳолати ошиқро дар омаду рафти маъшуқа ба риштаи тасвир кашида, калимаҳои «пурдарду бедард»-ро иштиқоқ намудааст, ки дар баёни соҳибсухан нақши калидӣ бозида, аз оғозу анҷоми шурӯ исёни ишқу ошиқӣ хабар додааст:

Зи базми гарми ошиқ, сард рафтӣ,

Чӣ пурдард омадӣ, бедард рафтӣ.

Чаро дилро ту оташхона кардӣ,

Ба мисли боди ҳарҷогард рафтӣ? [25, с.147].

Хулоса, иштиқоқ ва соири санъатҳои лафзӣ, ки ин ҷо ба таври намуна мавриди баррасӣ ва шинохти илмӣ қарор дода шуд, аз маҳорати суханофарини адиб гувоҳӣ медиҳанд. Ҳамчунон ки дида шуд, вай ҳеҷ як санъати лафзиро танҳо бо ороиши лафз ва ё бемаврид истифода накардааст. Баъзан, корбурди онҳо баробари ороиши лафз, ба маънии

каломи шоир таъсир ва нақши амиқи худро гузошта, дар ин роҳ муваффақияти суханварро бармало кардааст.

## 3.5. Забон ва сабки нигориши шоир

Бо вуҷуди кӯтоҳ будани даврони шоирии Ғоиб Сафарзода дар адабиёти муосир сабку услуби офарандагиаш мавриди таваҷҷуҳи мунаққидону донишмандони адабиёт будааст. Адабиётшиноси маъруфи тоҷик С.Табаров дар мавриди яке аз паҳлӯҳои эҷодиёти шоир чунин мулоҳиза намудааст: «Дар назми солҳои 60-ум тамоил ба андешаю мулоҳизаронӣ, рехтаю кӯтоҳбаёнӣ, образнок сухан рондан, бо ҳикмату мақолҳои философона инъикос кардани воқеияти зиндагиро равшан мушоҳида кардан мумкин аст, ки ин хосияти назмро дар эҷодиёти Ғоиб Сафарзода низ мушоҳида кардан мумкин аст. Чунончи, дар шеъри «Бузургӣ» (1967) ҳар як байт як фикри томро дар худ гирд овардааст. Дар айни замон бо чунин тарзи кӯтоҳ ба воқеаҳои бузург ҷамъбасти бадеӣ додани шоир чи аз омӯзиши хусусиятҳои тематикӣ-бадеии жанри ғазал сар задааст ва чи аз талабот ба лирикаи таҳлилӣ-андешавӣ ва философӣ аз як тараф ва ашъори ҳикматноки пурмазмун аз тарафи дигар. Дар порчаи шеърии зер шоир образҳои кӯҳ, чашма, офтоб, баҳр, ишқ, ошиқро бо як мисраъ ва модарро бо як байт чунин офаридааст:

Кӯҳ шуд аз пойдориаш бузург,
Чашма шуд аз беқарориаш бузург.
Аз дурахшу аз ҳарорат офтоб,
Баҳр шуд аз беқанориаш бузург.
Ишқ аз покизагию ростӣ,
Ошиқ аз умедвориаш бузург.
Шуд сари гаҳвораи фарзанди худ
Модар аз шабзиндадориаш бузург [115, с. 394].

Дар ғазали «Бузургӣ» мақоми калонеро дар ҳалли масъалагузории шоир калимаи «бузург» адо кардааст, ки он ҳам сифат, ҳам амалиёт, ҳам ҳашамату хислат ва ҳам чигунагию моҳияти воҳидҳои тасвиршавандаро равшан менамояд. Як калимаи дуруст интихобшуда қудрат дорад, ки

вазифаи як асар, як образ, як масъалаи муҳимми зиндагиро адо намояд ва чунин калима дар ғазали фавқ «бузург» ҳисоб меёбад.

Мунаққиди номбурда дар идомаи мақолааш изҳор медорад, ки «дар масъалаи сабки пешгирифтаи Ғоиб Сафарзода он чиз ба назар мерасад, ки ӯ содабаёнӣ ва ҳикматомезона ифода кардани фикрро мепарварад ва дар ин масъала аз мактаби адабии Мирзо Турсунзода ва Боқӣ Раҳимзода барин шоирони содабаёни саҳли мумтанеънавис таълим гирифта, аз чашмаи эҷодии онҳо об хӯрда, дар тарзи иборасозӣ, рабту таносуби сухан, алоқаи қавии мисраъҳо аз ин шоирони мумтоз бисёр чизҳоро омӯхтааст ва бо ин восита услуб ва роҳи хоси эҷодии худро ба вуҷуд овардааст. Албатта, дар баъзе шеърҳои ӯ андешаҳои маъмулу такрори фикру таркибу образ ва бозёфтҳои дигарон (хусусан, дар шеърҳои «Силоҳи эътиқод», 1968, «Ҷаҳони хешро дарёб», 1966 ва ғайра норавшанию норавонии андешаю харобии мантиқ ба назар мерасанд ва ин камбудиҳо барои давраҳои аввали эҷодиёти шоирон табиист. Муҳимтар аз ҳама он аст, ки Ғоиб дар роҳи рафъи камбудиҳои шеъраш ва дарёфтани роҳу тарзи сухани баланд бурдани ҳунари нигорандагиаш пайваста мекӯшиду дар ин роҳ дастовардҳои назаррас дошт» [115, с. 395].

Ҳамин такопӯ, мутолиа, ҷусторҳои адабӣ буд, ки Ғоиб Сафарзода шеъри худро аз ҳар ҷиҳат такмил намуда, камбуду ноқисиҳои онро дар қиёс ислоҳ карда, дар эҷоди каломи манзум тавфиқ ёфтааст. Ба ин тавассут вай шеърашро бо шеъри шоирони  классикии форсу тоҷик чун Умари Хайём, Ҳофизи Шерозӣ, Камоли Хуҷандӣ,  Сайидои Насафӣ, Шамсиддин Шоҳин ва шоирони муосир ба монанди Эраҷ Мирзо, Мирзо Турсунзода, Ғаффор Мирзо, Боқӣ Раҳимзода ва ҳамоҳанг намудааст. Ба дубайтии зерин таваҷҷуҳ мекунем, ки ҳам аз вижагиҳои сабки шеъри классикӣ ва ҳам аз навовариҳои шеъри муосир бархурдор мебошад:

Ниҳоли умр агар дар боғи ҳастӣ,
Шавад сабзу наёрад бор, хор аст.
Саропои дил оташхона гардад,
Наяфрӯзад чу парвози шарор аст [23, с. 174].

Бо ин метавон гуфт, ки шеъри Ғоиб Сафарзода хеле равону салис, ба фаҳмиши хонанда наздик мебошад. Ҳамчунин шеъри ӯ бо хусусиятҳои нозукандешӣ, навоварӣ ва тозагӯиҳо дар мазмуну муҳтаво аз шеъри шоирони дигари ҳамзамонаш ба куллӣ фарқ мекунад. Мавсуф аз мушкилбаёнию печидагӯӣ парҳез карда, роҳи соданависиро интихоб намудааст. Ғоиб Сафарзода дар бораи соданависии худ ишорае накарда бошад ҳам, хонанда аз мутолиаи он ҳеҷ мушкилиеро ҳис намекунад.

Ғоиб Сафарзода дар шеърҳои худ калимаву ибора ва таркибҳоеро мавриди истифода қарор додааст, ки дар баробари шевову рангин буданашон, инчунин маънии сода, шинос ва фаҳморо доранд ва ба гуфтори мардум хеле наздикӣ ҳам мебошанд.

Шоир барои таъсирбахш шудани шеъраш дар баъзе ҳолатҳо аз зарбулмасалу мақолҳои халқӣ низ истифода кардааст.

Тибқи гуфтаҳои боло мо ба таҳқиқи таъбиру ибораҳои шоиронаи шеъри Ғоиб Сафарзода пардохтем. Дар эҷодиёти шоир таъбиру ибораҳои шоирона зиёд ба назар мерасанд. Барои собит намудани ин гуфтаҳо мо чанде аз онҳоро, ки дар шеърҳои шоир истифода шудаанд, намуна меорем: «насими дилписанд», «ҳазор оҳанг», «оҳубараи масти ҷавон», «оби нуқрасон», «оинаосо дар назар», «дарси ишқ», «дурахши барқи рӯ», «қалби кабоб», «субҳи матлаб», «ёди фироқ», «дилбари нозпарвар», «хандаи дилбаранда», «канори меҳр», «дили чун шиша пок», «руҳи бузург», «чашмаи бахт», «шамъи ҳазорбора», «накҳати дилҷӯй», «дили хуршедсифат», «нурпошии калом», «шамъи назм», «боғи вафову ҳиммат», «насими нарм», «танӯри оташи ғам», «ҷилваи рӯи об», «дили пурхурӯш», «кӯҳи аламу ғам», «панҷаи тӯфон», «шамъи ақл», «асои хома», «рӯди дилбар», «насими дар сафар», «насими бозингар», «рангу бӯи нотамом», «кабкҳои хушхиром», «насими нашъадор», «савту сози обшор», «китоби дилфурӯз», «ҷӯшиши лафз», «оғӯши хоб», «дидаи шавқ», «мавҷаи лабхандашон оҳанрабост», «синаи санг», «рухи чун себаки тар», «дастаи нур», «нахли умр», «машъали роҳ», «ҷорчии раҳи тобон», «панҷаи пуршӯри

рӯд», «як ҷаҳон ҷӯшу ҳарорат», «тоҷи сари шохи ҷавонӣ», «табассуми офтоб», «ҳайкали бедор», «сиришти бо шарар омехта», «дили аз раҳму шафқат рехта», «сухани сеҳргар», «гули ханда», «зонуи андеша», «ранги дили хомаи савганд», «танӯри дил», «танӯри сина», «меваи осудагӣ», «дилбари дилбохта», «чашми ғарқаи оби шарар», «соғари мақсуд», «рухи барқзан», «шаҳди ишқ», «гули оташ», «гули нашкуфтаи мақсуд», «ганҷҳои хуфта», «дили уммедҷӯй» ва ғайра.

Азбаски эҷодиёти Ғоиб Сафарзода ба аввали солҳои 50-ум ва аввали солҳои 70-уми асри XX рост меояд, ин давраро метавон давраи рушд кардану шаклгирии шеъри тоҷик номид. Дар ин давра як қатор шоирони ҷавон дар пайравии наслҳои пешин ба арсаи адабиёт қадам гузоштанд, ки Ғоиб Сафарзода низ яке аз он шоирони навовару навҷӯ ба ҳисоб мерафт. Ғоиб Сафарзода гарчанде ба сабку шеваи шеъри тоҷикӣ, шаклан ва мазмунан баъзе унсурҳои навро ворид намуда бошад ҳам, асосан идомадиҳандаи ҳамон сабку услуби шоирони насли пешини худ мебошад. Албатта, дар баъзе шеърҳои ӯ таъсири шеъри классикӣ ва шеъри ҷаҳонӣ ба назар расад ҳам, аммо аз рӯи содаву равонӣ ва мафҳумбаёниашон метавон ба хулосае омад, ки ӯ тарзу равиши хоси шеъргӯии худро дошт.

Сабки сода  ва мафҳумбаёнии шеъри Ғоиб Сафарзода аз он ҷост, ки ӯ анъана ва тариқаи дар шеър пешгирифтаи шоирони насли пешини худро эҷодкорона идома додааст. Шеърҳои Ғоиб Сафарзодаро меарзад, ки барои мазмунҳои сода, оммафаҳму равон буданашон, ҳамин гуна баҳо диҳем. Хонанда ҳангоми мутолиаи шеърҳои Ғоиб Сафрзода ба ягон мушкилию душворие дучор намеояд ва шоир ҳам дар шеърҳояш матлаби хешро равшану возеҳ ифода кардааст.

Хулоса, Ғоиб Сафарзода ва насли ӯ аз бозе, ки огоҳона вориди марзи адабиёт шуданд, саъй карданд шеъри муосири тоҷикро таровату тозагии хос бубахшанд. Шеър замоне зода мешавад, ки сохтмони он унсурҳои бунёдии созанда дошта бошад. Аз хусусиятҳои хоси эҷодиёти Ғоиб Сафарзода тасвирҳои ҳайратангез, корбурди воҳидҳои суфтаву пухтаи

забонӣ, дар ин замина эҷод намудани калимаву ифодаи нав ва ба зеҳни хонанда наздик, таваҷҷуҳ ба сабки шуарои пешин ва муосир, истифодаи таҷрибаи суханофаринии онҳо дар эҷоди каломи манзум ва монанди инҳо . маҳсуб меёбад.

# ХУЛОСА

Аз таҳқиқи рӯзгор ва осори Ғоиб Сафарзода ба хулосаҳои зерин омадем.

1. Ғоиб Сафарзода намояндаи номвари насли адибонест, ки дар солҳои 60-70-уми садаи бист бо шавқу ҳаваси зиёд, маҳорати олии суханофаринӣ ва бо фаҳму дарки тозаи қонуниятҳои зиндагӣ ба адабиёти муосири тоҷик қадам ниҳодааст. Вай, бо вуҷуди умри кӯтоҳ дидан дар саҳнаи адабиёт бештар аз як даҳсола тавассути истеъдоди фитрӣ ва ҷустуҷӯю омӯзиши пайваставу ҷиддӣ тавонист, ба сифати як шоири рангинхаёлу тозагӯ ва сухансанҷу суханшиноси тавоно шинохта шавад ва пас аз марги фоҷиабораш ашъори баландмазмун боқӣ гузорад.

Дар ташаккули шахсияти шоир чор марҷаъ нақши муассир доштааст: тарбияи модар, маҳфили адабии Донишкадаи педагогии Душанбе (ҳоло ДДОТ ба номи С.Айнӣ), омӯзиши адабиёти классикӣ ва муҳити адабии замон [3-М].

2. Ба шоири ҷавон муяссар гардид, ки дар қатори Ғаффор Мирзо, Муъмин Қаноат, Убайд Раҷаб, Қутбӣ Киром, Лоиқ Шералӣ, Гулрухсор Сафиева, Гулназар Келдӣ бо навовариҳояш дар шакл, банду баст, дар мазмуну мундариҷа ва навъҳои назми муосири тоҷик руҳи тозагӣ бахшад.

Ғоиб Сафарзода чун шахсият ва эҷодкори асил бо ҳамаи инсонҳои замони худ бавижа, дӯстону пайвандон, ҳамнишинону ҳамсабақон, аҳли эҷоду ҳамқаламон муносибати самимӣ ва беғаразонае доштааст. Айни ин муносибатро дӯстону ҳамқаламони муҳити шоир низ доро будаанд. Муҳимтарин махсусияти ин равобити адабию маънавӣ дар он зоҳир гардида, ки онҳо дар ҳаққи якдигар бисёр некбин буда, дар шодию ғам ва бурду бохти ҳамдигар худро ҳамроҳ медидаанд. Ғарази аслиашон такмили эҷодиёти хеш ва пешбурди адабиёти тоҷик будааст [3-М].

3. Вай бо истеъдоди фавқулода, бо қалами ҳақиқатнигорона дар эҷод намудани очерку мақола ва сафарномаву лавҳаҳои рӯзмарра айёми кор ба

сифати як тан рӯзноманигори ҳақҷӯю ҳақгӯ дар коргоҳи «Тоҷикистони советӣ» пуштибони забону фарҳанг ва русуму анъаноти ниёгон шинохта шуд. Махсусан, мақолоту таъкидоти ӯ дар мавриди номгузорӣ, тоза нигоҳ доштани забони модарӣ, муаррифии ашхоси боистеъдоду хизматгор, тақдир намудани заҳмати онҳо ва монанди инҳо имрӯз низ аҳамияти худро гум накардааст, ки аз дастовардҳои намоёни фаъолияти публитсистии адиб маҳсуб меёбад [10-М].

4. Ғоиб Сафарзода маҳорати баланд ва истеъдоди фитрии суханварию суханшиносӣ дошта, бо дарки амиқи муҳиммияти шиносонидани хонандаи тоҷик ба ашъори адибони дигар халқу миллатҳои олам ба кори заҳматталаби тарҷумонӣ низ даст задааст. Ӯ намунаҳои ашъори чанде аз саромадони адабиёти классикиву муосири рус Н.А.Некрасов, Н.Тихонов, Я.Смеляков, А.Сурков, М.Румянсева, чанде аз асарҳои шоирони собиқ Иттиҳоди Шуравӣ ва адибони ҷаҳониро аз қабили Сайёд Наво (арман), Набӣ Хазрӣ (озар), Сулаймон Рустам (озар), Петрус Бровка (белорус), Музаффар Олимбоев (қазоқ), Байрон (англис), Хориваншрай Бачан (ҳинд), Шелли (англис), Маҳмуд аш-Шунабӣ (Миср), Давид Диоп (Сенегал) ва дигаронро моҳирона ба забони тоҷикии ноб баргардонидааст. Тарҷумаҳои шоир, ки шеърҳои шоирони ҷаҳонро фаро гирифтааст, як ҳазору яксаду бисту чор мисраъ, 562 (панҷсаду шасту ду) байтро дар бар мегирад. [5-М]

5. Ҳаёту эҷодиёти шоир ва фаъолияти рӯзноманигории вай то имрӯз аз ҷониби мунаққидон, суханшиносон ва муҳаққиқони адабиёт ба таври ҷиддӣ мавриди таҳқиқу омӯзиш ва баррасии илмӣ қарор нагирифтааст. Дар мавриди зиндагию рӯзгор ва паҳлуҳои алоҳидаи эҷодиёти Ғоиб Сафарзода зумрае аз адабиётшиносону суханшиносон Б.Насриддинов, Муҳаммадҷон Шакурии Бухороӣ, Соҳиб Табаров, Шоҳҳайдар Ёдгорӣ, Юсуф Акбарзода, адибон Ғаффор Мирзо, Абдулҳамиди Самад, Зиё Абдулло, Мардон Раҷаб, Мирзо Шукурзода ва дигарон дар давраҳои гуногун дар мақолаю ёдномаҳои хеш мухтасар изҳори ақида кардаанд. Вале ин фикру мулоҳизот ва андешаву хотираҳо парокандаву мушаххас набуда, манзараи комили зиндагиву рӯзгор ва бурду бохт, хусусиятҳои

ғоявию бадеии эҷодиёти шоирро фарогир нестанд. Ба андешаи мо, месазад, ки мунаққидону суханшиносон бо вуҷуди камии ашъор, ба ҷиҳатҳои омӯхтанашудаи эҷодиёти ин шоири дардошнои миллату меҳан, шоири рангинхаёлу рангинбаёни тозагӯ таваҷҷуҳи хоса зоҳир намоянд [5-М], [11-М].

6. Эҷодиёти манзуми Ғоиб Сафарзода тахминан 1805 (як ҳазору ҳаштсаду панҷ) байтро ташкил медиҳад, ки аз шеърҳои чаҳорпора, маснавӣ, суруд, қитъа, ғазал, мухаммас, мураббаъ, марсия, рубоӣ, дубайтӣ, шеъри сафед ё озод, таркибанд, мустазод, фардбайт иборат мебошанд.

Дар офариниши суруд низ саъй карда, чанд намунаи хуби ин навъи шеърро офаридааст, («Ҷавонӣ», «Суруди фалакпаймо», «Суруди шофёр», «Бин ту ба майдон маро», «Оинаи сафо туӣ» аз ҷумлаи онҳост. Ҳамчунин шоир тазминҳои «Гуфтам: «Ба чашм» бар ғазали Камоли Хуҷандӣ (соли 1960), «Шоҳин ба даври мо» бар мусаддаси Шамсиддини Шоҳин (соли 1960), «Чу зод модар…» бар як ғазали машҳури Эраҷ Мирзо ва ғайраро эҷод кардааст, ки хеле самимӣ баромадааст. Шоир ба эҷод намудани маснавиҳои калонҳаҷм, ба достоннависӣ ва гуфтани мадҳияҳо шуғл наварзида, ду марсия ба хотираи шоир Сайдалӣ Ализода ба номи «Ёди шоир» (соли 1971) навиштааст.

Барои бачагону наврасон махсус шеъре эҷод накардааст, вале қисме аз шеърҳояш, ки хусусияти тарбиявӣ, пандуахлоқӣ доранд, дар тарбияи насли наврас дар руҳияи хештаншиносӣ, дӯст доштани Ватану зодгоҳ, парастиши анъаноту муқаддасоти пурарзиши аҷдодон, муқаддас доштани забони модарӣ ва фарҳанги миллӣ, дӯстию рафоқат, меҳнатдӯстӣ, ростгӯию ростқавлӣ ва дигар хислатҳои ҳамидаи инсонӣ саҳми арзандаву бориз гузоштаанд.

Умри кӯтоҳ ба шоир имкон надод, ки намунаҳои шеъри маъқули дилашро фақат дар ду маҷмуа гирд оварад. Айёми дар қайди ҳаёт будан ба ӯ танҳо дидани маҷмуаи «Корвони орзу» (соли 1969) муяссар гардид. Маҷмуаи «Ошёни офтоб» (соли 1972)-ро, ки бо дасти худ ба чоп супурда буд, ҳамагӣ чанд моҳ пас аз ғуруби офтоби умраш чоп гардид. Пас аз

марги фоҷиавии Ғоиб Сафарзода ба тавассути заҳматҳои холисонаи дӯсти ҳамдеҳааш адабиётшиноси шинохта Шоҳҳайдар Ёдгорӣ соли 1978 осори мунтахаби Ғоиб Сафарзода бо номи «Мероси ҷавонӣ» ба табъ расид ва гулчини ашъори шоир соли 1986 дар китоби «Ҷавонӣ» дастраси ҳаводорони шеъру адабиёт гардид. Дар ин китобҳо тамоми осори манзуми шоир фароҳам оварда шуда, баъзе очерку публитсистика ва сафарномаҳои ӯ, ки ба ҳайси рӯзноманигори «Тоҷикистони советӣ» навишта шуда буданд, дар «Мероси ҷавонӣ» ҷой дода шуданд.

Шоҳҳайдар Ёдгорӣ – мураттиби осори баъдимаргии Ғоиб Сафарзода, пайи гирд овардани осори пурраи манзуму мансур ва тарҷумаҳои шоир камари ҳиммат баста, бо харҷи заҳмати бисёрсола ва омӯзиши бойгонии ӯ онҳоро дар шакли ду китоби «Мунтахабот» нашр намуд [9-М].

7. Маҳорату истеъдоди шоирии Ғоиб Сафарзода аз мисраъ то мисраъ, аз байт то байт, аз шеър то шеъри дигаре торафт сайқал меёфт. Ӯ дар солҳои ахири даҳаи шастуми асри бист, ки давраи камолоти эҷодӣ ва сайқалёбии маҳорати шоириаш буд, ба дарёфти роҳи эҷодии хеш қадам ниҳод ва дар ин ҷода комёбиҳои назаррас насибаш гаштаанд. Ӯ ҳамчун як сароянда ва тараннумгари зиндагии воқеӣ ва заминии инсонҳо ба олами ботинии қаҳрамонҳои лирикиаш назар андохта, олами зоҳирии ононро ба эътибор гирифта, ба ҳодисаву рӯйдодҳои олами атроф андешамандона дида дӯхта, онҳоро дар зеҳни худ пазируфта, ба офаридаҳояш мазмуни фалсафӣ мебахшид. Пайваста мекӯшид, ки шеърҳояш пурмазмун, самимӣ, сода, нарму равон ва аз ҷиҳати санъатҳои шеърӣ ғанӣ дар шаклҳои нав гуфта, образҳои ба қалам додааш воқеӣ ва мардумӣ бошанд [3-М].

8. Муқаддасу гиромӣ доштани Модар, муҳаббату садоқат ба зодгоҳ, ба меҳан, тараннум ва ситоиши баҳору Наврӯз, зебоӣ ва манзараҳои нотакрори табиат, риояи оини дӯстию рафоқат, бародарӣ, васфи ишқу муҳаббати поку беолоиш, ба қалам овардани умеду орзуҳои ширину рангини ҷавонӣ, бахту саодат ва музаффариятҳои меҳнатии халқ, даъват ба посдории расму ойин ва анъаноти неки миллии ниёкон, эҳтироми забони модарӣ, хештаншиносӣ, ифтихори миллӣ, ватандӯстӣ, донистани ҳад,

қадру қимат ва рисолати хеш дар зиндагӣ, одамгарӣ, ростиву росткорӣ ва амсоли инҳо мавзуоти асосии эҷодиёти Ғоиб Сафарзода мебошанд.

Ғоиб Сафарзода бо вуҷуди дар ҷодаи шеъру шоирӣ роҳи кӯтоҳеро тай намудан бо шеъри маънӣ, бо ашъори дорои андешаю афкори иҷтимоию фалсафӣ, панду насиҳатӣ, ахлоқӣ, бо тозакориву навовариҳояш дар назми муосири тоҷик дар солҳои шастум дар сафи пеши адибони тоҷик ҷойгоҳи муносиб пайдо намуд ва номаш дар саҳифаҳои таърихи адабиёти тоҷик ҳамчун шоири навовар ва тозаҷӯ сабт гардид [7-М], [8-М], [1-М], [4-М], [2-М].

9. Аз таҳқиқи вазни шеърҳои шоир маълум гардид, ки ӯ аз 14 баҳри шеърии дар миёни мардуми аҷам маъруфбуда, бештари шеърҳои худро дар баҳрҳои ҳазаҷ ва рамал эҷод карда, дар баҳрҳои музореъ, хафиф, раҷаз, сареъ, мунсареҳ ва мутақориб нисбатан камтар шеър сурудааст. Шоир дар эҷодиёти худ баҳрҳои муқтазаб, мутадорик, комил, мушокил ва қарибро бинобар ба табъи ӯ созгор наомадан, умуман истифода накардааст.

Дар таркиби ҳиҷои авзони 364 шеъри шоир ҷойи аввал шеърҳои 11-ҳиҷоӣ (дубайтиҳо) ва 13-ҳиҷоӣ (рубоиҳо) ишғол карда, боқимонда шеърҳояшро баҳрҳои 15-ҳиҷоӣ ва 12-ҳиҷоӣ ташкил додааст.

10. Дар баробари вазн Ғоиб Сафарзода қофияро, ки аз унсурҳои зотии каломи манзум аст, дар ашъори худ ба ваҷҳи аҳсан ва ниҳоят ҳунармандона истифода кардааст. Ин ҳунари шоир дар он бармало шуд, ки вай ҳамеша аз қавофии солим кор гирифтааст ва ба айбу нуқси он роҳ надодааст. Шоир қофияро ҳам дар жанрҳои суннатии шеъраш ва ҳам дар ашъори мудерни худ ба кор бурдааст. Дар маҷмуъ, шоир панҷ навъи қофияи пурбаҳоро дар шеъраш истифода намудааст, ки се навъи он муқайяд ва ду навъаш мутлақ мебошад. Ғоиб Сафарзода аз ҳамаи имконоти шаклсозӣ, маънисозӣ, мусиқавият ва оҳангэҷодкунии қофия огоҳона истифода кардааст.

11. Дар тақвияти қофия ва таҳкими шеър Ғоиб Сафарзода аз унсури дигари каломи манзум, ки радиф аст, бамаврид истифода кардааст.

Сохтори радифҳои шоирро як калима, таркиб, ибора ва ҳатто ҷумлаҳои алоҳида ташкил додааст: «ман», «бо ишқу умед», «то кай», «чӣ хуш», «бояд буд», «эй офтоби ман баро» намунаи радифҳои шеъри шоиранд. Муҳимтарин вижагии ҳунари радифсозии шоир он аст, ки радифҳоро бо мазмуни умумии шеър тавъам намуда, онҳоро дар мазмунсозӣ, мушаххасоти андеша, баёни фикр, рӯшан кардани ғояҳои таҳтонии сухан, оҳангнокии калом ба таври васеъ ба кор андохтааст.

12. Ғоиб Сафарзода барои таъмини бадеияти каломи худ аз санъатҳои бадеӣ, аз он ҷумла санъатҳои маънавӣ ва лафзӣ фаровон истифода намудааст. Аз санъатҳои маънавӣ: ташбеҳ, истиора, таносуби сухан, талмеҳ, тавсиф, сифатчинӣ, муболиға; аз санъатҳои лафзӣ: тарсеъ, таҷнис, зуқофиятайн, ҳоҷиб, такрор, баргардониш, илтизом, иштиқоқ ва монанди инҳо хеле зиёд ба кор рафтаанд ва ҳамагӣ ҳунармандонаву ҷолибу бамавриданд, ки аз ҳунари суханофаринии адиб дарак медиҳанд [3-М].

13. Ғоиб Сафарзода аз адибони огоҳ ва аз беҳтарин донандагони забони тоҷикӣ маҳсуб меёбад, ки шеъраш ба ин гувоҳ аст. Вай эҷодиёти худро бо истифода аз нафосату назокату узубати забон бою рангин ва хонданӣ карда, афкорашро маҳз тавассути воҳидҳои шинами луғавӣ ва дастуроти қавию сайқалёфтаи забон манзури хонанда намудааст. Дар шеъри шоир, ҳар калима, таркиб, ибора ва ҷумла дар ҷои худаш мувофиқи маъно ва талаби фикру ғояи сухан кор фармуда шуда, ниҳоят фасеҳ, фаҳмо ба зеҳн наздик мебошанд. Биноан, сабки нигориши шоир сода ва равон буда, дар дарку фаҳми он мутолиакунанда душвориеро ҳис намекунад. Шоир дар роҳи шеъри шоирӣ аз муғлақбаёнию печидагӯӣ иҷтиноб карда, ба содабаёнӣ рӯ оварда, муваффақ гаштааст [5-М].

## ТАВСИЯҲО ОИД БА ИСТИФОДАИ АМАЛИИ НАТИҶАҲОИ ТАҲҚИҚ

1. Адабиёти солҳои 60-70 тоҷикро асосан, бо номи чанд тан аз шоирону адибони навовару навҷӯву соҳибибтикор мешиносанд ва ёд мекунанд, ки ба таҳқиқ яке аз онҳо Ғоиб Сафарзода ба ҳисоб меравад. Вай бо истеъдоди фитрӣ, завқи баланди эҷодӣ, омӯзиши рӯзафзун ва тахайюлоти олии шоирона ба майдони адабиёт ворид шуда, тамоми қуввaю нерӯи худро сарфи адаб, фарҳанг ва маънавиёти тоҷик карда, номашро дар сафаҳоти таърих ба некӣ ва абадӣ сабт намудааст.

2. Ғоиб Сафарзода умри кӯтоҳ дидааст, ҳамагӣ 32 сол. Ӯ зиёда аз даҳсоли онро бевосита ба адабиёт бахшидааст. Дар ин муддат, адиб озобу маҳрумиятҳои вофиреро чун аз сар рафтани падар, қаҳтию нодориҳои солҳои баъдиҷангӣ, кӯчбандиҳо ва ғайра таҳаммул намудааст. Ҳамин сабру таҳаммул ва тарбияи дурусти модар, илмдӯстию завқи донишандӯзию муҳити солиму созанда ӯро ба комёбӣ ноил кардааст.

3. Мусаллам аст, ки дар ҷомеа сохтани муҳити хубу осоишта ба инсонҳои некбину некхоҳ вобастагии қавӣ дорад. Ҳамчунин як муҳити хубу созандаву солимро насли солҳои 60-70 адабиёти тоҷик барои худу пасояндагонашон ба вуҷуд оварда будаанд, ки дар он беҳтарин истеъдодҳо ва шахсиятҳо тарбия ёфта ва ба воя расидаанд. Яке аз онҳо бешубҳа, Ғоиб Сафарзода мебошад. Намояндагони ин муҳити созанда новобаста аз маҳал ва мақоми иҷтимоии худ байни ҳам равобити қавии маънавӣ ва эҷодӣ доштаанд. Муттаҳидӣ, ҳамдигарфаҳмӣ, муваффақияту камбудиҳои шахсиро тақсим кардан, ашъори ҳамдигарро беғаразона нақд намудан, баҳри рушди бемайлони адабиёт талош варзидан, дасти ҳамдигарро гирифтан ва ғайра аз муҳимтарин ҳасаноти муҳити адабии замони зиндагии Ғоиб Сафарзода аст.

4. Бештари эҷодкорони муваффақи мо пас аз хатми макотиби олӣ баробари пешаи тахассусиашон ба кори рӯзноманигорӣ даст задаанд, ки

Ғоиб Сафарзода низ аз он зумра аст. Дар ин ҷода вай бо ҳақиқатҷӯӣ, ростгӯӣ шинохта шуда, ба таҳқиқи журналистӣ кашидани ҳаёти ибратомӯзи инсонҳои наҷиб, накӯҳиши аъмоли ба ҷомае зарарноки ашхоси алоҳида, ҳимояи забон, фарҳангу адаб, урфу одат ва ҷашну маросимҳои миллӣ машғул гардида, як силсила гузоришу мақола, очерку лавҳа ва сафарномаҳои ҷолиберо таълиф намуда, ки бо муҳтавои ғании худ ҳоло низ қобили мулоҳиза ва истифодаанд.

5. Яке аз ҳадафҳои адибони насли солҳои 60-70 адабиёти тоҷик ба сатҳи ҷаҳонӣ баровардани шеъри тоҷикӣ будааст. Барои ноил шудан ба ин, эшон аз ҳама роҳу василаиҳои нофеъ истифода мекардаанд, ки аз ҷумлаи онҳо тарҷума мебошад. Ғоиб Сафарзода аз тарҷумонҳои мумтози замони худ ашъори беҳтарини адибони ҷаҳонро тарҷума карда, дастовардҳои ононро ба ин василa манзури хонандагони тоҷик намудааст.

6. Қисми аъзами эҷодиёти Ғоиб Сафарзодаро осори таълифии вай ташкил додааст, ки он дар жанрҳои суннатии фардбайт, дубайтӣ, рубоӣ, қитъа, ғазал, маснавӣ, мусаммат, таркиббанд ва шеъри мудерн: чаҳорпора, шеъри озод ва ғайра фароҳам омадааст. Шоир тавонистааст, ки бо дониши амиқи адабӣ афкори худро ба ваҷҳи аҳсан дар жанрҳои мазбури шеъри классикӣ ва мудерн ҷо дода, танаввуи зебои сухани бадеиро дар эҷодиёташ таъмин созад.

7. Ба рӯзгори пурфоҷиа, эҷодиёти рангин ва фаъолияти гуногунҷабҳаи Ғоиб Сафарзода ҳаммаслакону дӯстон, пайвандону ҳамсабақон, муҳаққиқону нoқидони осори адабӣ таваҷҷуҳ зоҳир карда, ба таври фушурдаву ҷузъӣ андешаҳояшонро дар шакли гузоришу мақола манзури хонанда намудаанд, ки дар шиносонидани шахсияти адиб нақши муассире гузоштаанд. Аз тарафи дигар ин иқдом, роҳеро барои таҳқиқи рӯзгору осори вай боз кардааст. Ҳамчунин ин раванд бори дигар қобили таҳқиқу омӯзиши амиқ будани эҷодиёти адибро таъйид намудааст.

8. Осори адабии шоир дар баробари шакли зебо, дорои мазмуни ҷолиб ва омӯзанда низ мебошад. Эҳтироми модар, дӯст доштани Ватан,

гиромидошти арзишҳои миллӣ мисли забон, фарҳанг, урфу одатҳои нек, тараннуми дӯстиву рафоқат, ҳамдигарфаҳмӣ, тарғиби масоили иҷтимоӣ ва ахлоқӣ, тасвири зебоиҳои табиат, васфи баҳору Наврӯз ва монанди инҳо аз мавзуъҳои марказии эҷодиёти адибанд, ки аз аҳамияти хос бархурдор мебошад.

9. Ғоиб Сафарзода аз донандагони мумтози вазни арӯз арзёбӣ мешавад. Вай тамоми ашъори манзуми худро дар авзони хушоянди арӯзӣ сурудааст, ки ҳазаҷу рамалу музореъ, хафиф, раҷаз, сареъ аз ҷумлаи онҳост. Дар ин миён, авзоне ки ниҳоят зиёд ба кор рафтааст, аз баҳрҳои марғубу умумистеъмолу хушоянду ба мусиқӣ ҷури ҳазаҷ ва рамал мебошад. Ашъори бо ин вижагӣ эҷоднамудаи шоир хеле марғубу хушоҳангу ба мусиқӣ шинам буда, қисми зиёди онҳоро ҳунармандон месароянд.

10. Корбурди ҳунармандонаи қофия, риояи қонуну қоидаҳои он дар адабиёти муосир, дар мисоли шеъри Ғоиб Сафарзода гувоҳи он аст, ки ин унсури зотии каломи манзум зинатдиҳандаи ҳамешагии сухани бадеӣ буда, ба ҳеҷ ваҷҳ ҷойи устовори худро дар суханофаринӣ аз даст надодааст. Ин аст, ки шоири мавриди назари мо огоҳона чи дар анвои ашъори суннатиаш чи дар ашъори мудерни худ аз қофия истиқбол карда, онро дар шакли солимаш ва ба маврид истифода намуда, бадеияти каломашро ба вуҷуд овардааст. Дар айни навшавии шеъри тоҷикӣ - солҳои 60-70 бо ҷасорати хуби адабӣ баромад кардани Ғоиб Сафарзода барин шоир дар нигоҳ доштану истифода бурдани унсурҳои суннатии шеъри классикӣ қобили тақдир ва пайравист.

11. Дар баробари қофия дар шеър унсури дигаре мавриди истифодааст, ки радиф меноманд ва мусалламан, он хоси шеъри тоҷикист. Радиф дар шеъри тоҷикӣ падид омада, ташаккул ёфта, ба шеъри қавму миллатҳои дигар интиқол ёфтааст. Дар шукӯҳи унсури мазкури шеъри тоҷиқӣ нақши ҳамаи шоирони соҳибмақоми мо ҳаст, ки дар ин миён Ғоиб Сафарзодаро низ метавон бо радифофариниҳои ҳунармандонаву нотакрораш ворид кард. Радифҳои эҷодкардаи шоир дар баробари хушоҳангӣ, мусиқавият ва

тавсияи мавзунияту бадеияти шеър, мавқеи хеле устувор дошта, онҳоро ба ҳеҷ ваҷҳ аз қофия ва матни умумии шеър ҷудо кардан имкон надорад, ки ин аз маҳорати суханофаринии адиб дарак медиҳаду аҳамияти амалии онро меафзояд.

12. Ҳар суханвари тавоно барои тақвияти каломи худ ва таъмини бадеияти он аз санъатҳои бадеӣ истифода мебарад, ки Ғоиб Сафарзода низ аз ин истисно нест. Дар ашъори шоир ҳам санъатҳои маънавӣ ва ҳам санъатҳои лафзии суханофаринӣ тавъам истифода шудааст, ки гурӯҳи аввал барои офариниши маъниҳои бикр ва гуруҳи дуюм барои зиннати лафз дар эҷодиёти адиб хизмат кардаанд. Маҳорати суханофаринии шоир бештар дар корбурди ташбеҳ, истиора, талмеҳ, тавсиф, таҷнис, зуқофиятайн, такрор ва ғайра бармало гардид. Маҷмуан, Ғоиб Сафарзода шоирест, ки ба лафз ва маънии сухан баробар таваҷҷуҳ зоҳир намуда, дар корбурди ин ё он гурӯҳи саноеъи бадеӣ зиёдаравӣ накардааст.

13. Яке аз муваффақиятҳои Ғоиб Сафарзода дар ҷодаи шеъру шоирӣ ва фаъолияти дигари ӯ дар забондонии адиб арзёбӣ мешавад. Ин маънои онро дорад, ки шоир дар баробари истеъдоди фитрӣ, забони тоҷикиро ба тамоми нозукиҳояш маърифат кардааст ва онро ба ваҷҳи аҳсан дар эҷодиёти бой ва фаъолияти гуногунҷабҳаи худ фаровон истифода намудааст.Забони шеъри шоир бо вуҷуди бадеият ва тахайюлоти шоирона хеле суфта, равон ва мафҳум аст. Андешаҳо солим, ғояҳо рӯшан ва таъкидот нишонрас мебошад. Ҷараёни содакунии забони шеър дар эҷодиёти шоир дида мешавад, ки ин албатта, талаби замон будааст. Дар ин росто, сабки нигориши вай фаҳмо, аз пӯшидагӯӣ дур ва мураккаббаёнӣ орист. Бо ин вижагӣ, сабки ашъори шоир тамоюл ба сабки қудамо, ба вижа сабки хуросонӣ дорад.

Истифодаи амалии ин нуктаҳои таҳқиқи дар мисоли рӯзгор ва осори Ғоиб Сафарзода метавонад маърифати адабии ихлосмандони адабиётро боло барад ва рушди бемайлони онро таъмин созад.

## РӮЙХАТИ АДАБИЁТ

I. Сарчашмаҳо:


1. Адибони Тоҷикистон. Маълумотнома Ғоиб Сафарзода [Матн] / Мураттиб: Гулназар Келдӣ. – Душанбе: Адиб, 2002.– 725 с.

2. Атоуллоева З. Меваи сабр. Шеърҳо [Матн] / З. Атоуллоева. – Душанбе: Адиб, 1988. – 64 с.

3. Барги сабз. Намунаи ашъори шоираҳои шинохта ва навқалами тоҷик. Мураттиб: Ваҳҳоб Одина [Матн] / О. Ваҳҳоб. – Душанбе: Адиб, 1987.– 256 с.

4. Ғоиб, Ҳақназар. Зинда бо гудозишҳо. Маҷмуаи ашъор [Матн] / Ҳақназар Ғоиб. – Душанбе: Адиб, 2004.– 256 с.

5. Ғоиб, Ҳақназар. Ашки офтоб [Матн] / Ҳақназар Ғоиб.– Душанбе: Адиб, 1999. – 272 с.

6. Ғоиб, Ҳақназар. Муждаҳои Ориёӣ [Матн] / Ҳақназар Ғоиб. – Душанбе, 2011.–185 с.

7. Ғоибов Муҳаммад. Шоҳи Ҳамадон. Кӯлоб [Матн] / Муҳаммад Ғоиб. –Кӯлоб, 1994. – 76 с.

8. Қаноат, Муъмин. Осори мунтахаб. Иборат аз ду ҷилд. Ҷилди дуюм, достонҳо (назм) [Матн] / Муъмин Қаноат. – Душанбе: Ирфон, 1982.– 189 с.

9. Қутбӣ, Киром. Чашми дил. Шеърҳо [Матн] / Қутбӣ Киром. – Душанбе: Ирфон, 1976. – 192 с.

10. Қутбӣ, Киром. Сари баланд. Осори мунтахаб [Матн] / Қутбӣ Киром. – Душанбе: Ирфон, 1982. – 452 с.

11. Мирзозода Х. Луғати мухтасари истилоҳоти адабиётшиносӣ [Матн] / Х. Мирзозода. – Душанбе: Маориф, 1992. – 237 с.

12. Муҳаммад Ғиёсуддин. Ғиёс-ул-луғот. Иборат аз се ҷилд.Ҷ.1. [Матн] /Таҳияи матн бо пешгуфтор, мулҳақот, тавзеҳот ва феҳристи А.Нуров.– Душанбе: Алиф–шин, 1987. – 480 с.

13. Муҳаммад Ғиёсуддин. Ғиёс-ул-луғот. Ҷилди 2. – Душанбе: Адиб, 1988. – 416 с.

14. Миршакар, Мирсаид. Исёни хирад. Достон ва шеърҳо [Матн] /М. Миршакар. – Душанбе: Ирфон, 1982. – 80 с.

15. Миршакар, Мирсаид. Силсилаи шеърҳо [Матн] / М. Миршакар. – Душанбе: Ирфон, 1970. – 383 с.

16. Писатели Таджикистана [Текст] (Изд. 4–е, исправленное и допольненное. – Душанбе: Ирфон, 1986. – 512 с.

17. Раҳимзода, Б. Куллиёт иборат аз ду ҷилд, ҷилди 1. Шеърҳои солҳои гуногун [Матн] / Б. Раҳимзода. – Душанбе: Ирфон, 1981. – 400 с.

18. Раҳимзода, Б. Офтоби сари кӯҳ [Матн] / Б. Раҳимзода. – Душанбе: Ирфон, 1988. – 159 с.

19. Сафарзода, Ғоиб. Корвони орзу. Маҷмуаи шеърҳо [Матн] / Ғ. Сафарзода. – Душанбе: Ирфон, 1962. – 90 с.

20. Сафарзода, Ғоиб. Ошёни офтоб. Маҷмуаи шеърҳо [Матн] / Ғ. Сафарзода. – Душанбе: Ирфон, 1972. – 70 с.

21. Сафарзода, Ғоиб. Мероси ҷавонӣ, таҳияи Шоҳайдар Ёдгорӣ [Матн] / Ғ. Сафарзода. – Душанбе: Ирфон, 1978. – 335 с.

22. Сафарзода Ғоиб. Ҷавонӣ, таҳияи Шоҳайдар Ёдгорӣ [Матн] / Ғ. Сафарзода. – Душанбе: Маориф, 1986. – 70 с.

23. Сафарзода Ғоиб. Мунтахабот, ҷилди 1. Мураттиб: Шоҳҳайдар Ёдгорӣ [Матн] / Ғ. Сафарзода. – Душанбе: Адиб, 2003, – 262 с.

24. Сафарзода Ғоиб. Мунтахабот, ҷилди 2. Мураттиб: Шоҳҳайдар Ёдгорӣ [Матн] / Ғ. Сафарзода. – Душанбе: Адиб, 2011, – 230 с.

25. Сафарзода Ғоиб. Чашмаи меҳр (Мунтахабот) [Матн] / Ғ. Сафарзода. – Душанбе: Шарқи озод, 2015. – 432 с.

26. Сафарзода Ғоиб. Таровати зиндагӣ дар зебоист! [Матн] /Ғ. Сафарзода// Тоҷикистони советӣ. 1968, 28 феврал.

27. Сафиева Гулрухсор. Руҳи Бохтар: Шеърҳо ва достонҳо [Матн] / Г. Сафиева. – Душанбе: Адиб, 1987. – 400 с.

28. Сафиева Гулрухсор. Оташи Суғд [Матн] / Г. Сафиева. – Душанбе: Ирфон, 1981. – 159 с.

29. Сафаров Ашӯр. Девон [Матн] / Ашӯр Сафаров. – Душанбе: Адиб, 2018. – 968 с.

30. Собир, Б. Аз гули хор то симхор [Матн] / Б. Собир. –Москва, 2003. – 255 с.

31. Салимшо, Ҳалимшо. Шеъру достонҳо. Бурҷи инсон [Матн] / Ҳ. Салимшо. – Душанбе: Ирфон, 1986.– 160 с.

32. Табаров С. Луғати русӣ–тоҷикии истилоҳоти адабиётшиносӣ [Матн] / С.Табаров. – Душанбе: Маориф, 1980. – 52 с.

33. Тазкираи адабиёти бачагона. Ҷилди 1. Назм. – Душанбе: Маориф, 1979.

34. Турсунзода М. Куллиёт. Иборат аз шаш ҷилд, ҷилди сеюм. Осори адабӣ–танқидӣ. Мураттиб: Ю.Бобоев [Матн] / М.Турсунзода. – Душанбе: Ирфон, 1979. – 428 с.

35. Турсунзода М. Асарҳои мунтахаб, шеърҳо. Куллиёт. Ҷ. 2 [Матн] / М.Турсунзода. –Сталинобод, 1962.

36. Турсунзода М. Асарҳои мунтахаб [Матн] / М.Турсунзода. – Сталинобод, 1955. – 411 с.

37. Турсунзода М. Гулчини ашъор [Матн] / М.Турсунзода. – Душанбе: Адиб, 2011. – 263 с.

38. Фарҳанги забони тоҷикӣ (аз асри X то ибтидои асри XX). – Ҷ. 1. – М.: Советская энциклопедия, 1969. – 951 с.

39. Фарҳанги забони тоҷикӣ (аз асри X то ибтидои асри XX). – Ҷ. 2. – М.: Советская энциклопедия, 1969. – 947 с.

40. Хайриддини Хайрандеш. Чархофалак [Матн] / Х. Хайриддин. – Душанбе: Ирфон. 2007. – 98 с.

41. Хайриддини Хайрандеш. Чархофалак, китоби 2 [Матн] / Х. Хайриддин. – Душанбе: Адиб, 2008. – 114 с.

42. Хайриддини Хайрандеш. Ғазалпайванд [Матн] / Х. Хайриддин. – Душанбе: 2007. – 107 с.

43. Ҳабибов А. Ганҷи парешон [Матн] / А. Ҳабибов. – Душанбе: Ирфон, 1984. – 304 с.

44. Ҳакимзода Саидҷон. Куллиёт [Матн] / Саидҷон Ҳакимзода. – Душанбе: Адиб, 2009. – 928 с.

45. Ҳодизода Р., Шукуров М., Абдуҷабборов Т. Луғати истилоҳоти адабиётшиносӣ [Матн] / Р. Ҳодизода, М. Шукуров, Т. Абдуҷабборов. – Душанбе: Ирфон, 1964. – 179 с.

46. Ҷавонии ҷовидон [Матн] / Мураттиб ва муҳаррир Зуҳра Сафарзода. – Душанбе: Шарқи озод, 2010. – 176 с.

47. Шералӣ, Лоиқ. Модарнома. Маҷмуаи шеърҳо. Мураттиб: Қиёмиддин Сатторӣ [Матн] / Лоиқ Шералӣ. – Душанбе: Адабиёти бачагона, 2014. – 76 с.

48. Шералӣ, Лоиқ. Дасти дуои модар [Матн] / Лоиқ Шералӣ. – Душанбе: Адиб, 1991. – 110 с.

49. Шералӣ, Лоиқ. Девони дил [Матн] / Лоиқ Шералӣ. – Душанбе: Адиб, 2006. – 492 с.

50. Шералӣ, Лоиқ. Куллиёт. Ҷилди 1. Ашъор [Матн] / Лоиқ Шералӣ. – Душанбе: Адиб, 2008. – 559 с.

51. Шералӣ, Лоиқ, Сафиева Гулрухсор, Ҳаким Аскар, Келдӣ, Гулназар. Рубоиёт [Матн] / Лоиқ Шералӣ, Гулрухсор Сафиева, Аскар Ҳаким, Гулназар Келдӣ. – Душанбе: 1992. – 128 с.

52. Шералӣ, Мастон. Раҳтӯша.Маҷмуаи шеърҳо [Матн] / М.Шералӣ. – Душанбе: Ирфон, 1977. – 144 с.

53. Шералӣ, Мастон. Илҳом [Матн] / М. Шералӣ. – Душанбе: Ирфон, 1968. –39 с.

54. Энсиклопедияи советии тоҷик. Ҷилди 6. – Душанбе, 1986. – 634 с.

55. Энсиклопедияи адабиёт ва санъат. Иборат аз 3 ҷилд. Ҷилди 3. – Душанбе, 2004. – С.110-111.

56. Юсуфӣ, Ҳабиб. Маҷмуаи шеърҳо [Матн] / Ҳабиб Юсуфӣ. – Душанбе: Нашриёти давлатии Тоҷикистон, 1962. – 81 с.

II. Адабиёти илмӣ-таҳқиқотӣ

57. Абибов А. Чи шеъру шоироне ноаён мондаанд [Матн] / А. Абибов// Маориф ва маданият. 1978, 15 июл.

58. Акбарзода Ю. Ӯ меваи нахли орзу ночида…[Матн] / Ю. Акбарзода// Таҳқиқи шеър аз нигоҳи нав. Мақолаҳо. – Душанбе: Адиб, 2004. –198 с.

59. Акбаров Юсуф. Созҳои ҳамнаво [Матн] /Юсуф Акбаров//Садои Шарқ. 1971, №12. – С. 125-134.

60. Акбаров Ю. Шеъри эҳсос ва тафаккур [Матн] / Ю. Акбаров. – Душанбе: Ирфон, 1985. – 240 с.

61. Акбаров Ю. Қисмати инсон ва қисмати шеър [Матн] / Ю. Акбаров. – Душанбе: Дониш, 1980. –195 с.

62. Акбарзода Ю. Шеъри тоҷикии нимаи дуюми садаи бист [Матн] / Ю. Акбарзода. – Душанбе: Адиб, 2011. –320 с.

63. Акбарзода Ю. Таҳқиқи шеър аз дидгоҳи нав [Матн] / Ю. Акбарзода. – Душанбе: Адиб, 2004. – 104 с.

64. Акбарзода Ю. Нубуғи шоир ва булуғи шеър [Матн] / Ю. Акбарзода.– Хуҷанд, 2003. –125 с.

65. Асозода Худойназар. Адабиёти тоҷик дар садаи XX [Матн] /Худойназар Асозода. – Душанбе: Маориф, 1999. – 448 с.

66. Асозода Худойназар. Таърихи адабиёти тоҷик [Матн] / Асозода Худойназар. – Душанбе: Маориф ва фарҳанг, 2014. –1013.

67. Асозода Х. Адабиёти форсӣ ва се шохаи он [Матн] / Х. Асозода. – Душанбе: Маориф, 1991. –128 с.

68. Асозода Х., Кӯчаров А. Адабиёти тоҷик (китоби дарсӣ барои синфи 11) [Матн] / Х. Асозода, А. Кӯчаров. – Душанбе, 2007. – 400 с.

69. Афсаҳов А. Ташбеҳ [Матн] // Энсиклопедияи адабиёт ва санъати тоҷик. Ҷилди 3/ А. Афсаҳов. – Душанбе, 2004. – 181 с.

70. Белинский В.Г. Собрание сочинений [Текст] / В.Г. Белинский – М., 1948.

71. Бобоев Ю. Муқаддимаи адабиётшиносӣ [Матн] / Ю. Бобоев.– Душанбе: Ирфон, 1974. – 240 с.

72. Ваҳҳобов Р. Поэтикаи вазн ва хусусиятҳои ритмии назми муосири тоҷик [Матн] / Р.Ваҳҳобов. – Душанбе: Ирфон, 2009. 200 с.

73. Горкий М. О литературе [Текст] / М. Горкий. М.: 1953. – 745 с.

74. Ғаффоров Р. Нависанда ва замон [Матн] / Р. Ғаффоров. – Душанбе: Ирфон, 1977. – 275 с.

75. Давронов С. Вазни ашъори Абулқосим Лоҳутӣ [Матн] [Матн] С.Давронов. – Душанбе: Дониш, 1974. – 164 с.

76. Ёдбуд. Гулчини мақолоту ёдномаҳо ва шеърҳо (Ба хотираи шоир ва рӯзноманигор Сафарзода Ғоиб). – Восеъ, 1991. – 49 с.

77. Ёдгорӣ, Ш. Шоир ва рӯзноманигор [Матн] / Ш. Ёдгорӣ//Садои мардум. 1992, 7 феврал.

78. Ёдгорӣ, Шоҳҳайдар. Рӯзноманигор, шоир ва тарҷумон [Матн] / Ш. Ёдгорӣ. //Мунтахаботи Ғоиб Сафарзода.– Душанбе: Адиб, 2003. – С. 20.

79. Зарринкӯб, А. Ёддоштҳо ва андешаҳо [Матн] / А.Зарринкӯб. – Теҳрон, 1369.

80. Зеҳнӣ, Турақул. Санъатҳои бадеӣ дар шеъри тоҷикӣ [Матн] / Т. Зеҳнӣ. –Сталинобод, 1960. – 310 с.

81. Зеҳнӣ, Турақул. Санъати сухан [Матн] / Т. Зеҳнӣ. – Душанбе: Адиб, нашри чорум, 2007. – 400 с.

82. Зиё, Абдулло. Дар миёни ду мавҷи азим [Матн] /Абдулло Зиё// Ҷумҳурият. 2004, 19 июн.

83. Келдӣ, Гулназар. Замини барӯманди шеър [Матн] / Гулназар Келдӣ// Садои Шарқ. 1976, № 4. – С. 145-155.

84. Қаноат, Муъмин. Андешаҳо оид ба шеъри имрӯз. (Мусоҳибаи Сафар Абдулло бо шоир) [Матн] / М. Қаноат// Садои Шарқ. 1982, № 8. – С.16.

85. Маъсумӣ, Н. Равнақи адабиёти тоҷик дар давраи баъди ҷанг ва омилҳои асосии он [Матн] /Н. Маъсумӣ // Масъалаҳои адабиёти муосири тоҷик.– Душанбе: Ирфон, 1970. – С. 40-45.

86. Меҳмон, Бахтӣ. Ӯ шоире буд бо ғуруриі шоиста [Матн] / Б. Меҳмон// Ҷавонии ҷовидон. Мураттиб ва муҳаррир Зуҳра Сафарзода. – Душанбе: Шарқи озод, 2010. – С.10-11.

87. Мирхоҷа, Ато. Истиқлол ба адибон чӣ дод? [Матн] / Ато Мирхоҷа// Садои Шарқ. 2015, №9. – С. 3-5.

88. Мусулмониён, Р. Назарияи адабиёт [Матн] / Р. Мусулмониён. – Душанбе: Маориф, 1990. – 334 с.

89. Мусулмонқулов Р. Асрори сухан [Матн] / Р. Мусулмонқулов. – Душанбе: Ирфон, 1980. – 152 с.

90. Мусулмонқулов Р. Назарияи ҷинсҳо ва жанрҳои адабӣ [Матн] / Р. Мусулмонқулов. Душанбе: Маориф, 1987. – 88 с.

91. Мирзозода Х., Сайфуллоев А., Абдуманонов А. Таърихи адабиёти советии тоҷик. Назму насри солҳои 20. Инкишофи жанрҳо иборат аз шаш ҷилд, ҷилди 1 [Матн] / Х. Мирзозода, А. Сайфуллоев, А. Абдуманонов. – Душанбе: Дониш, 1984. – 356 с.

92. Нарзиқул, Мисбоҳиддин. Фурӯғи ҳастӣ [Матн] / М. Нарзиқул. – Душанбе: Адиб, 2002. – 120 с.

93. Нарзиқул, Мисбоҳиддин. Муқаддимаи шеършиносӣ (Вазни шеър) [Матн] / М. Нарзиқул. – Душанбе: Сино, 2004. – 80 с.

94. Накҳат Саидӣ. Шеъри нав дар Афғонистон [Матн] /Накҳат Саидӣ//Садои Шарқ. 1968, №2. – С. 110-118.

95. Набиев А. Адабиёт ва нақди адабӣ [Матн] / А.Набиев.– Душанбе: Адиб, 1993.–260 с.

96. Отахонова Хуршеда. Назми тоҷик дар соли 1966 [Матн] / Х. Отахонова// Садои Шарқ. 1967, № 6. – С. 90-103.

97. Отахонова Хуршеда. Падидаҳои навҷӯӣ [Матн] / Х. Отахонова. – Душанбе: Ирфон, 1972. – 175 с.

98. Раҳмонов Ш. Мусаммат, ташаккул ва таҳаввули он [Матн] / Ш. Раҳмонов. – Душанбе: Дониш,1987. – 172 с.

99. Раҳмонов Ш. Шеър ва Айнӣ [Матн] / Ш. Раҳмонов. – Душанбе: Маориф, 1994. – 192 с.

100. Раҳмонов Ш. Таҳаввули воҳидҳо ва созмони жанрҳои лирикӣ дар назми форсу тоҷик [Матн] / Ш. Раҳмонов. – Душанбе: Пайванд, 2010. – 300 с.

101. Рафеъзод Р. Ташнаи ишқу набард [Матн] /Р. Рафеъзод// Ҷавонони Тоҷикистон. 2008, 19 феврал.– С. 2.

102. Раҷаб, Мардон. То ба охир ҷоми дасташро нахӯрд [Матн] / М. Раҷаб// Садои Шарқ. 2015, № 9. –С. 14-44.

103. Розӣ, Шамси Қайс. Алмуҷамъ. Муаллифи сарсухану тавзеҳот ва ҳозиркунандаи чоп Урватулло Тоиров [Матн] / Шамси Қайси Розӣ. – Душанбе: Адиб, 1991.– 464 с.

104. Сайфуллоев А. Назаре ба таърихияти назми муосир [Матн] //А. Сайфуллоев// Садои Шарқ. 1976, №11. – С. 126-137.

105. Самад, Абдулҳамид. Чонсӯзу фариштахӯй. Санги маҳак ва тарозуи ҳунар [Матн] / А. Самад. – Душанбе: Адиб, 2013. – 368 с.

106. Самад, Абдулҳамид. «Уқобе буд…» [Матн] / А. Самад// Ҷавонии ҷовидон. Мураттиб ва муҳаррир Зуҳра Сафарзода.– Душанбе: Шарқи озод, 2010. – С.176.

107. Сатторов Абдунабӣ. Нуқтаи пайванд [Матн] / А. Сатторов. – Душанбе: Ирфон, 1982. – 238 с.

108. Саъдуллоев Асадулло. Ғоиб ҳамеша бо мост [Матн] / А. Саъдуллоев// Ҷавонии ҷовидон. Мураттиб ва муҳаррир Зуҳра Сафарзода.– Душанбе: Шарқи озод, 2010. – С.31.

109. Сирус, Баҳром. Арузи тоҷикӣ [Матн] / Б. Сирус. – Душанбе, 1963. – 286 с.

110. Сирус, Баҳром. Қофия дар назми тоҷик [Матн] / Б. Сирус. – Сталинобод: 1955. – 186 с.

111. Сирус, Баҳром. Назарияи навъи қофиябандӣ дар назми тоҷик [Матн] / Б. Сирус. – Душанбе: Ирфон, 1972. – 47 с.

112. Солеҳов М. Аруз ва омӯзиши он [Матн] / М.Солеҳов. – Душанбе: Илм ва адаб, 2005. – 107 с.

113. Табаров С. Ҳаёт, адабиёт, реализм. Китоби дуюм [Матн] / С.Табаров. – Душанбе: Ирфон, 1978. – 221 с.

114. Табаров С. Ҳаёт, адабиёт, реализм. Китоби сеюм [Матн] / С.Табаров. – Душанбе: Ирфон, 1983. – 208 с.

115. Табаров С. Ҳаёт, адабиёт, реализм. Китоби чорум [Матн] / С.Табаров. – Душанбе: Ирфон, 1984.

116. Худойдодов Б. Шоир ва айёми мо [Матн] / Б. Худойдодов. – Душанбе: Ирфон, 1976. – 192 с.

117. Худойдодов А. Холиқ Мирзозода ва адабиётшиносии тоҷик дар садаи ХХ [Матн] / А. Худойдодов.– Душанбе: Дониш, 2014.– 364 с.

118. Ҳаким, Аскар. Образ ва тасвир дар шеър [Матн] / Аскар Ҳаким//Садои Шарқ. 1972, № 9. – С. 136 – 142.

119. Ҳакимов Аскар. Шеър ва замон [Матн] / Аскар Ҳаким. – Душанбе: Ирфон, 1978. – 238 с.

120. Ҳусейнзода Ш. Дар бораи баъзе майлҳо дар шеъри муосири тоҷик [Матн] / Ш. Ҳусейнзода//Маориф ва маданият.1966, 17 апрел. – С. 4.

121. Ҳусейнзода Шарифҷон. Гуфтор аз ганҷи сухан [Матн] / Ш.Ҳусейнзода. – Душанбе: Ирфон, 1985. – 221 с.

122. Ҳамроҳ, Равшан. Падидаҳои ҳунарӣ дар шеъри Гулназар [Матн] / Равшан Ҳамроҳ. – Душанбе: Ирфон, 2018. – 192 с.

123. Ҷалолов С. Навдаҳои бишкаста дар боғи пургул [Матн] /С.Ҷалолов // Ҷавонии ҷовидон. Мураттиб ва муҳаррир Зуҳра Сафарзода. – Душанбе: Шарқи озод, 2010. – С. 86.

124. Шарифов Худоӣ. Мазмун ва ифода дар шеъри имрӯзаи тоҷик [Матн] / Х. Шарифов// Садои Шарқ. 1983, № 3. – С. 107-113.

125. Шарифов Худоӣ. Каломи бадеъ [Матн] / Х. Шарифов. – Душанбе: Маориф, 1991. – 159 с.

126. Шарифов Х. Ташбеҳ [Матн] /Х. Шарифов// Энсиклопедияи советии тоҷик. Ҷ.7. – Душанбе: 1987. – С.280

127. Шарифов Х., Давронов С. Мақтаъ // Энсиклопедияи адабиёт ва санъати тоҷик. Ҷ. 2 [Матн] /Х. Шарифов, С. Давронов.– Душанбе: 1989. – С.559

128. Шарифов Х., Тоиров У. Назмшиносӣ [Матн] / Х.Шарифов, У.Тоиров. – Душанбе: Ҳумо, 2005. – 378 с.

129. Шафеӣ, Муҳаммадризо Кадканӣ. Сувари хаёл дар шеъри форсӣ [Матн] / Муҳаммадризо Шафеии Муҳаммадризо. –Теҳрон, 1350. – 588 с.

130. Шафиев Фарҳод. Ашӯр Сафар ва муҳити адабии Кӯлоб. (Нимаи дуюми асри XX) [Матн] / Фарҳод Шафиев. – Душанбе: Шуҷоиён, 2011. – 162 с.

131. Шукуров М. Мавзуи ҳозиразамон ва заминаи классикии назм. Анъана, халқият ва маҳорат [Матн] / М. Шукуров. – Душанбе: НДТ, 1964.

132. Шукуров М. Сухан аз лирика ва мазмуни ҳаётии он масъалаҳои адабиёти муосири тоҷик [Матн] / М. Шукуров. – Душанбе: Ирфон, 1970. – 215 с.

133. Шукуров М. Паҳлӯҳои тадқиқи бадеӣ [Матн] / М. Шукуров. – Душанбе: Ирфон, 1976. – 271 с.

134. Шукуров М. Ҳар сухан ҷоеву ҳар нукта мақоме дорад [Матн] / М. Шукуров. – Душанбе: Ирфон, 1985. – 368 с.

135. Шукуров М. Анъана, халқият ва маҳорат [Матн] / М. Шукуров. – Душанбе: Нашриёти давлатии Тоҷикистон, 1964. – 231 с.

136. Шукурзода Мирзо. Диле дар синаи миллат [Матн] / М. Шукуров // Ҷавонии ҷовидон. Мураттиб ва муҳаррир Зуҳра Сафарзода. – Душанбе: Шарқи озод, 2010. – С. 51-52.

137. Шердӯст, А. Чашмандози шеъри имрӯзи тоҷик [Матн]/ А.Шеърдӯст. – Душанбе: Адиб, 1997. – 272 с.

## НАШРИ ТАЪЛИФОТИ ИЛМӢ ДАР МАВЗУИ ДИССЕРТАТСИЯ

I. Таълифоти муаллиф дар маҷаллаҳои илмии тақризшавандаи КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон:


[1-М]. Мирзоева М.М. Васфи зодгоҳу меҳан дар эҷодиёти Ғоиб Сафарзода (Муҳаббат нисбат ба зодгоҳ на муҳаббатест кӯчак) [Матн] /М.М. Мирзоева //Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон (маҷаллаи илмӣ). Бахши филология. – Душанбе: Сино, 2016. –№4/1 (195). – С.186-190.

[2-М]. Мирзоева М. М. Васфи зодгоҳу меҳан дар эҷодиёти Ғоиб Сафарзода (Ҳастии Ватан ҳаёту пайванди ман аст) [Матн] /М.М. Мирзоева //Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон (бахши филология). – Душанбе: Сино, 2016. – №4/2 (199). – С. 201-205.

[3-М]. Мирзоева М. М. Шоире бо шеъри баландпарвоз (Бахшида ба 75-солагии Ғоиб Сафарзода) [Матн] /М.М. Мирзоева //Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон (бахши филология). – Душанбе: Сино, 2016. – №4/3 (203). – С. 194-205.

[4-М]. Мирзоева М. М. Нақши қофия ва радиф дар ашъори Ғоиб Сафарзода [Матн] /М.М. Мирзоева //Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон (бахши филология). – Душанбе, 2022. – №1 (203). – С. 205-210.

[5-М]. Мирзоева М. М. Ҷойгоҳи санъатҳои бадеӣ дар ашъори Ғоиб Сафарзода [Матн] /М.М. Мирзоева //Паёми Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ (бахши илмҳои филология). – Душанбе, 2023. – №1 (30) – С. 99-105.


**II.Таълифоти муаллиф дар маҷмуаҳо ва нашрияҳои дигар илмӣ:**


[6-М]. Мирзоева М. М. Мавзуи васфи баҳору наврӯз дар ашъори Ғоиб Сафарзода (Бахшида ба 70-солагии ДДК) [Матн] /М.М. Мирзоева // Паёми Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ (маҷаллаи илмӣ). – Кӯлоб, 2015. – №2 (13). – С. 287-292.

[7-М]. Мирзоева М. М. Ғоиб Сафарзода шоир, тарҷумон ва рӯзноманигори равшанбаён» [Матн] /М.М. Мирзоева //Нақши Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ дар тайёр намудани мутахассисон. Маҷмуаи илмӣ (2) бахшида ба 70 – солагии донишгоҳ. – Кӯлоб, 2015. – С. 497-500.

[8-М]. Мирзоева М. М. Васфи зодгоҳу меҳан дар эҷодиёти Ғоиб Сафарзода [Матн] /М.М. Мирзоева //Маҳсули андеша (маҷмуаи мақолаҳои илмӣ). – Душанбе, 2015. – С. 34-39.

[9-М]. Мирзоева М. М. Ситоиши зан-модар ва зан-маҳбуба дар эҷодиёти Ғоиб Сафарзода [Матн] /М.М. Мирзоева //Паёми Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ (маҷаллаи илмӣ). – Душанбе: Промэкспо, 2016. – №2 (15). – С.172-178

[10-М]. Мирзоева М. М. Бозтоби масъалаҳои иҷтимоӣ-фалсафӣ дар эҷодиёти Ғоиб Сафарзода [Матн] /М.М. Мирзоева //Маводи конференсияи илмӣ-амалӣ бахшида ба 80 – солагии Саидҷон Ҳакимзода. – Душанбе: Промэкспо, 2019. – С.183-190.

[11-М]. Мирзоева М. М. Жанрҳои ашъори Ғоиб Сафарзода [Матн] /М.М. Мирзоева //Международная научного-практическая конференция. Сборник докладов. – Душанбе: РТСУ, 2019. – С.551-557.

[12-М]. Мирзоева М. М. Ғоиб Сафарзода рӯзномнигор [Матн] /М.М. Мирзоева //Маводи конференсияи илмӣ-амалӣ бахшида ба 75 – солагии Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ. – Кӯлоб, 2020. – С.143-145.

[13-М]. Мирзоева М. М. Фаъолияти публитсистии Ғоиб Сафарзода [Матн] /М.М. Мирзоева //Маводи конференсияи ҷумҳуриявии илмӣ-амалии дар мавзуи «Масъалаҳои рушди публитсистика ва методикаи таълими журналистикаи муосир» бахшида ба 30 – солагии Истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон. – Кӯлоб, 2020. – С. 74-80.